СУХАНИ ПЕШВО

# МО БОЯД БА ХОТИРИ ФАРДОИ ОБОДИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА СИДҚАН БА ИЛМУ МАОРИФ РӮ ОВАРЕМ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш**

**01.09.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони гиромӣ!**
**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**
**Устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар оғози соли таҳсил таҷлил намудани Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти низоми маорифи кишвар ба яке аз анъанаҳои неки умумимиллӣ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Якуми сентябри ҳар сол садҳо ҳазор кӯдакони хушбахти замони истиқлол аввалин маротиба ба остонаи муассисаҳои таълимӣ қадам мегузоранд ва ба омӯзиши саводу дониш, одобу ахлоқ ва илму маърифат оғоз менамоянд.

Дар ин лаҳзаҳои хотирмону фараҳбахш тамоми хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва аҳли илму маорифи мамлакат, бахусус, 250 ҳазор кӯдаконеро, ки имрӯз дар фазои истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва бо умеду орзуҳои зиёд ба муассисаҳои таълимӣ қадами нахустин гузоштанд, самимона табрик мегӯям.

Мулоқоти имрӯзаи мо ба ифтихори соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш дар бинои навбунёди муассисаи таҳсилоти умумии рақами 19-и шаҳри Душанбе, ки яке аз калонтарин муассисаҳои таълимӣ дар пойтахти мамлакат ба шумор рафта, дар он беҳтарин шароити илму донишомӯзӣ муҳайё карда шудааст, баргузор мегардад.

Мактаби мазкур аз чор ошёна ва 75 синфхона иборат буда, 3500 нафар хонандаро ба таҳсил фаро мегирад.

Омӯзгорону хонандагони ин муассисаи зебои замонавӣ ва падару модарони арҷмандро ба муносибати ифтитоҳи он табрик гуфта, ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, соҳибкори ватанӣ, меъморону муҳандисон ва сохтмончиён, ки ин боргоҳи илму маърифатро бо сифати баланд бунёд кардаанд, барои ташаббуси ватандӯстона ва заҳмати софдилонаашон изҳори миннатдорӣ менамоям.

Ҳамчунин, ба омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, аз ҷумла мактаби имрӯз ифтитоҳгардида таъкид месозам, ки бо истифода аз шароиту имкониятҳои беҳтарине, ки аз ҷониби давлат ва Ҳукумати мамлакат барои онҳо муҳайё карда шудаанд, бо сатҳи баланди масъулият, саводу маърифат, хониши намунавӣ ва одобу ахлоқ бояд намунаи ибрати дигарон бошанд.

Зеро онҳо сокинони пойтахти мамлакат мебошанд ва пойтахт на фақат маркази маъмурӣ, балки оинаи миллати куҳанбунёди тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли мост.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки дар зарфи чанд рӯзи охир дар шаҳри Душанбе панҷ муассисаи таълимӣ, ки дар доираи сиёсати бунёдкоронаи давлату Ҳукумати мамлакат бунёд гардидаанд, ба фаъолият оғоз карданд, ки саҳми назаррас дар рушди соҳаи маорифи мамлакат мебошанд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои 2017 – 2023 дар шаҳри Душанбе барои 72 000 нафар хонандагон мактабҳои замонавии дорои шароиту имкониятҳои беҳтарин бунёд ва ба истифода дода шудаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тасмим гирифтаанд, ки танҳо дар соли ҷорӣ барои беш аз 12 ҳазор нафар фарзандони сокинони пойтахт муассисаҳои муосири таълимӣ бунёд карда, шароити таълиму тадрисро дар пойтахти мамлакат бамаротиб беҳтар гардонанд.

Илова бар ин, ҳоло дар шаҳри Душанбе сохтмони боз 24 муассисаи нави таълимӣ барои 47 ҳазор нафар хонанда ва 55 муассисаи томактабӣ барои 11 ҳазору 500 нафар кӯдак босуръат идома дорад.

Ин рақамҳо барои роҳбарони вилоятҳо ва дигар шаҳру ноҳияҳо бояд намунаи ибрат бошанд, омӯзанд, дар ин самт корро мисли пойтахти мамлакат ҷиддӣ ташкил кунанд.

Хотирнишон менамоям, ки ин ҳама пешрафту ободиҳо ва ғамхорӣ дар ҳаққи наслҳои наврас самараи истиқлолу озодии давлат, сулҳу оромии мамлакат ва азму иродаи созандаи сокинони пойтахт мебошад.




**Ҳамватанони азиз ва ҳозирини гиромӣ!**

Чун анъанаи нек бо дарси сулҳ оғоз гардидани соли таҳсил дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои хонандагону донишҷӯёни кишвар аҳаммияти басо муҳимми таълимиву тарбиявӣ дорад.

Зеро танҳо дар сурати барқарор будани сулҳу суботи комил ва оромиву амният ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла, раванди таълиму тарбия ба таври муътадил идома пайдо мекунад.

Яъне, амалӣ гардидани ниятҳои неки ҳар як инсон ва нақшаву барномаҳои созандаи давлату ҷомеа фақат дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ имконпазир мебошад.

Вале тавре ки мушоҳида мегардад, вақтҳои охир ва хусусан, чор – панҷ соли охир дар дунё бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо, ки бо мақсади аз нав тақсим кардани ҷаҳон дар шакли мухолифатҳои сиёсиву низомӣ, ярокнокшавии бошитоб ва «ҷанги сард» роҳандозӣ гардидааст, рӯз ба рӯз шиддат гирифта истодааст.

Танҳо дар навори Ғаззаи Фаластин тайи муддати камтар аз як сол беш аз 45 ҳазор одамон кушта шуданд, ки зиёда аз 17 ҳазори онҳоро кӯдакон, яъне онҳое, ки ҳазорон умеду орзу доштанд, бояд дарс мехонданду илму дониш, касбу ҳунар меомӯхтанд ва ба ҳаёти мустақилона омода мешуданд, ташкил медиҳанд.

Имрӯзҳо мову шумо аз расонаҳои хабарӣ огоҳем, ки дар дигар нуқтаҳои даргири олам низ ҳазорон нафар одамони бегуноҳ қурбони манфиатҳо ва бозиҳои геосиёсии кишварҳои абарқудрат шуда истодаанд.

Дар ин раванд, авҷи исломситезиву мусулмонбадбинӣ ва тафриқаандозӣ миёни дину мазҳабҳо ба омили дигари хатарзо табдил ёфта, боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи башарӣ гардидааст.

Ин вазъият дар ҳоле идома дорад, ки сокинони сайёра аз таъсири тағйирёбии босуръати иқлим, гармшавии бесобиқаи ҳаво ва оқибатҳои ногувори он – камобиву хушксолӣ, офатҳои табиӣ, нарасидани маводи ғизоӣ, болоравии нархи молу маҳсулот ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ азият мекашанд.

Кор ҳатто ба ҷое расидааст, ки имрӯзҳо баъзе сиёсатмадорон ва доираҳои коршиносӣ дар бораи эҳтимоли сар задани ҷанги ҳастаӣ сухан меронанд.

Дар чунин шароите, ки таърихи инсоният ба давраи ниҳоят ҳассосу пешгӯинашаванда расидааст, барои ҷомеаи башарӣ таҳаммулгароӣ, саъю талош ба хотири ҳифзи сулҳ дар сайёра, гуфтугӯи тамаддунҳо ва густариши ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва халқҳо ба хотири ҳамзистии осоиштаи мардумони олам аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст.

Мардуми Тоҷикистон, ки солҳои 90-уми асри гузашта даҳшату фоҷиаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд, хуб медонанд, ки сулҳу субот ва амнияту оромӣ барои ҳар як шахс ва ҳар як оила чӣ қадру манзалат ва арзишу аҳаммият дорад.

Осори ин ҷанги пурфоҷиа дар иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат то ба ҳол баръало эҳсос ва мушоҳида мегардад.

Наврасону ҷавонони мо бояд донанд, ки беш аз 150 ҳазор ҳалокшудагон, 55 ҳазор кӯдакони ятиммонда, қариб якуним миллион гурезаҳои

СУХАНИ ПЕШВО



иҷборӣ, садҳо ҳазор манзили истиқоматӣ, мактабҳо ва дигар иншооти иҷтимоии сӯхтаву харобгардида, тарки ватан кардани садҳо ҳазор мутахассисон, олимону донишмандон, аз ҷумла, омӯзгорони соҳибтаҷриба натиҷаҳои харобиовари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мебошанд.

Инчунин, садҳо миллиард сомонӣ ҳисороти моддӣ ва даҳшатноктар аз ҳама, зарбаи ҷонкоҳи маънавӣ ба руҳу равони мардуми мамлакат зарари ҷанги таҳмилии шаҳрвандист, ки аз ноогоҳии сиёсии мардум ва суистифода аз зиёдаравӣ дар дину эътиқод ба сари давлати ҷавони тоҷикон омада буд.

Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем, ки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии ба қимати ҷони даҳҳо ҳазор ҳамватанонамон бадастомадаро ҳифзу эҳтиёт кунем ва дар шароити бесуботи ҷаҳон барои ҳимояи истиқлолу озодии давлат ва Ватани маҳбубамон ҳамеша кӯшишу талош намоем.

Мо бояд бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, радикализм ва хурофоту таассуби динӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, ифротишавии ҷомеа мубориза барем.

Маҳз ба ҳамин хотир мо се қонуни миллӣ – дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим, дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро қабул кардем, ки мардумамонро аз хавфу хатарҳои замони муосир эмин нигоҳ дорем, то онҳо дигарбора ба доми фиреби хоинони Ватану миллат гирифтор нашаванд.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки қонунҳои зикршуда на фақат ҷанбаи иҷтимоиву иқтисодӣ, балки аҳаммияти сиёсиву амниятӣ низ доранд.

Зеро онҳо, пеш аз ҳама, ба ҳимояи манфиатҳои мардуми камбизоат равона гардида, василаи муҳимми таъмин намудани амнияти давлат ва оромии ҷомеа мебошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз масъалаҳои мактабу маориф ва омӯзгору хонанда таҳти таваҷҷуҳу ғамхории аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва таҷдиду навсозӣ дар ҳама самтҳои он бомаром идома дорад.

То имрӯз бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти соҳа садҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, амалӣ шуда истодаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ маблағгузории соҳаи маориф сол ба сол зиёд карда шуда, вазъи соҳа ва кормандони муассисаҳои таълимӣ мунтазам беҳтар гардида истодааст.

Дар ин давра, илова ба хароҷот аз буҷети давлат дар соҳаи маориф 30 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 3,5 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло боз 11 лоиҳаи дигар дар ҳаҷми 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Агар соли 2000-ум ба соҳаи маориф ҳамагӣ 42 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2005 ба 253 миллион, соли 2010 ба зиёда аз 1 миллиард, соли 2015 ба 2,5 миллиард, соли 2020 ба 5,5 миллиард ва дар соли 2024 ба 8 миллиарду 231 миллион сомонӣ расонида шуд, ки 5,7 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва

18,9 фоизи хароҷоти умумии буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ музди меҳнати кормандони соҳаи маориф 21 маротиба баланд бардошта шуд.

Аз 1-уми июли соли ҷорӣ маоши кормандони соҳа боз ба андозаи 40 фоиз зиёд гардид. Яъне маоши онҳо то имрӯз қариб ҳашт баробар зиёд гардид.

Мо хуб дарк мекунем, ки маблағгузорӣ ба неруи инсонӣ ва пеш аз ҳама, ба таълиму тарбияи наврасону ҷавонони мамлакат беҳтарин ва самарабахштарин сармоягузорӣ мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар кишвар сохтмону азнавсозии 3 ҳазору 648 бинои муассисаи таълимӣ барои як миллиону 600 ҳазор хонанда анҷом дода шуд.

Дар натиҷа қисми зиёди мактабҳои аз замони гузашта боқимонда ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ гардонида, ба мактабҳои замонавӣ табдил дода шуданд, мактабҳои навбунёд бо беҳтарин шароиту имкониятҳо таъмин гардиданд ва ин кор ҳоло бомаром пеш рафта истодааст.

Соли ҷорӣ сохтмону азнавсозии 370 бинои муассисаи таълимӣ барои беш аз 150 ҳазор хонанда идома дорад.

Танҳо дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар мамлакат 37 бинои муассисаи таълимӣ барои 15 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуда, сохтмони 200 бинои муассисаи таълимӣ барои беш аз 60 ҳазор хонанда бомаром ҷараён дорад, ки то охири соли равон мавриди истифода қарор дода мешавад.

Аммо корҳои то имрӯз амалигардида, бо дарназардошти афзоиши босуръати аҳолӣ, ҳоло ҳам қонеъкунанда нестанд ва моро зарур аст, ки корро дар ин самт боз ҳам вусъат бахшем.

Илова бар ин, ҳанӯз дар кишвар 314 бинои муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 378 бинои муассисаи таълимӣ ба таъмири асосӣ ниёз дорад ва дар 50 муассисаи таҳсилоти умумӣ хонандагон дар се баст таълим мегиранд.

Бинобар ин, зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати маориф ва илм ҷиҳати то ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ бартараф кардани масъалаву мушкилоти дар ин самт ҷойдошта тадбирҳои мушаххас ва фаврӣ андешида шаванд.

Бояд гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар қаламрави кишвар, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ, яъне барои наврасону ҷавонон беш аз 11 ҳазор иншооти варзиш бунёд карда шуд. Вале тибқи мушоҳидаҳо нигоҳубин ва истифодаи самараноки онҳо қонеъкунанда нест.

Аз ин рӯ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои марказӣ ва маҳаллии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бояд ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва доимӣ зоҳир намоянд.

**Муҳтарам аҳли маориф!**

Бо дарназардошти он ки зинаи таҳсилоти томактабӣ барои ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон марҳалаи хеле муҳим ба ҳисоб меравад, мо ба бунёди муассисаҳои томактабӣ эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода истодаем.

Шумораи ин муассисаҳо соли ҷорӣ ба 720 расида, дар онҳо зиёда аз 105 ҳазор нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Аз ин шумора 169 муассиса ва 33 ҳазор кӯдакон танҳо ба шаҳри Душанбе рост меоянд.

Вале ин ҳанӯз хеле кам мебошад, зеро фарогирии кӯдакон дар миқёси кишвар ҳамагӣ 22 фоизро ташкил медиҳад.

Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025» қабул гардидааст, ки аз оғози татбиқи он қариб чор сол гузашт.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалишавии бахшҳои ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дахлдошта боиси нигаронӣ мебошад.

Тибқи ин барнома бояд ҳар сол дар кишвар аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва бахши хусусӣ беш аз 100 муассисаи томактабӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Вале то имрӯз аз 68 шаҳру ноҳия ҳамагӣ дар 34 шаҳру ноҳия 82 муассисаи томактабӣ сохта шудааст.

Ба таври зарурӣ маблағгузорӣ нагардидани барнома сабаби асосии чунин вазъ мебошад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки зимни пешбурди корҳо ба истиқболи ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар масъалаи бунёди муассисаҳои томактабӣ масъулияти бештар зоҳир намуда, сохтмони ин гуна муассисаҳоро тезонанд.

Дар баробари ин, афзоиши аҳолӣ низ масъулинро водор месозад, ки сохтмони муассисаҳои томактабӣ ва таъсиси шаклҳои алтернативи фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабиро вусъат бахшида, талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 дар хусуси то ин давра ба 50 фоиз расонидани фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ иҷро намоянд.

Зарур аст, ки иҷрои нақша бо ҷалби имкониятҳои буҷети маҳаллӣ, соҳибкорону шахсони саховатпеша, фаъолон ва аҳолӣ таъмин карда шавад.

Кумитаи сохтмон ва меъморӣ лоиҳаи муассисаҳои томактабиро, бахусус, барои деҳаву маҳаллаҳои аҳолинишин бо дарназардошти шароит ва шумораи аҳолӣ таҳия ва ба сохторҳои марбута пешниҳод намояд.

Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, таъмини шарикии давлат ва бахши хусусӣ Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022 – 2027 тасдиқ гардидааст.

Тибқи ин барнома дар кишвар бунёди 264 муассисаи томактабии хусусӣ пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо ҷалби соҳибкорон, дигар шахсони эҳсонкор ва падару модарон ҷиҳати иҷрои барномаи зикршуда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба сохтору мақомоти дахлдор дастур дода мешавад, ки доир ба таъсиси шабакаи алоҳидаи телевизионии таълими забонҳои хориҷӣ (махсус барои кӯдакон) чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Зинаи таҳсилоти миёнаи асосӣ, ки таҳсил дар синфҳои 5-ум то 9-умро дар бар мегирад, яке аз марҳалаҳои муҳимтарин дар низоми таҳсилоти кишвар мебошад.

Имрӯз дар зиёда аз 4000 муассисаи таълимии кишвар 2 миллиону 280 ҳазор нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли таҳсили 1991 – 1992-юм 800 мактаб ва 1 миллион хонанда зиёд мебошад.

Агар соли ҷорӣ 103 ҳазор нафар синфи 11-ро хатм карда бошад, 250 ҳазор ба синфи якум қабул шудааст. Яъне, мо бояд ба ҳисоби миёна ҳар сол беш аз 380 мактаб бунёд намоем.

Дар кишвар соли таҳсили 1991-1992-юм 3229 мактаб бо фарогирии 1 миллиону 325 ҳазор хонанда фаъолият дошт.

Имрӯз беш аз 4000 мактаб ва 2 миллиону 280 ҳазор нафар хонанда дорем.

Худатон муқоиса кунеду хулоса бароред.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мо дар баробари бунёди муассисаҳои нави таълимӣ беш аз ҳазор мактаби мавҷударо азнавсозӣ кардем, мактабҳои боқимондаро таъмиру тармим карда, дар онҳо тамоми шароити зарурии замонавиро муҳайё сохтем ва ҳоло ин равандро идома дода истодаем.

Илова бар ин, имрӯз дар кишвар 163 муассисаи типи нав, аз ҷумла, 79 гимназия ва 84 литсей фаъолият дорад, ки ҳамаи онҳо муассисаҳои дар замони соҳибистиқлолӣ бунёдшуда мебошанд.

Бо қарори Ҳукумати мамлакат ҳанӯз 3-юми марти соли 2006 «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расида буд, ки дар зарфи 18 соли гузашта вазифаҳои худро асосан иҷро кард.

Имрӯз бо дарназардошти тағйирёбии фазои сиёсиву иҷтимоии ҷаҳон ва бедор намудану тақвият бахшидани ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандорӣ дар зеҳну шуури кӯдакону наврасон ва ҷавонон зарурати ворид намудани тағйирот ба консепсияи мазкур ва мукаммал намудани он ба миён омадааст.

Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, марказҳои тадқиқоти стратегӣ, қонунгузорӣ, исломшиносӣ ва Иттифоқи нависандагон санади мазкурро дар муддати шаш моҳ дар таҳрири нав таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти таълиму тарбия маҳсуб мешавад.

Аз ин лиҳоз, ин масъала зери таваҷҷуҳ ва назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот 20-уми марти соли 2024 «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2028» қабул гардид.

СУХАНИ ПЕШВО

Ҳамчунин, соли 2022 «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042» тасдиқ карда шуд.

Солҳои охир дар самти рақамикунонии соҳа корҳои муайян анҷом дода шудаанд, вале ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Яъне, имрӯз соҳаи маориф ва илми кишвар аз сатҳи рушди рақамикунонии ҷаҳонӣ қафо мондааст.

Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи технологияҳои рақамӣ, таҳияи барномаҳои муосири таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорон дар самти технологияҳои замонавӣ, яъне амалисозии пурраи ҳадафҳои консепсияи зикршударо таъмин намояд.

Инчунин, ба ҷалби омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дорои қобилияти баланди омӯзгорӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода, мушкилоти норасоии омӯзгорон ва ғайритахассус кор кардани онҳоро дар самти технологияҳои иттилоотӣ дар муддати ду сол бартараф созад.

Ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии равияи омӯзгорӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати тарбияи омӯзгорони ба талаботи замона ҷавобгӯй тамоми шароити заруриро фароҳам оваранд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки муассисаҳои зикршуда ҳар панҷ сол аз аккредитатсия ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳар се сол аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Барои расидан ба ҳадафи беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи меъёрӣ, инчунин, таъминот бо имкониятҳои таълимиву методӣ, аз ҷумла таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ зарур аст.

**Устодону омӯзгорони мухтарам ва донишҷӯёну хонандагони азиз!**

Таълим дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ марҳалаи ниҳоӣ ва муҳим барои ҳар фарди ҷавони кишвар – ҳам писарон ва ҳам духтарон – мебошад. Вале таҳлилу мушоҳидаҳои чанд соли охир нишон медиҳанд, ки ҳам ҷавонон ва ҳам устодону падару модарон барои таҳсил дар ин зинаи муҳимми таълим чандон ҳавасмандӣ зоҳир намекунанд.

Тибқи маълумоти оморӣ аз 170 ҳазор нафар хонандагоне, ки соли 2023 синфи 9-умро хатм кардаанд, 114 000 нафар таҳсилро дар синфи 10 идома дода, 12 000 нафар ба литсейҳои касбиву техникӣ ва коллеҷҳо дохил шудаанд ва 44 000 нафари боқимонда таҳсилро дар ягон муассисаи таълимиву касбӣ идома надодаанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ин мушкилӣ, яъне, хоҳиши идомаи таҳсилро надоштани ҷавонон агар аз як тараф, дахолати падару модарон ба тақдири минбаъдаи фарзандон, бахусус, духтарон бошад, аз ҷониби дигар, нокифоя будани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар масъалаи интихоби бошууронаи касб мебошад.

Бинобар ин, дастур дода шуд, ки ба санадҳои қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда, минбаъд ҷараёни идомаи таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ зери назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ акнун ҳамаи хатмкунандагони зинаи таҳсилоти миёнаи асосӣ баъди хатми синфи 9 вазифадоранд, ки дар ҳолати ихтиёран идома надодани таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд ҳатман таҳсилоти худро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ, яъне, литсейҳои касбии техникӣ ва коллеҷҳо идома диҳанд ва соҳибкасб шаванд. Яъне, баъди хатми синфи 9 ҳатман бояд хонанд!

Ман ба падару модарони азиз муроҷиат карда, як масъалаи муҳимро хотирнишон менамоям.

Мо бояд хуб дарк намоем, ки фарзандон назди мо амонатанд, онҳоояндаи мову шумо ва соҳибони фардои давлату миллат мебошанд.

Мо набояд бо дастони худ ояндаи худамонро барбод диҳем, ба амонати хеш хиёнат кунем ва фарзандони худро дидаву дониста бадбахт созем.

Дигар ин ки мову шумо дар ин дунё абадӣ нестем. Фарзандон ва набераву аберaҳоямон ҳастанд, ки роҳи мову шуморо идома медиҳанд ва номи мову шуморо зинда нигоҳ медоранд.

Мо бояд фарзандонамонро, чи писару чи духтар, хононем, илму дониш, касбу ҳунар ва одобу ахлоқ омӯзонем, забон омӯзонем, аз истифодаи техникаву технологияҳои муосир бархурдор созем, ба зиндагии мустақилона ҳаматарафа омода намоем, онҳоро ҳамчун шахсиятҳои худшиносу худогоҳ, масъулиятшинос ва ватанпарвару заҳматдӯст ба камол расонем.

Падару модарони азиз дар ёд дошта бошанд,

ки баробари ба шавҳар додани духтар ва оиладор кардани писар масъулияти онҳо дар назди фарзанд ба охир намерасад.

Мову шумо то рӯзе, ки дар қайди ҳаёт ҳастем, шарики тақдири фарзандонамон мебошем.

Пас, биёед, ба фарзандон, пеш аз ҳама, ба духтаронамон илму дониш ва касбу ҳунар омӯзонем, то онҳо дар зиндагии ояндаи худ – дар замонаи пешрафти илм, техникаву технологияҳои муосир ва асри зеҳни сунъӣ азият накашанд ва бори дӯши падару модар нашаванд.

Ҳангоми сафарҳои корӣ ва боздид аз корхонаҳои дӯзандагӣ мушоҳида мекунам, ки аксари коргарон занони миёнсолу калонсол мебошанд.

Вақте мепурсам, ки барои чӣ дар вақташ нахондед, ки соҳиби илму дониш шавед, ҷавоб медиҳанд, ки шароиту имконият надоштем. Яъне, имрӯз онҳо, ҳарчанд ки соҳиби маълумот ва касби мушаххас нестанд, барои пеш бурдани рӯзгору зиндагии худ кор карда истодаанд.

Ҳоло, ки ҳамаи шароиту имкониятҳо муҳайё шудаанд, падару модарон бояд фарзандони худро хононанд.

Мо бояд ин корҳоро, ҳамчунин, ба он хотир анҷом диҳем, ки фарзандонамон оянда дар зиндагӣ муҳтоҷу саргардон нашаванд, фирефтаи ақидаҳои харобкорона ва ваъдаҳои дурӯғу ғаразноки гурӯҳҳои иртиҷоӣ нагарданд, ақаллан фарзандони худашонро дуруст таълиму тарбия дода тавонанд.

Бори дигар таъкид месозам, ки танҳо саводу маърифат ва илму дониш инсонро аз ҳама бадбахтиву нокомиҳо наҷот мебахшад. Бинобар ин, фарзандонро аз илму маориф дур насозед.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки дар натиҷаи муносибати рӯякӣ ба тақдири ояндаи наврасону ҷавонон, саҳлангорӣ ва бетарафӣ аз ҷониби баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, инчунин, падару модарон ва аҳли ҷомеа фарзандони мо ба доми созмонҳои ифротиву террористӣ гирифтор мешаванд ва ояндаи худро барбод медиҳанд.

Аз ин рӯ, мо ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда, ҷавобгариро нисбат ба шахсоне, ки монеи таҳсили фарзандон мешаванд, пурзӯр кардем.

Бо дарназардошти ҳолатҳои баёнгардида, зарур аст, ки ба масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон, тарғибу ташвиқи фаъолона ва густурдаи тарзи ҳаёти солим, тарбияи инсондӯстиву ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба варзиш, дар навбати аввал аз ҷониби падару модарон, яъне, дар муҳити оила ба тарбияи фарзандон эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода шавад.

Ҷавонону наврасон низ, дар навбати худ, бояд хуб дарк намоянд, ки ба ҷо овардани иззату эҳтироми падару модар ва ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо ҳам қарзи имониву виҷдонӣ ва ҳам вазифаи конститутсионии онҳо ба ҳисоб меравад.

Аммо имрӯзҳо мо шоҳиди муносибати бераҳмонаи баъзе фарзандон нисбат ба падару модарашон мешавем, ки зуҳуроти барои мардуми мо бисёр таассуфовар ва нангин мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сифати дарсҳои маърифати оиладорӣ, одобу ахлоқ ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ баланд бардошта шавад, то насли наврас зиндагии орому осударо аз тирагиву зулмот фарқ карда, ҳаёти ояндаи худро дуруст ба нақша гирифта тавонад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Норасоии китобҳои дарсӣ дигар мушкили ташвишовари соҳа ва яке аз сабабҳои дар сатҳи зарурӣ аз худ накардани барномаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон ва паст гардидани сифати таҳсилот мебошад.

Тайи се соли охир 203 номгӯйи китобҳои дарсӣ, хусусан, аз фанҳои адабиёт, таърих ва ҳуқуқ аз ҷониби мутахассисон ва коршиносон аз ташхиси илмӣ гузаронида шуда, дар онҳо далелҳое, ки ба меъёру арзишҳои Конститутсия ва ҷаҳонбинии илмӣ мутобиқат надоранд, ошкор гардидаанд.

Вале тибқи маълумот аз 203 номгӯйи китоби ташхисшуда 82 номгӯйи онҳо то имрӯз ислоҳ ва living нашр нашудааст.

Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илм муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар муддати ду сол бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин карда, барои дар оянда бо адабиёти ёрирасони таълимӣ, илмӣ, дастурҳои методӣ, роҳнамои омӯзгор ва усули таълим аз ҳар як фанни таълимӣ таъмин намудани онҳо тадбирҳои фаврӣ андешад ва доир ба иҷрои супориш ба Роҳбари давлат ҳисобот пешниҳод намояд.

Тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таълим ҳамгироии назария ва амалия бояд ба роҳ монда, донишҳои назариявии хонандагон тавас-

СУХАНИ ПЕШВО

сути гузаронидани корҳои амалӣ (озмоишгоҳӣ) мустаҳкам карда шаванд.

Аммо шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ то ба ҳол бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз ва устохонаҳои таълимӣ таъмин нестанд.

Барои ҳалли ин масъала соли 2021 «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021 – 2025» қабул гардидааст, вале иҷрои он аз ҷониби масъулин дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Ба ин сабаб заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ба меъёрҳои аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ мутобиқат намекунад.

Масалан, агар ин нишондиҳанда дар шаҳри Душанбе 96,3 фоиз иҷро шуда бошад, пас он дар вилоятҳои Суғд ҳамагӣ 73, Хатлон 48, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 29 ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 7 фоизро ташкил додааст, ки ниҳоят ташвишовар мебошад.

Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мудирони шуъбаҳои маорифро зарур аст, ки бо ҷалби имкониятҳои иловагии молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои зикршуда чораҷӯйӣ намоянд.

Таъкид менамоям, ки ин масъала бояд дар давоми ду соли оянда пурра бартараф карда шавад.

Муовини Сарвазир ва ёрдамчии Президенти мамлакат оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа раванди иҷрои дастури мазкурро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Дар айни замон, зарур аст, ки барои ҷалби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ чораҳои фаврӣ андешида шаванд.

Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм барои ҳалли мушкилоти таъминоти кадрӣ масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, аз ҷумла, аз фанҳои табииву риёзиро бознигарӣ намуда, нақшаи қабулро вобаста ба эҳтиёҷоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия ва амалӣ намоянд.

Назорати иҷрои ин кор ба зиммаи муовини Сарвазир ва ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа гузошта мешавад.

Ҳамзамон бо ин, таъкид менамоям, ки бояд доир ба гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳо аз муассисаҳои таълимӣ сар карда, дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо то сатҳи ҷумҳуриявӣ ва зиёд кардани воситаҳои ҳавасмандгардонии иштирокчиёни онҳо тадбирҳои зарурӣ ва ҳатмӣ андешида шаванд.

Бар замми ин, пешниҳод менамоям, ки дар кишвар барои гурӯҳҳои алоҳидаи синнусолӣ, яъне, хонандагон, донишҷӯён ва калонсолон озмуни «Шоҳномахонӣ» роҳандозӣ гардида, дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҷамъбаст карда шавад ва ғолибон бо ҷоизаву мукофотпулиҳои арзишманд қадрдонӣ карда шаванд.

Вазорати маориф ва илм доир ба ин масъала санадҳои дахлдорро дар муддати се моҳ таҳия ва ба Дастгоҳи иҷроияи Президент пешниҳод намояд.

Инчунин, дастур дода мешавад, ки мукофотпулӣ барои ғолибони озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фурӯғи маърифат» аз мактабҳо сар карда, то сатҳи ҷумҳуриявӣ 100 фоиз зиёд карда шавад.

Вазорати молия дар ин хусус ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд.

**Муҳтарам омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони азиз!**

Чанде пеш мо дар назди Ҳукумати мамлакат Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро таъсис додем.

Тибқи омори расмӣ ҳоло дар кишвар танҳо ҷавонони аз 18 то 30-сола, ки касбу ҳунар ё ихтисос надоранд, беш аз 570 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

Соҳиби касбу ҳунар кардану ба бозори меҳнат ворид намудани ин қишри аҳолӣ ва ба рушди иқтисодиёт ҷалб кардани онҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мову шумо ва махсусан, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳоло дар кишвар 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 135 ихтисос бо фарогирии беш аз 18 ҳазор нафар хонанда барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди мамлакат мутахассис омода карда мешавад.

Инчунин, дар 39 маркази касбомӯзии калонсолони назди Вазорати меҳнат муҳоҷират

ва шуғли аҳолӣ 46 ҳазор нафар шаҳрвандон ба омӯзиши 78 намуди касбу ҳунар машғул мебошанд.

Ин шумора хеле кам мебошад, зеро дар муассисаҳои зикршуда ба таълим фаро гирифтани садҳо ҳазор нафар имкон дорад.

Тибқи супоришҳои қаблӣ корро бояд тавре ба роҳ монд, ки солҳои наздик тамоми шаҳрвандони аз 18-сола боло соҳиби касбу ҳунар гардонида шаванд.

Ба роҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки барномаҳои таълимии муассисаҳоро бо ҷалби олимону мутахассисони соҳа мавриди баррасӣ қарор дода, мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро бартараф ва самаранокии фаъолияти ин низоми таҳсилотро баланд бардоранд.

Хотиррасон месозам, ки масъалаи таъмирталаб будани муассисаҳои ибтидоии касбӣ ва марказҳои касбомӯзии калонсолон низ ҳалли фавриро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, ба раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва намояндагони Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати то ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ таъмиру тармим ва бо лавозимоти зарурии таълиму касбомӯзӣ таъмин кардани ин гуна муассисаҳо чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Васеъ намудани шуғли пурмаҳсул яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб рафта, бо мақсади ба касбомӯзӣ ва дар ин замина ба шуғл фаро гирифтани аҳолии кишвар соли 2020 Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 қабул карда шуд.

Дар ин самт бо дастгирии Бонки осиёии рушд ва саҳми Ҳукумати мамлакат лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбӣ – техникӣ ва омӯзиш» ба маблағи 360 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ» бо арзиши 360 миллион сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Дар доираи лоиҳаи якум 21 литсеи касбии техникӣ таъмиру азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин шуда, 17 стандарти салоҳияти касбӣ таҳия гардидааст.

Дар доираи лоиҳаи дуюм бунёд кардану ба истифода додани се маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бохтар ва Восеъ ва се маркази рушди малакаҳо дар ноҳияи Данғара ва шаҳрҳои Душанбеву Роғун ҳамчун лоиҳаи пилотӣ пешбинӣ гардида, то имрӯз маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳри Хуҷанд ва маркази рушди малакаҳо дар ноҳияи Данғара мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Дигар марказҳо то охири соли равон ба истифода дода шуда, ба ҳисоби миёна дар як сол зиёда аз 7 ҳазор нафар шаҳрвандон, сарфи назар аз синну сол, ба касбомӯзӣ фаро гирифта мешаванд ва соҳиби шаҳодатномаи байналмилалӣ мегарданд.

Ҳоло кор ҷиҳати дар дигар минтақаҳои кишвар сохта, ба истифода додани марказҳои касбомӯзию хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо идома дошта, дар ояндаи наздик барои фарогирии пурраи аҳолии бе касбу ихтисос тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Вазоратҳои молия, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ барои азнавсозӣ ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани литсейҳои касбиву техникӣ ва филиалҳои маркази таълими калонсолон ҷоннок намоянд.

Дар ин радиф, ба таҳияи китобҳои дарсӣ, адабиёт ва маводи таълимӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад, зеро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ норасоии онҳо ташвишовар мебошад.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент, муовини Сарвазир, ёрдамчии Президент оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, вазири маориф ва илм ва раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки ин масъаларо дар ду соли оянда бартараф созанд.

Ҳоло дар кишвар 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, яъне, коллеҷҳо бо фарогирии 90 ҳазор донишҷӯ фаъолият доранд. Яъне, якҷо бо 214 ҳазор донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ 312 ҳазор нафар ҷавонон дар дохили кишвар ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар машғуланд.

То замони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият дошт, ки дар онҳо 40 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекард. Яъне, афзоиши шумораи ҳам му-

ассисаҳо ва ҳам донишҷӯёни онҳо дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз ду баробарро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки мушкилоти ин муассисаҳо низ мисли муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ буда, андешидани тадбирҳои мушаххасро тақозо доранд.

Ҳамчунин, бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бояд ба масъалаи таъсиси паркҳои техникӣ, технологӣ ва таъсиси корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба хотири омодасозии мутахассисон аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад, то шогирдон имкони гузаштани таҷрибаомӯзӣ ва гирифтани аввалин салоҳиятҳои касбиро пайдо намоянд.

Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки ба масъалаи тахассусмандии роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти аввалиндараҷа диҳад.

Инчунин, зарур аст, ки пайванди илм бо истеҳсолот маҳз аз ҳамин зинаи таҳсилот, яъне, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба роҳ монда шавад, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои пешрафта ҷавонон аз ин муассисаҳо ба истеҳсолот ҷалб карда мешаванд ва чунин иқдом, дар навбати худ, ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад.

Таъкид месозам, ки талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи дуру наздик бояд аз ҷониби мутахассисон мунтазам омӯхта, соҳибкасб намудани ҷавонон мувофиқ ба талаботи рӯз ба роҳ монда шавад.

Дар ин раванд, ба масъалаи омӯзиши васеи на фақат забонҳои русиву англисӣ, балки дигар забонҳои хориҷӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Дар замони соҳибистиқлолӣ зинаи таҳсилоти олии касбии кишвар ҳам аз нигоҳи сифат ва ҳам аз лиҳози шумора куллан дигаргун гардид ва рушду инкишофи бесобиқа пайдо кард.

Соли 1991 мо ҳамагӣ 13 мактаби олӣ доштем, ки дар онҳо 69 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекард.

Ҳоло шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 47 расида, дар онҳо 214 ҳазор донишҷӯён ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ машғул мебошанд.

Инчунин, зиёда аз 41 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мо дар беш аз 40 кишвари дунё ба омӯзиши илму дониш машғул ҳастанд.

Танҳо дар Федератсияи Россия беш аз 20 ҳазор ва дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз панҷ ҳазор донишҷӯёни тоҷик таҳсил карда истодаанд.

Ба замми ин, ҳоло дар кишвари мо як донишгоҳи муштарак, яъне, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон ва филиалҳои панҷ донишгоҳу донишкадаи бонуфузи хориҷӣ бо шумораи умумии 10 ҳазору 500 нафар донишҷӯ фаъолият доранд.

Бояд гуфт, ки ҳамқадами замон шудан ва дуруст истифода бурдан аз дастовардҳои илму технологияҳои муосир, дар пешрафти онҳо нақш гузоштан, инчунин, муаррифӣ намудани давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ ба чигунагии муносибат ба илмҳои дақиқу риёзӣ вобастагии зиёд дорад.

Дар ин самт дар доираи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як силсила корҳо анҷом дода шудаанд, аммо ҳанӯз натиҷаҳои дилхоҳ ба назар намерасанд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки натиҷаҳои чор соли татбиқи барномаро ҳамаҷониба таҳлил карда, барои мақсаднок амалӣ гардидани ҳадафҳои гузошташуда тадбирҳои зарурӣ андешад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Рушди соҳаи маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ собит месозад, ки дар ин марҳала низоми босуботи маориф ба вуҷуд омада, насли бомаърифат, хештаншинос ва ватандӯст ба камол расид. Вале дар баробари ин, соҳаи маориф ва илми кишвар имрӯз аз мову шумо фаъолияти боз ҳам бештару масъулона ва дигаргуниҳои куллиро талаб менамояд.

Таъкид менамоям, ки ҳалли ин масъала на танҳо ба маблағгузории соҳа, балки ба сатҳи масъулиятшиносӣ, савияи донишу касбияти баланд, нангу номус, ҳисси миллӣ, иродаву виҷдон ва эҳсоси ватандӯстии роҳбарону кормандони соҳаи илму маориф, олимону омӯзгорон, аҳли

зиё, падару модарон ва фаъолони ҷомеа иртиботи мустақим дорад.

Агар мо хоҳем, ки дар оянда миллати босаводу пешрафта бошем, давлати аз лиҳози илмӣ ва техникиву технологӣ тараққикарда дошта бошем ва сатҳи зиндагии ҷомеаро бамаротиб баланд бардошта тавонем, бояд масъулият ва сатҳи касбияти омӯзгоронро баланд бардорем.

Имрӯз дар кишвар ғайр аз Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф 17 донишгоҳу донишкадаи олӣ ва даҳҳо муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ бо даҳҳо кафедра, қариб 500 номзад ва доктори илмҳои педагогӣ фаъолият доранд ва аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ мешаванд.

Бо доштани чунин захираву имкониятҳои бузург олимону омӯзгорони мо вазифадоранд, ки низоми маорифро дар асоси хусусиятҳои хоси миллӣ боз ҳам таҳким бахшанд ва ба таври куллӣ баланд бардоштани сифати онро таъмин намоянд.

Аз ин рӯ, Дастгоҳи иҷроияи Президент, Академияи миллии илмҳо ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм вазифадор карда мешаванд, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолият ва назоратро дар соҳаи маориф ва илм ҳарчи зудтар таҳия карда, ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти дурусти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ чораҳои фаврӣ андешанд.

Таҳлилҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари камбудиҳои хоси ин ё он зина якчанд мушкилоте ҳастанд, ки марбут ба ҳамаи онҳост.

Нарасидани омӯзгорон, китобҳои дарсӣ, аз ҷумла, бо забонҳои англисӣ ва русӣ, озмоишгоҳҳо, кабинетҳои фаннӣ ва устохонаҳои таълимиву истеҳсолӣ мушкилоте мебошанд, ки рушди соҳаи маорифи мамлакатро халалдор месозанд.

Ба Вазорати маориф ва илм, молия, рушди иқтисод ва савдо, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки дар муддати се моҳ барномаи махсуси давлатиро оид ба пурра дар ду соли минбаъда бартараф кардани мушкилоти зикршуда таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шаъну шарафи омӯзгор таҳти кафолат ва муҳофизати қонун қарор дорад.

Аз ин рӯ, ҷомеа бояд хуб дарк намояд, ки эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром баояндаи миллат аст.

Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарониояндаи Ватанро ба камол мерасонад.

Дуруст аст, ки ҳанӯз дар ҳаёти омӯзгорон мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишӣ ҷой доранд, вале агар омӯзгор бо азму иродаи қавӣ дар иҷрои рисолати касбии худ кӯшиш намояд, он гоҳ насле ба камол хоҳад расид, ки ба қадри заҳмати устоду омӯзгори худ мерасад ва ба давлату ҷомеа содиқона хизмат мекунад.

Яъне, дар сурати заҳмати дилсӯзонаву содиқонаи омӯзгор наслҳое ба воя мерасанд, ки давлату миллат ба шарофати кору фаъолияти онҳо боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бамаротиб баланд мегардад.

Дар робита ба ин, вазоратҳои маориф ва илм, адлия, молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии қонунгузорӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар мӯҳлати шаш моҳ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Меҳоҳам ба устодону омӯзгорони муҳтарам хотиррасон намоям, ки ба касби интихобкардаи худ завқ дошта бошанд, онро сидқан дӯст доранд, иродаи қавӣ ва сатҳи баланди касбият дошта бошанд ва бо рафтору кирдори неку намунавӣ эҳтироми боз ҳам бештари аҳли ҷомеаро ба даст оваранд. Яъне, иззату обрӯи ҳар шахс, аз ҷумла омӯзгор, дар навбати аввал, аз худаш вобаста мебошад.

Давлату Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба масъалаи беҳтар кардани вазъи зиндагӣ ва кору фаъолияти омӯзгорон таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир карда, барои онҳо дар санадҳои қонунгузорӣ як қатор имтиёзҳо муқаррар намудааст.

Мо вазифадор ҳастем, ки омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимиро боз

ҳам бештар дастгирӣ кунем ва манзалату обрӯи онҳоро дар ҷомеа баланд бардорем.

Мехоҳам бо қаноатмандиву сипос хотиррасон намоям, ки омӯзгорону устодони мо ҳамчун қишри фаъолу пешқадами ҷомеа дар солҳои душвори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини он давра содиқона фаъолият намуданд ва дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми шоиста гузоштанд.

Имрӯз низ беш аз 130 ҳазор омӯзгорон фарзандони мардумро таълиму тарбия дода истодаанд, ки зиёда аз 71 фоизи онҳоро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки ҳоло шароит ва фазои кориву зиндагии онҳо дар муқоиса бо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Аҳли маорифро зарур аст, ки низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифро дар заминаи сарватҳои бебаҳои маънавию ахлоқӣ, таърихиву фарҳангӣ, анъанаҳои деринаи тарбиявии халқамон ва бо дарназардошти тақозои замони муосир, ниёзҳои давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва арзишҳои умумибашарӣ пеш баранд.

Бовар дорам, ки аъзои Ҳукумат – роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, устодону омӯзгорон ва умуман, кулли кормандони соҳаи маориф аз камбудиву норасоиҳои зикршуда хулосаҳои зарурӣ бароварда, онҳоро ҳарчи зудтар, ба таври ҷиддӣ ва бо масъулияти баланд бартараф мекунанд.

Такроран таъкид менамоям, ки мо бояд ба хотири фардои ободи давлат ва ҷомеа сидқан ба илму маориф рӯ оварем ва бо саъю талоши якҷоя мушкилоти соҳаро бартараф намоем.

Шумо – муҳтарам омӯзгорон – ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки рисолати муқаддаси тарбияи инсон ва ташаккулдиҳии шахсиятро ба дӯш доред, ба фарзандони мардуми Тоҷикистон саводу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар меомӯзонед.

Бубинед, ки кӯдак вақте ба мактаб меравад, чӣ қадар ақлу фаҳмиш дорад? Чӣ қадар дониш дорад? Чӣ қадар хондаву навишта метавонад ва дарки ӯ оид ба ҳаёту зиндагӣ дар чӣ сатҳ аст? Тақрибан ҳеҷ! Аммо омӯзгор аз ӯ дар муддати 11 сол як инсони комил тарбия мекунад.

Ана ин аст, рисолати инсонсозии омӯзгор.

Яъне, оянда давлат, миллат ва Ватанро маҳз шумо месозед.

Ба устодону омӯзгорони муҳтарам ва падару модарони азиз такроран муроҷиат мекунам, ки ба масъалаи таълиму тарбияи наслҳои наврас, яъне фарзандонамон эътибори ҷиддӣ диҳем, барои онҳо шароити беҳтарин муҳайё кунем, то ки онҳо бесавод намонанд, хонанд, соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шаванд, дар оянда муҳтоҷи дигарон нагарданд ва Тоҷикистони азизамонро соҳибӣ карда, онро ободу пешрафта гардонида тавонанд.

**Ҷавонони арҷманд!**
**Фарзандони азизам!**

Шумо ҳам дар навбати худ, хонед, илм омӯзед, соҳибкасбу забондон шавед, вориси шоистаи гузаштагони некном ва имрӯзиён бошед.

Ҳар коре, ки мо имрӯз анҷом дода истодаем, фақат ба хотири имрӯзу фардои босаодати шумо мебошад.

Фаромӯш накунед, ки танҳо илму дониш ва сатҳи баланди маърифат ба шумо қобилияти расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, давлату давлатдорӣ, падару модар, забон, таърих, фарҳанг, расму оинҳо ва дигар арзишҳои бебаҳои миллиро фароҳам месозад.

Бинобар ин, ба ҳар яки шумо таъкид мекунам, ки ба қадри вақт ва давраи зудгузари наврасию ҷавонӣ расед, доим дар талоши илму донишомӯзӣ ва аз худ кардани касбу ҳунар бошед, бештар китоб хонед, донишманд шавед, забони покиза ва одоби муоширати баланд дошта бошед,ояндаи давлатро соҳибӣ кунед, истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистонро ҳифз намоед, онро таҳким бахшед ва обрӯю манзалати давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоред.

Ба ҳамаи ин қудрату тавоноии шумо мерасад.

Ман ба шумо итминони комил дорам!

Бори дигар кулли аҳли маориф, хонандагону донишҷӯён ва ҳамватанони азизро ба муносибати оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш, инчунин, 33-солагии ҷашни бузурги Истиқлоли давлатӣ, ки баъди чанд рӯз фаро мерасад, самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо – ҳозирини гиромӣ – барори кор ва ба донишҷӯёну хонандагони кишвар саломативу хониши аъло орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату хушбахт бошед!**

# ДОНИШ ЧАРОҒИ РАҲНАМОИ ЗИНДАГИСТ

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати оғози соли нави таҳсили 2023-2024



**Устодон ва шогирдони азиз!**
**Мухтарам аҳли маориф!**
**Падару модарони арҷманд!**

Фарорасии соли нави таҳсилро дар Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоламон барои кормандону алоқамандони соҳаҳои маориф ва илми кишвар ва тамоми сокинони мамлакат самимона табрику таҳният мегӯям. Инак, боз як марҳалаи фаъоли омӯзишу парвариш, таълиму тарбия дар диёри маҳбубамон оғоз ёфт. Маълум, ки донишомӯзӣ ва соҳибмаълумот будан дар ҳаёти ҳар як фард нақши меҳварӣ дорад ва имрӯзу фардои халқу миллат, пеш аз ҳама, ба сатҳи омӯзиши насли наврас вобаста аст. Аз ин ҷост, ки дар ҷумҳурии мо ба масоили рушди маориф ва таҳкими пайвастаи таълиму тарбия тавაҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир карда мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустмарҳалаҳои ба арсаи сиёсат ворид гаштанашон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, онро дар мамлакат соҳаи афзалиятнок эълон намуданд. Ба шарофати ғамхориҳои мунтазам ва дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Сарвари кишвар соҳаи маориф дар ҷумҳурии азизамон давра ба давра рушду такмил ёфт, пеш рафт ва ҳоло аҳли ин соҳаи тақдирсози миллат барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани сатҳи таълиму тарбия дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷидду ҷаҳд доранд. Пешвои муаззами миллатамон ба омӯзгорон, ки муҳаррики соҳа дониста мешаванд, эҳтирому эътиқоди ҳамешагӣ доранд ва таъкид мекунанд: «Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд».

Сарвари кишвар омӯзгоронро «неруи пешбари ҷомеа», «фурӯзонгари машъали маърифат», «рамзи ақлу шараф ва виҷдони пок», «равшангари роҳи фардо» ва «хазинаи хирад» номида, ҳамчунин, изҳор доштаанд, ки «Омӯзгорӣ муқаддастарин пешаи рӯйи замин аст». Ҷавобан ба ин эҳтирому баҳои баланд, аҳли маорифи мамлакат пайваста ба он мекӯшанд, ки таълиму тарбияи насли наврас дар сатҳи баланд қарор дошта бошад, шогирдон ба омӯзиши амиқу пурсамар ва бозгӯй ба талаботи замон фаро гирифта шаванд ва ба ин муваффақ ҳам гардидаанд. Иштироки фаъолонаи муҳассилини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар

озмунҳои бонуфузи байналмилалӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» тасдиқгари фаъолияти шоистаи аҳли маорифи кишвар дар ҷодаи тақвиятбахшӣ ба сатҳи таълиму тарбияанд. Аҳли маорифи диёрамон дар татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф» талоши пурсамар доранд. Чандест, ки дар диёри маҳбубамон аҳли маориф дар радифи тамоми сокинони мамлакат барои ба таври сазовор пешвоз гирифтани фархундаҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд доранд ва дар ин самт тадбирҳои зиёди судмандро амалӣ менамоянд.

Дар Ватани азизи мо ҳар сол бо оғози соли нави таҳсил Рӯзи дониш таҷлил мешавад ва Дарси сулҳ баргузор мегардад. Ин тадбирҳои маърифатбор бо ҳам иртиботи устувор доранд ва ифодагари арҷгузорӣ ба хирадмандию донишгустарӣ мебошанд. Донишу китоб инсонро ба ҷодаҳои ростини зиндагӣ ҳидоят мекунанд, ҳаёти хушбахтонаю пирӯзиҳои ӯро таъмин менамоянд. Китоб сарчашмаи дониш аст, дониш - неруи тавоною шикастнопазир. Аз ин ҷост, ки ниёгони баруманди мо ба ин ду неруи муқтадир арҷ гузошта, китобро «фурӯғи субҳи доноӣ», «сарчашмаи хирад» ва донишро «чароғи равшан»-у «заминаи бахту саодати инсонҳо» номидаанд. Ҳосил аз донишу китоб хирад аст ва хирад раҳнамои ҳамешагии ҳар фарди солим мебошад. Бузургонамон барҳақ фармудаанд:

**Хирад мояи ҷовидонӣ бувад,**
**Хирад пояи зиндагонӣ бувад.**

Маҳз дар заминаи хиради волои халқи тоҷик ва Сарвари соҳибхиради ин халқи бостонгуҳар Тоҷикистон дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолияш аз мудҳиштарину фоҷеабортарин вартаҳо худро ҳифз кард ва пирӯзу пешрав гашту ба даврони созандагию бунёдкорӣ оғоз бахшид. Сулҳу ваҳдати тоҷикон натиҷаи арҷгузорӣ ба ақли солим ва хирад аст. Аз ин рӯ, дар диёри мо сулҳ арзиши баланд дорад ва ҳамагон барои ҳифзу бузургдошти он пайваста талош меварзанд. Ҳамасола соли нави таҳсил дар мамлакат дар тамоми таълимгоҳҳо бо Дарси сулҳ оғоз меёбад ва ин дарс дар заминаи эҳтирому эътиқод ва ситоиши самимӣ баргузор мешавад ва як навъ рамзи шукргузорӣ аз ҳаёти осоишта ва рӯзгорони тинҷу осудаи аҳли кишвар аст. Мо ифтихормандем, ки Пешвои муаззами миллат дар баргузории Дарси сулҳ фаъолона ширкат меварзанд ва худ дар таълимгоҳе ин гуна дарсро дар сатҳи баланду дилписанд ва муассир баргузор менамоянд.

Вобаста ба Дарси сулҳ Сарвари кишвар чунин дастур додаанд: «Ҳангоми Дарси сулҳ омӯзгорон бояд ба шогирдони худ аҳаммият ва нақши сулҳу ваҳдати миллиро барои суботи ҷомеа рушди муназзаму мутадили кишвар ва пойдорию устувории давлат шарҳ диҳанд ва наврасону ҷавононро дар руҳияи сулҳдӯстиву сулҳпарварӣ тарбия намоянд». Воқеан, ин гуна дарс дар таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии шогирдони мо нақши бағоят муҳим ва самарбор хоҳад дошт. Ҳамчунин, сулҳу ваҳдати миллӣ шароит фароҳам оварда, ки дар соҳаи маориф пешравиҳои рӯзафзун ба миён оянд, таълимгоҳҳои нави замонавӣ ва бо технологияҳои муосир таъмин бунёд шаванд, заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ мукаммал гардад, маблағгузории соҳа афзояд ва сатҳи таълиму тарбия ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шавад.

Таманнои онро дорем, ки сулҳу ваҳдати миллии мо безаволу ҷовидон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша пешраву муваффақ бошад. Чунонки Пешвои муаззами миллат таъкид кардаанд: «Ба қадри сулҳ ва ваҳдати миллӣ расидан вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ба ҳисоб меравад».

Оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи донишро ба шумо - устодону хонандагон, падару модарон ва тамоми алоқамандони соҳаи маориф боз ҳам табрику таҳният гуфта, таманнои онро дорам, ки ҳамеша дар Тоҷикистони азизи мо шодию фараҳмандӣ, бахту барор ва ҳаёти файзбору осоишта ҳукмфармо бошад. Фаъолиятатон пурсамару судманд бод!

**Соли нави таҳсил муборак!**

**“Маърифати омӯзгор”,**
**Душанбе-Дарвоз-Ванҷ-Рӯшон-Шуғнон**
**-Роштқалъа-Мурғоб-Ишкошим-Хоруғ-Душанбе**

# ВМКБ: ҲАМДИЛИЮ ҲАМБАСТАГӢ МАРОМИ АҲЛИ МАОРИФИ ВИЛОЯТ АСТ

## Гузориши сафари хидматии сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Бо мақсади ташвиқу тарғиби маҷаллаи “Маърифати омӯзгор”, ҷамъоварии мавод барои чопи мақолаҳо, ҷоннок намудани маъракаи обуна ва тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо аҳли маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода (тахти №1008, аз 29 августи соли 2024) сармуҳаррири маҷалла Дилафрӯз Курбонзода ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ сафари хидматӣ анҷом дод. Дар навиштаи мазкур фишурдаи мулоқоту суҳбатҳои анҷомёфта бо раиси вилоят, раисони шаҳру ноҳияҳо, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, сардори раёсати маориф, ректорони донишгоҳҳо, мудирони шуъбаҳои маориф ва аҳли маорифи 8 шаҳру ноҳияи ВМКБ манзур мешавад.

### НОҲИЯИ ДАРВОЗ

Сафар аз ноҳияи Дарвози ВМКБ оғоз ёфта, дар раванди он сараввал вохӯрии сармуҳаррири маҷалла бо раиси ноҳияи Дарвоз Носирзода Умедҷон Саидҷон сурат гирифт. Дар рафти суҳбат раиси ноҳия изҳор дошт, ки дар фаъолияти хеш ба соҳаи маориф, ки тахти таваҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, афзалият медиҳад ва барои рушди он бо аҳли маорифи ноҳия заҳмати аҳлона мекашанд.






- Дар суханронии хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш тазаккур доданд, ки "... ҷомеа бояд хуб дарк намояд, ки эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст. Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад. Такроран таъкид менамоям, ки мо бояд ба хотири фардои ободи давлат ва ҷомеа сидқан ба илму маориф рӯ оварем ва бо саъю талоши якҷоя мушкилоти соҳаро бартараф намоем". Дар партави ин дастуру супоришҳои саривақтии Роҳбари давлат на танҳо бо аҳли маориф, балки бо кулли сокинони ноҳияи Дарвоз кӯшиш менамоем, ки баҳри ноил шудан ба пешравиҳои назаррас дар ин соҳаи калидӣ ва баланд бардоштани мақоми устодону омӯзгорон дар ҷомеа иқдому ташаббусҳои созандаро рӯи даст гирифта, амалӣ гардонем.

## САФАР БА БАДАХШОН

Умедҷон Носирзода дар мавриди ҳадафҳои сафари сармуҳаррир изҳор дошт, ки барои амалӣ гаштани ин иқдомҳои нек дар ҳамбастагӣ бо аҳли маориф тамоми талоши худро хоҳанд кард.

Сипас, дар бинои шуъбаи маорифи ноҳия бо иштироки муовини раиси ноҳия Диловар Қосимӣ, мудири шуъбаи маориф Сайраҳмон Мирмамадов ва аҳли маорифи ноҳия мулоқоти фарогир баргузор шуд, ки дар он сармуҳаррир аз ҳозирин даъват намуд, ки ҳамкориро бо нашрияҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, аз ҷумла, маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" тақвият бахшанд ва дар бораи бурду бохти соҳа, чеҳраҳои намоёни олами маорифи ноҳия матлабҳои хубу таҳлилӣ омода намуда, ба нашонии маҷалла бифиристанд.

Аҳли маориф аз вохӯрӣ ва суҳбати самимӣ изҳори хушнудӣ намуда, иброз доштанд, ки дар ин замина саҳми арзандаи хешро хоҳанд гузошт.

Баъд аз мулоқот бо устодону омӯзгорон мудири маориф Сайраҳмон Мирмамадов оид ба вазъи соҳаи маориф иттилоъ дода, гуфт, ки дар ноҳия 47 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 27 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 муассисаи таҳсилоти асосии умумӣ ва 14 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ фаъолият менамояд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ 4237 хонанда таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 576 нафар омӯзгор таълим медиҳанд. Дар мактабҳои ноҳия 29 кабинети фаннӣ, аз ҷумла, 2 синфхонаи математика, 9 синфхонаи физика, 7 утоқи химия, 9 синфхонаи биология, 1 кабинети лингофонӣ, 1 кабинети робототехника ва 32 кабинети технологияҳои иттилоотӣ мавҷуданд. Илова бар ин, муассисаҳои таълимии ноҳия дорои 380 компютер, 119 принтер, 13 тахтаи электронӣ ва 29 видеопроэктор мебошанд.

Барои такмили донишу маҳорат 51 омӯзгори ноҳия ба курсҳои Филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ сафарбар шудаанд. Доштани шароити созгор ва заҳматҳои шабонарӯзии устодону омӯзгорон аст, ки хонандагони ин муассисаҳои таълимӣ дар озмуну олимпиадаҳо фаъолона ширкат варзида, бо дастовардҳои зиёде ноил шудаанд. Аз ҷумла, дар даври вилоятии олимпиадаи фаннӣ 7 нафар сазовори ҷойҳои 2-юм ва 3-юм гардида, ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтаанд. Дар озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" хонандагони муассисаҳои таълимии Дарвоз фаъолона ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ба даст меоранд.

С. Мирмамадов ҳамчунин, фаъолияти Маркази технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсия, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва Муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳияи Дарвозро таҳлил намуда, фаъолияти онҳоро низ хуб арзёбӣ намуд.

Пас аз суҳбат бо мудири маориф сармуҳаррир барои дарёфти маълумоти бештар аз чанд муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, аз Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати ба номи О. Кабири ноҳияи Дарвоз дидан намуд.

### НОҲИЯИ ВАНҶ

Сафар дар ноҳияи Ванҷ аз дидани 4 мактабу кӯдакистони ҳудуди ноҳия ва суҳбат бо устодону омӯзгорон ва мураббиҳо оғоз гашт. Сипас, дар толори шуъбаи маорифи ноҳия бо ҳузури мудир Файзиддин Ҳусейнов ва аҳли маориф мулоқот доир гардид, ки дар он сармуҳаррир аз муҳиммияти рушди ҳамкориҳо бо нашрияҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ва инъикосу интишори дастовардҳои омӯзгорону донишомӯзони ноҳияи Ванҷ дар маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" сухан гуфта, ҳозиринро даъват намуд, ки нигоштаҳои худро дар самти муаррифии чеҳраҳои хидматгузори соҳа ба унвонии нашрия ирсол намоянд. Пешниҳод аз тарафи ҳозирин бо самимият пазируфта шуд ва дар ин маврид мубоҳисаи судманд сурат гирифт.

Дар идомаи сафар мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ оид ба вазъи соҳаи маориф иттилоъ дода афзуд, ки ба сохтмон, таъмир ва азнавсозии биноҳои муассисаҳои таълимӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, шароити таълиму тадрис сол то сол беҳбуд меёбад. Аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шариконн рушд дар ноҳия корҳои лоиҳакашию бунёди чандин мактабу кӯдакистон идома до-



## САФАР БА БАДАХШОН

рад. Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки айни замон дар ҳудуди ноҳия 51 муассисаи таҳсилоти умумӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 5656 хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Аз ин миқдор 28 адад муассисаи таҳсилоти миёна, 9 адад муассисаи таҳсилоти асосӣ ва 14 адад муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ мебошад. Дар ин муассисаҳо 766 омӯзгор ба хонандагон донишу маърифат меомӯзонанд. Тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илм 16 хатмкунандаи муассисаҳои олии касбӣ ва 10 нафар аз Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев барои таълиму тарбияи насли наврас ба ноҳия сафарбар гардиданд ва бо мусоидати директорони мактабҳо бо шароити корӣ таъмин гаштаанд. **Муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони ихтисосманди математика, физика, технологияи иттилоотӣ, биология ва география таъмин буда, аз фанҳои мазкур норасоии кадрӣ дида намешавад**. Лоиқи зикр аст, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия кабинетҳои фаннӣ (биология ва химия) дастрас шуда, ҳамчунин, муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ таъмин мебошанд. Ба бозомӯзӣ ва аз курсу семинарҳо гузаштани омӯзгорон диққат дода шуда, то имрӯз 185 омӯзгори фанҳои биология, химия, физика, география, технологияи информатсионӣ, роҳбарони синфҳои ибтидоӣ ва созмонҳои хонандагон аз курсу семинарҳои ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ гузашта, маҳорату лаёқатҳои касбии худро такмил бахшидаанд. Инчунин, бо мақсади омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ таҷрибаи кории 3 омӯзгори соҳибкасби ноҳия барои дигар омӯзгорон дастрас гардонида шуд.

Таҳсилоти томактабӣ яке аз бахшҳои ҷиддӣ дар раванди таълиму тарбия буда, ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Айни ҳол дар ноҳия 2 кӯдакистон бо фарогирии 240 тарбиятгиранда ва 22 Маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 247 кӯдак амал мекунанд.

Кори марказҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, таҳсилоти иловагии ноҳия низ самарабахш мебошад. Дар назди 18 муассисаи таҳсилоти умумӣ маҳфилу дарсҳои иловагӣ аз фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ амал мекунад. 13 хонандаи ноҳия дар олимпиадаи даври вилоятӣ аз фанҳои дақиқ ғолиб омада, ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ ёфтаанд.

### НОҲИЯИ РӮШОН

Зимни мулоқот дар ноҳияи Рӯшон раиси ноҳия Аҳмадзода Илҳом Шамол изҳор дошт, ки тайи солҳои охир дар партави дастгириҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифи кишвар рушд намуда, аз ҷумла, ин бахши инсонсоз дар ноҳияи Рӯшон низ дастовардҳои зиёдеро соҳиб гаштааст. Имрӯзҳо бо мақсади сазовор таҷлил гирифтани аз ҷашни муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳия чараёни бунёдкорию созандагӣ дар авҷ буда, иншооти гуногун, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сохта шуда истодаанд (аксари иншоот ба фаъолият оғоз кардаанд), ки бешубҳа ба симои ноҳия ҳусни дигаре зам хоҳанд кард ва дар самти беҳбуди сифати таҳсилот ва раванди самарбахши таълиму тарбияи насли наврас нақши мондагор хоҳад гузошт.



Мудири шуъбаи маориф Арамбегим Ҷаъфариева дар суҳбат изҳор дошт, ки бо мақсади беҳтар кардани сифати таҳсилот кабинети методии шуъбаи маориф фаъолияти худро баҳри амалӣ намудани масъалаҳои такмили шакл, усулҳои фаъоли таълими салоҳиятнокӣ ва расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия дар сатҳи хуб ба роҳ мондааст. Инчунин, барои омӯхтани фаъолияти амалии омӯзгорон, мураббиён, дарёфти таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ, таъмини талаботи Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тарғиби он, дарёфти омӯзгорони навҷӯю эҷодкор корҳои судманде иҷро шудаанд.

Айни ҳол дар ноҳия 45 муассисаи таҳсилоти умумӣ амал мекунад, ки 28 муассиса таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 муассиса таҳсилоти умумии асосӣ ва 9 муассиса таҳсилоти ибтидоӣ мебошад. Ҳамзамон, дар ноҳия 1 Интернати ҷумҳу-

риявӣ ва 1 интернати наздимактабӣ (№24) фаъолият доранд. Дар ин муассисаҳо 694 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошад.

Теъдоди хонандагони муассисаҳои таълимӣ 4044 нафарро ташкил медиҳад. Ҳодисаи аз таҳсил берун мондани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия вуҷуд надорад. Яке аз самтҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ мебошад, ки дар ин самт низ корҳои назаррас ба анҷом расидаанд. Сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ аз самтҳои асосии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар буда, дар ин замина низ корҳои назаррас ба анҷом расидаанд. Аз ҷумла, дар Ҷамоати деҳоти Н.Додхудоев кӯдакистони дорои шароити муосир барои 120 кӯдак сохта шуд. Дар қаламрави ноҳия 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо 19 мураббӣ 320 кӯдакро ба таълиму тарбия фаро гирифтаанд.



Муассисаҳои таълимии ноҳия дорои 377 компютер, 60 ноутбук, 78 принтер, 54 сканер, 32 тахтаи электронӣ, 51 проектор, 172 мизи махсуси компютерӣ ва 2 китобхонаи электронӣ мебошанд. Инчунин, муассисаҳои таълимии ноҳия бо 2826 адад маводи таълимии электронӣ (фиттаҳо) ва китобҳои электронӣ, дастур ва видеодарсҳо таъмин гардидаанд, ки омӯзгорону хонандагон дар таълими фанҳо аз онҳо самаранок истифода мебаранд. Давра ба давра усулҳои нави инноватсионӣ, ки омӯзгорон ба онҳо ниёз доранд, дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, 257 омӯзгор аз курси бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштаанд.

Соли равон 235 хатмкунандаи муассисаҳои таълимӣ аз қайди Маркази миллии тестӣ гузаштанд, ки 100%-и нақшаро ташкил мекунад. Тибқи квотаи Президентӣ дар соли таҳсили 2023-2024 16 довталаб ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил шуданд, ки аз ин теъдод 8 нафараш духтарон мебошанд.

Дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия иштироки фаъол дошта, дар олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ 19 хонанда иштирок карда, 5 нафар бо медали биринҷӣ ва Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм қадрдонӣ шуданд.

Маркази таҳсилоти иловагии ноҳия дар самти ташкилу гузаронидани чорабиниҳо корҳои назаррасро ба анҷом расонид. Дар доираи татбиқи «Барномаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» фаъолияти омӯзгорони равияи фанҳои дақиқ, комёбиҳо ва камбудиҳои омӯзгорон мавриди муҳокимаву таҳлил қарор дода шуд. Барои бо манфиат ва самарабахш гузаштани вақти холии хонандагон дар давраи таътили тобистона нақша-чорабиниҳои махсус таҳия гардида, мувофиқи он хонандагон ба чорабиниҳои мухталифи таълимию тарбиявӣ, маданию маърифатӣ, фарҳангию фароғатӣ ва чорабиниҳои варзишӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар вохӯрӣ бо аҳли маорифи ноҳияи Рӯшон масъалаи рушди ҳамкориҳо бо маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” низ баррасӣ гардид. Ҳозирин аз иқдоми роҳбарияти Вазорати маориф ва илм истиқбол карда, иброз доштанд, ки чунин ташаббусҳо ба манфиати кор буда, боиси муаррифии кормандони соҳаи маорифи ноҳия дар сатҳи ҷумҳурӣ мегардад.

## НОҲИЯИ ШУҒНОН

Сафар дар Шуғнон аз мулоқот бо раиси ноҳия Комил Шоисматуллозода оғоз ёфта, дар раванди он раиси ноҳия иброз дошт, ки ҷиҳати татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафти соҳаи маорифи ноҳия ҳамвора тадбирҳои мушаххас андешида шуда, бо азму талоши комил онҳоро амалӣ мекунанд. Зеро Сарвари давлатамон ба афзудани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва таъмини рӯзгори шоистаи онҳо, бунёд ва ба истифода додани муассисаҳои таълимии муҷаҳҳаз бо лавозими зарурии таҳсил, баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот ва дар умум, пешрафти чашмгири соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

- Дар ин замина, мо низ, ҳамчун пайравони

## САФАР БА БАДАХШОН



асили Пешвои миллат, бояд талош намоем, ки ба аҳли маориф диққати махсус диҳем ва барои фаъолияти пурборашон шароиту имкониятҳои муносиб фароҳам бикунем.

Ҳамчунин, вобаста ба мавзуи рушди бештари ҳамкориҳо бо маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" бо муовини раиси ноҳия, сарпарасти соҳа Гулноро Тайғунзода, мудири шуъбаи маориф Кабир Ризо Охирназар, устодону омӯзгорон, аҳли маорифи Шуғнон мулоқоту суҳбатҳои муфид анҷом ёфт.

Мудири шуъбаи маориф қайд кард, ки дар ҳудуди ноҳия ду кӯдакистон фаъолият дошта, дар онҳо 110 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дар ҳамкорӣ бо Шарикони рушд 35 адад, аз тарафи ЮНИСЕФ 20 Маркази инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ташкил гардидаанд. Дар ин марказҳо 53 мураббӣ ба тарбияи 605 кӯдак машғул мебошанд.

Дар ноҳия 56 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамоянд, ки аз он 35 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 12 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва 9 муассисаи таҳсилоти асосӣ мебошанд. Хатмкунандагони мактабҳои ноҳияи Шуғнон дар соли таҳсили 2023-2024 294 нафарро ташкил дод. Аз ҳисоби хатмкунандагон 16 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори номи донишҷӯ гардиданд. Шумораи умумии хонандагони ноҳия 5573 нафар буда, ба таълими онҳо 915 омӯзгор машғуланд. Дар соли равон 42 мутахассиси ҷавон бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шуъбаи маорифи ноҳия фиристонда шуданд. Дар мактабҳои ноҳия 42 китобхона мавҷуд буда, хонандагон бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин ҳастанд. Барои ҳавасманд шудани омӯзгорони ҷавон 5 нафари онҳо бо қарзи имтиёзнок барои хариди занбӯри асал ба маблағи 30 000 сомонӣ таъмин шуданд.

Татбиқи барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, "Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028" дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шуғнон низ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар мактабҳои ноҳия 44 кабинети технологияи информатсионӣ, 25 кабинети химия, 12 кабинети физика, 5 кабинети биология мавҷуд буда, аз ин шумора, 9 кабинети физика, 6 кабинети химия ва 2 кабинети биология бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Шарикони рушд муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Ҳамчунин, мактабҳо бо 65 проэктор, 49 сканер, 42 тахтаи электронӣ, 1092 маводи таълимии электронӣ (китобҳои дарсӣ дар намуди фитта), 1 китобхонаи электронӣ ва 1 кабинети лингофонӣ таъмин мебошанд. Аз тарафи раёсати маорифи ВМКБ ба мактабҳои №№22, 23 дар Рӯзи Дониш 5 компютер тақдим карда шуд. Бояд ёдовар шуд, ки дар ноҳия таҳсил дар ду баст ба роҳ монда шуда, ягон нафар соли хониши 2023-2024 аз таҳсил дур намондааст.

Фаъолияти Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъба назаррас аст. Таври мисол, дар олимпиадаи даври чоруми ҷумҳуриявӣ аз муассисаҳои таълимии ноҳия 34 хонанда иштирок намуда, сазовори 17 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 3 ҷойи дуюм, 14 ҷойи сеюм гардиданд. Ҳамзамон, хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ низ фаъолона ширкат меварзанд.

Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти умумӣ имкон медиҳад, ки майлу рағбат ва қобилияти кӯдакон инкишоф дода шавад. Айни замон дар ноҳия 2 Маркази таҳсилоти иловагӣ фаъолият менамоянд. Маркази таҳсилоти иловагии рақами 1 дар Ҷамоати деҳоти Поршинев, дар бинои мактаби №11 ҷойгир буда, дар он 24 маҳфил бо фарогирии 642 хонанда фаъолият мекунанд. Маркази таҳсилоти иловагии рақами



САФАР БА БАДАХШОН

2 дар деҳаи Кулеви Ҷамоати деҳоти Навобод буда, бинои алоҳида дорад ва дар 71 гурӯҳ 734 хонанда ба машғулият фаро гирифта шудаанд.

Мулоқот бо аҳли маорифи ноҳияи Шуғнон фараҳангез баргузор шуда, сардабири маҷалла аз чанд муассисаи таълимии ноҳия дидан намуда, бо фаъолияти онҳо аз наздик шинос шуд.

## НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА

Дар ноҳияи Рошткалъа муовини раиси ноҳия Роза Гулаҳмадшоҳзода зимни суҳбат бо сармуҳаррири маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" иброз дошт, ки бо дастгирии бевоситаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар соҳаи маориф, пешрафтҳои чашмгир дида мешавад. Бунёду сохтмони муассисаҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир яке аз он дастовардҳо мебошад.

Мулоқот бо аҳли маорифи ноҳия хотирмону ҷолиб баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш муовини раиси ноҳия Роза Гулаҳмадшоҳзода, мудири ка-



бинети методии раёсати маорифи ВМКБ Аклимо Мустаҷобова, мудири шуъбаи маориф Мамадамбар Давлатқадамов ва аҳли маорифи Рошткалъа ширкат ва суханронӣ карда, аз муҳиммияти амалишавии мавзуъҳои болозикр ёдрас гардиданд. Устодону омӯзгорон оид ба фаъолияти маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" ибрози андеша намуда, барои тақвияти ҳамкориҳо изҳори омодагӣ намуданд. Дар анҷоми нишаст пешниҳоду дархостҳои аҳли нишаст низ ироа гардид. Илова бар ин, аз муассисаҳои таълимии ноҳия боздид карда шуд.

Мудири шуъбаи маорифи ноҳия М. Давлатқадамов дар суҳбат қайд кард, ки дар Рошткалъа 41 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 28 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 7 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 6 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ ва 1 кӯдакистон фаъолият дорад. Инчунин, 37 Маркази инкишофи барвақтии кӯдак низ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо фарогирии 520 кӯдак таъсис дода шудаанд. Бунёди муассисаҳои таълимӣ дар ҳудуди ноҳия бомаром идома дорад, ки ин нукта боиси руҳбаландии аҳли маориф аст. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 4243 хонанда таҳсил менамоянд, ки ба онҳо 718 муаллим дарс мегӯянд. Дар асоси роҳхати Вазорати маориф ва илм 53 хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мактабҳои ноҳия фиристода шуданд, ки 12 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ таҳсил кардаанд.

Дар ноҳияи Рошткалъа як ширхоргоҳ-кӯдакистон фаъолият дошта, дар он 60 кӯдак, дар чор гурӯҳи аз 1,5 то 6-сола ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, як интернати давлатии назди муассисаи таълимии №26 низ аз соли 1959 дар ноҳия фаъолият мекунад, ки дар он 55 нафар ба таҳсил ҷалб шудааст. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 59 кабинети фаннӣ (компютер 35-то, физика 7-то, химия 7-то ва технология 10-то) амал мекунад. Соли равон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои №№2, 22, 26 ва 29 кабинетҳо барои фанҳои физика, химия, биология ҷиҳозонида шуд.

Боиси ифтихор аст, ки Ҳафиза Мамадаёзова омӯзгори математикаи мактаби №9 дар даври ноҳиявии озмуни "Омӯзгори соли Тоҷикистон" сазовори ҷойи якум гардида, дар даври вилоятӣ низ фаъолона ширкат варзид. Фаъолияти Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ низ пурбор буда, айни замон дар тавозуни МТИК ва муассисаҳои таълимии ноҳия 423 компютер, 135 принтер, 36 тахтаи электронӣ ва 59 проэктор мавҷуд мебошанд. Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъба низ олимпиадаву озмунҳои зиёдро ташкил ва дар сатҳи баланд баргузор карда, ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Дар Маркази таҳсилоти иловагии ноҳия 18 маҳфил, дар 44 гурӯҳ, бо ҷалби 428 хонанда фаъолият менамоянд. Аз шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия 4091 нафар узви Созмони хонандагон мебошанд.



## САФАР БА БАДАХШОН

Шуъбаи маорифи ноҳияи Рошткалъа барои мавсими зимистон маводи сӯхт ва дигар маҳсулоти заруриро захира карда, дар ин самт омодагии ҷиддӣ дорад.

### НОҲИЯИ МУРҒОБ

Сафар ба ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб 2 рӯзро дар бар гирифту бисёр пурбор буд. Кор кардан дар ин ноҳия, ки шароити хоси ҷуғрофӣ дорад, осон нест, аммо аҳли маорифи Мурғоб бо сарварии раиси кордони ноҳия Ҳусния Раҷабзода бо шавқу дилбастагӣ ба кор пардохтаанду дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон саҳми арзанда мегузоранд. Номбурда, ки зимни сафари ҳайати эҷодии маҷалла дар яке аз мавзеъҳои дурдасти ноҳия қарор дошт, дар суҳбати телефонӣ гуфт, ки туфайли ғамхориҳои доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин ноҳияи дурдасти кӯҳӣ ва дорои иқлими мутафовит, симои Мурғоб рӯз ба рӯз дигаргуну зеботар шуда истодааст.

Сипас, мулоқоти сармуҳаррири маҷалла бо муовини раиси ноҳия Мурзамад Абдуқаюм ва мудири шуъбаи маорифи Мурғоб Тӯтиё Муродзода сурат гирифт. Мурзамад Абдуқаюм изҳор дошт, ки мактабу маориф дар роҳи рушду нумуи иҷтимоию иқтисодӣ ва зеҳнию ақлонии ҳар як инсон манзалату мавқеи муҳим дорад.

Мудири шуъбаи маорифи ноҳия Т. Муродзода қайд кард, ки сохтмони мактабҳо ва дигар иншооти муҳим дар ин ноҳияи кӯҳӣ бомаром идома дорад, ки аз ёрмандиҳои доимии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи калидӣ сарчашма мегирад. Айни замон дар ноҳияи Мурғоб 13 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 11 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 2 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ фаъолияти пурсамар дошта, дар онҳо 2309 хонанда таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 305 омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд. Имсол бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 мутахассиси ҷавон барои кор ба ноҳия фиристода шуда, ҳамчунин, омӯзгорони ҷавон аз қарзҳои имтиёзнок бархурдор шуданд.

Дар Мурғоб 6 кӯдакистон фаъолияти пурсамар дошта, дар онҳо 187 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, бо мақсади фарогирии бештари кӯдакони синни томактабӣ алҳол дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия 8 Маркази инкишофи кӯдак ташкил гардидааст,



ки 110 кӯдакро фаро гирифтаанд. Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои тахассусии омӯзгорон 65 омӯзгор аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузашта, маҳоратҳои касбии худро сайқал додаанд. Боиси сарфарозист, ки дар даври вилоятии озмуни "Омӯзгори соли Тоҷикистон" омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби №14-и ноҳия Бибиёсуман Шоҷиева аз худ маҳорати хуби касбӣ нишон дода, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардид. Дар озмуни "Мураббии соли Тоҷикистон" низ мураббии кӯдакистони "Бобуна" Мендигул Назарбекова дар даври вилоятӣ фаъолона иштирок карда, ҷойи ифтихориро соҳиб гашт. Соли 2024 муассисаҳои таълимии ноҳияро 110 нафар хатм намуда, аз ин теъдод, 28 нафар тариқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дохил гардиданд. Шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоб ҷиҳати татбиқи тамоми барномаву стратегияҳои дар соҳаи маориф қабулшуда тадбирҳои амалӣ андешида, дар ин замина дастовардҳоро низ соҳиб гаштааст.

Пасон, дар маҷлисгоҳи Ҷамоати шаҳраки Мурғоб бо аҳли маорифи ноҳия мулоқот баргузор гардид. Дар ҳамоиш Мурзамад Абдуқаюм аз ғамхориҳои доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мурғоб ёдовар шуда, таъкид кард, ки Ҳукумати мамлакат ва Пешвои маърифатпарвари мо-муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи калидию афзалиятноки кишвар таваҷҷуҳи хосса намуда, бо истифода аз тамоми имкониятҳо барои бунёди муассисаҳои таълимӣ ва дар ин замина, фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳли маорифи кишвар ҳамарӯза тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Сардабири маҷалла ҳозиринро бо Рӯзи дониш ва ҷашни Истиқлоли давлатӣ табрик намуда, изҳор дошт, ки дар партави дастгириҳои пайвастаи Роҳбарияти олии кишвар соҳаи мао-

## САФАР БА БАДАХШОН

риф пешрафтҳои чашмгир дораду вазъи он рӯз ба рӯз рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Дар заминаи дастуру ҳидоятҳои  Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ҳам барои комёбиҳои бештар дар бахши таълиму тарбия тадбирҳои судманд, аз қабили баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот, таъминоти муассисаҳои таълимии миқёси ҷумҳурӣ бо таҷҳизоти мутобиқ ба талаботи имрӯза, таҳияву нашри китобҳои дарсӣ ва ғайра, меандешанд. Тақвияти ҳамкориҳои нашрияву маҷаллаҳои соҳавӣ бо аҳли маорифи ҷумҳурӣ низ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти Вазорати маориф ва илм қарор дорад, то устодону омӯзгорони кишвар аз ин минбари бонуфузу беминнати хеш самаранок истифода баранд ва дар инъикоси пешрафтҳои соҳаи маорифи шаҳру навоҳии хеш, навиштани маводу мақолаҳои таҳлилию методӣ, илмию таҳқиқӣ, педагогию оммавӣ, пешниҳоди таҷрибаи пешқадами омӯзгориашон пешсафиро аз даст надиҳанд.

Дар идома, омӯзгорони ноҳияи Мурғоб оид ба масъалаҳои ироашуда андеша ва пешниҳодоти худро иброз доштанд ва музокироти судманд сурат гирифт.

### НОҲИЯИ ИШКОШИМ

Сафар дар Ишкошим аз суҳбат бо мудири шуъбаи маориф Маликшо Диловаров оғоз гардид. Мавсуф таъкид намуд, ки баҳри амалӣ намудани сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли маориф кӯшиш ба харҷ дода, мутобиқ ба қонунҳои амалкунандаи соҳаи маориф, дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илм, фармоишҳои вазири маориф ва илм корҳои назаррасро анҷом медиҳанд. Айни замон дар ноҳия 45 муассисаи таълимӣ мавҷуд аст, ки аз ин теъдод, 33-тои он муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4-то муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 8-то муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мебошад. Дар онҳо 5050 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст ва 857 омӯзгор




ба шогирдон дарс мегӯянд, ки дар рушди соҳа саҳми беназир доранд. Лоиқи зикр аст, ки ҳолати аз таҳсил дур мондани хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надорад.

Зинаи таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои муҳим дар ташаккули шахсияти кӯдакон мебошад ва фарогирии тифлакон ба кӯдакистонҳо низ яке аз бахшҳои афзалиятнок махсуб мегардад. Дар ҳудуди ноҳия 6 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дошта, 310 тарбиятгиранда ба таълиму тарбия ҷалб шудаанд. Кори ин кӯдакистонҳо мунтазам таҳти таваҷҷуҳи кабинети методии шуъбаи маориф қарор дорад. Бояд қайд кард, ки дар назди 31 муассисаи таълимии ноҳия Маркази инкишофи кӯдак ташкил гардида, 475 кӯдак ба онҳо ҷалб шудаанд.

Пас аз суҳбат бо М. Диловаров дар мактаби №21-и ноҳия мулоқоти сармуҳаррири маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" бо аҳли маорифи Ишкошим баргузор шуда, оид ба рушди ҳамкориҳо ва вусъат бахшидан ба раванди обуна гуфтугӯи судманд сурат гирифт. Сардабири маҷалла изҳор дошт, ки дар ноҳияи Ишкошим чеҳраҳои шинохтаи маориф, омӯзгорони навҷӯю навандеш ва муаллимони соҳибтаҷрибаву ба касби хеш содиқ зиёд буда, муаррифии бештари онҳо, паҳн намудани таҷрибаи кории пешқадами ин омӯзгорон ба оммаи омӯзгорони кишвар муҳим мебошад. Пешниҳод намудани роҳу усулҳои нави таълим аз тариқи навиштани мақолаву матлабҳои таълимӣ ба маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" ва чопи онҳо боиси рӯҳбаландию ҳавасмандии бештари аҳли маорифи ноҳия мегардад.

Аҳли нишаст доир ба масъалаҳои ироашуда фикру андешаҳои хешро иброз дошта, қайд карданд, ки вусъат бахшидани ҳамкориҳо ва истифодаи босамар аз минбари беминнати омӯзгорон - "Маърифати омӯзгор" ба манфиати кори кулли омӯзгорони ҷумҳурист ва аҳли маорифи ноҳия низ дар ин раванд фаъолона иштирок мекунанд. Дар зимн, устодону омӯзгорони ноҳияи Ишкошим пешниҳодҳои худро дар робита ба фаъолияти боз ҳам пурсамари маҷалла иброз доштанд.

### ШАҲРИ ХОРУҒ

Дар ҷараёни сафар ба ВМКБ дар шаҳри Хоруғ вохӯрии сармуҳаррири маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" бо раиси шаҳр Назарзода Ризо Шодӣ ба вуқуъ пайваст ва дар он вобаста ба масъалаҳои мақсади сафар гуфтугӯи судманд сурат гирифт. Раиси шаҳр зикр намуд, ки маориф соҳаи афза-

## САФАР БА БАДАХШОН



лиятноку сарнавиштсози ҷомеа ба шумор рафта, пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Маҳз ба ҳамин хотир дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтар барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста шуда, барои рушди бештари ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шуда, дар замони истиқлол ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқарорсозии онҳо дигаргуниҳои зиёде ба амал омад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо андешидани тадбирҳои мушаххас ва татбиқи амалии онҳо мақоми омӯзгорро дар ҷомеа баланд бардошта, муаллимро "ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он" номидаанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои пешрафти кори муаллим ва беҳбудии рӯзгори ӯ пайваста ғамхориҳо мекунад. аз ҷумла, муқаррар намудани як қатор имтиёзҳо барои муаллимон, таъсиси Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба он хотир аст, ки омӯзгор тамоми донишу заковат, гармии дили хешро бедареғ ба фарзандони халқ бидиҳад ва ҳамзамон, худро хушбахт шуморад.

Ҳамчунин, вобаста ба мавзуи рушди бештари ҳамкориҳо бо маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” бо муовини раиси шаҳри Хоруғ Парӣ Ғуломҳайдарзода, узви Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Комиссияи назорати дастур, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хоруғ Шодигул Қонунзода, устодону омӯзгорон, аҳли маорифи шаҳр суҳбатҳои муфид анҷом дода шуд.

Ш. Қонунзода иброз дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешрафти соҳаи маориф ва марҳила ба марҳила таҳким бахшидани заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ чораҳои зарурӣ андешида, ҷавобан ба ғамхориҳои доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи калидии кишвар аҳли маорифи шаҳри Хоруғ мекӯшанд, содиқона аз пайи иҷрои рисолати касбии хеш бошанд.

Дар шаҳри Хоруғ алҳол 14 муассисаи таълимӣ фаъолият менамояд, ки аз ин шумора 2 муассисаи типи нав: Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ ва Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат мебошанд. Шумораи умумии хонандагон 5736 нафар буда, ба онҳо 474 омӯзгор дарс медиҳанд. Дар муассисаҳои таълимии шаҳр 643 компютер, 132 принтер, 76 видеопроэктор, 60 тахтаи электронию дигар маводҳои электронӣ ва 71 кабинети фанниву 6 озмоишгоҳ мавҷуд ҳаст.

Дар нуҳ моҳи соли 2024 аз тарафи Вазорати маориф ва илм ба шуъбаи маорифи шаҳр 162 номгӯй китобҳои дарсӣ бо шумораи 13 412 адад дохил гардида, дастраси муассисаҳои таълимӣ шуданд.

Имрӯзҳо теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар шаҳри Хоруғ ба 6 адад ва шумораи тарбиятгирандагон ба 1020 нафар расидааст. Ба таълиму тарбияи ин кӯдакон 52 мураббӣ машғуланд. Маркази инкишофи кӯдакон дар назди Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хорӯғ бо фарогирии 338 кӯдак ва 24 мураббӣ фаъолият мекунад. Инчунин, дар назди 3 муассисаи таълимии шаҳр Маркази инкишофи кӯдак фаъол аст. Дар маҷмуъ, фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи зинаи томактабӣ дар шаҳри Хоруғ ба 1587 нафар расидааст, ки 80%-и нақшаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, такмили малакаю маҳорати омӯзгорон, истифодаи боз ҳам бештари усулҳои муосир, дарёфти мураббиёну омӯзгорони соҳибистеъдод, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами онҳо



## САФАР БА БАДАХШОН

ҳамасола мураббиёну омӯзгорони шаҳри Хоруғ дар озмунҳои “Мураббии соли Тоҷикистон” ва “Омӯзгори соли Тоҷикистон” фаъолона ширкат варзида, ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд.

Аз 381 хатмкунанда 341 нафар ба Маркази миллии тестӣ ҳуҷҷат супорида, 378 нафар ба донишгоҳҳои дохилу хориҷи кишвар дохил шуданд. Қобили зикр аст, ки дастовардҳои хонандагони шаҳри Хоруғ дар озмуну олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун назаррас буда, бо иштирокашон дар ин чорабиниҳо ба дастовардҳои соҳаи маорифи шаҳр комёбиҳои навин мееоранд. Масалан, дар даври чоруми олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ дар умум, 347 нафар иштирок карда, 54 хонанда сазовори ҷойҳои намоён, аз ҷумла, медалҳои тиллою нуқра гардиданд.

Раванди омодасозии муассисаҳои таълимии шаҳри Хоруғ ба мавсими сармо дар сатҳи баланд қарор дошта, то имрӯз бо гармкунакҳои баркӣ ва захираи кофии ангишт таъмин гардидаанд.

### ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

Дар доираи ин сафар бо роҳбарият ва ҳайати кормандони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев низ дидору суҳбат баргузор шуд.



Тавре иттилоъ дорем, донишгоҳи мазкур зодаи даврони истиқлол буда, 5 августи соли 1992 таъсис дода шудааст. Барои хизматҳои шоён дар назди халқу миллат, ин муассиса дар асоси Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри 1994 ба номи ходими намоёни давлатӣ, олими маъруф, академик Моёншо Назаршоев номгузорӣ шудааст. Нахустин ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика-математика, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмадшо Илолов буд, ки дар ташкилу поягузории он ва ҷалби мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ ба донишгоҳ фаъолияти пурсамар намуд. Дар солҳои минбаъда донишгоҳро узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шодравон Хаёлбек Додихудоев, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирганд Шаҳбозов, доктори илмҳои физика-математика, профессор Гулхоҷа Ҷангибеков, доктори илмҳои техникӣ, профессор Имомёрбек Қаландарбеков, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шермамад Ҷонмамадов, доктори илмҳои физика-математика, профессор Гулзорхон Юсуфзода роҳбарӣ намуда, дар пешрафти донишгоҳ корҳои назаррасро анҷом додаанд. Айни замон вазифаи ректори донишгоҳро дастпарвари ин боргоҳи илму маърифат, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Комилбек Амид Ёрбек бар уҳда дорад. Ректори донишгоҳ зимни мулоқот иброз дошт, ки таъсиси ин махзани илму дониш дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-маърифатии ВМКБ рӯйдоди муҳим буда, аҳаммияти бузурги сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорад. Ин падидаи муҳим дар китоби таърихи илму маориф ва фарҳанги вилоят як саҳифаи навро боз намуд. Донишгоҳ чун маркази илмӣ-маърифатӣ неруи зеҳнӣ-илмиро муттаҳид намуда, ба ташаккули кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ мусоидат намуд. Фаъолияти беш аз 32-солаи донишгоҳ собит намуд, ки дастгириҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва рушди вилоят аҳаммияти бузург дорад. Дар ин муддат муассисаро беш аз 20 ҳазор нафар хатм намуданд, ки имрӯз дар рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии кишвари азизамон Тоҷикистон софдилонаву содиқона кор мекунанд. Устодони донишгоҳ аз он мефахранд, ки аз байни дастпарварони донишгоҳ вазирон, вакилон, кормандони мақомоти давлатӣ, шоирон, рӯзноманигорон, даҳҳо номзаду доктори илм ба камол расиданд.

Дар идомаи суҳбат муовини якуми ректор оид ба таълим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саид Ғоибназарзода қайд кард, ки ҳайати кормандони донишгоҳ бо нашрияву маҷаллаҳои соҳавӣ, аз ҷумла, "Маърифати омӯзгор" робитаҳои хубро ба роҳ мондаанд ва дар оянда низ ин ҳамкориҳоро тақвият хоҳанд бахшид.

САФАР БА БАДАХШОН

## ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ВМКБ

Дар доираи сафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сардабири маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" аз Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ дар шаҳри Хоруғ дидан намуд.



Директори ФДҶТИВБКСМ дар ВМКБ Раҳимдод Азизбеков дар суҳбат иброз дошт, ки филиали мазкур, ки айни замон бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф, коркарди таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ ва татбиқи онҳо, расонидани кумакҳои методӣ ба омӯзгорон ва татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф фаъолият карда истодааст, таърихи ҳаштоду ҳаштсола дошта, вобаста ба талаботи замон чанд сохтор ва мақоми худро иваз кардааст, аммо рисолати аслиаш ҳамоно бетағйир боқӣ мондааст. Аз ҷумла, соли 1936 дар назди Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон шуъбаи алоҳида дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шуд, ки он то соли 1957 фаъолият намуд. Соли 1957 бо ба назар гирифтани ниёзи омӯзгорон ба бозомӯзӣ Вазорати маорифи ҶШС Тоҷикистон соли 1957 Донишкадаи такмили ихтисоси вилоятро таъсис дод ва яке аз аҳли маорифи варзидаи вилоят Шодихон Ёрмамадовро директори он таъйин намуд. Донишкадаи такмили ихтисоси вилоят соли 1996 ба Маркази методии омӯзгорони ВМКБ табдил дода шуд ва то соли 1998 дар ҳамин мақом фаъолият кард. Муассиса солҳои 1998-1999 ба Маркази рушди касбии омӯзгорони ВМКБ тағйири ном кард. Аз соли 2000 то 2014-ум ин муассиса бо номи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ фаъолият карда буд. Шуруъ аз соли 2015 то инҷониб, ҳамчун Филиали муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар ВМКБ фаъолият дорад.

Муовини директор оид ба таълим, илм ва инноватсияи ФДҶТИБКСМ Карам Парпишоев оид ба фаъолиятҳои илмӣ-методии филиал дар тӯли солҳои фаъолияташ чанд мисол овард, ки лоиқи таваҷҷуҳанд. Ӯ аз ҷумла, қайд кард, ки соли 1962 барои муаллимон рӯзи методӣ муайян карда шуд, ки дар ин рӯз омӯзгорон фориғ аз дарс, дар шаклҳои мухталифи корҳои методӣ савияи педагогӣ ва худомӯзии худро баланд мебардоштанд. Соли 1997 дар таърихи маорифи вилоят аввалин маротиба чопи варақаи иттилоотӣ-методӣ бо номи «Раҳнамо» бо мақсади такмили тахассуси касбии муаллимон ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони беҳтарин ба роҳ монда шуд. Баъдтар он бо номи маҷаллаи «Мунис» ва аз моҳи январи соли 2008 то ин дам бо номи «Раҳнамои омӯзгор» нашр мешавад. Лоиқи зикр аст, ки солҳои 2003-2006-ум дар Тоҷикистон "Барномаи рушди маълумоти ибтидоӣ дар Тоҷикистон" қабул гардид, ки иҷрокунандаи асосии он Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ буд. Дар ин муддат донишкада мактабҳои такягоҳии ВМКБ, вилояти Хатлон (ноҳияҳои Шурообод, Муъминобод, Ховалинг) ва водии Раштро (Тоҷикобод, Рашт, Нуробод, Роғун) аз ҷиҳати моддӣ-техникӣ ва методӣ пуриқувват намуд. Ҳамчунин, дар донишкада барномаи «Таълиму тарбияи тандурустӣ» амал намуда, тавассути он хонандагони синфҳои 4 ва 7-и ҳамаи мактабҳои вилоят донишу малакаҳои худро оид ба тарзи ҳаёти солим, муҳофизати бадан аз бемориҳои сирояткунанда, нашъамандӣ ва роҳҳои пешгирии он такмил доданд. Ҳамчунин, соли 2009 дар заминаи донишкада филиали Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Дар умум, пас аз шиносоӣ бо фаъолияти филиали донишкада маълум гардид, ки муассисаи мазкур дастовардҳои зиёд дошта, раванди кораш пурвусъат аст.

## ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАҲРИ ХОРУҒ

Дар ҷараёни сафари хидматӣ ба Бадахшон сармуҳаррири маҷалла, ҳамчунин, аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ дидан наму-

## САФАР БА БАДАХШОН

да, бо шароити тадрису таълим ва будубоши донишҷӯёну омӯзгорон дар муассиса шинос гардид.

Директори донишгоҳ Холиқназар Кучакшоев дар бораи таърихи таъсиси он иттилоъ дода гуфт, ки муассисаи мазкур 14-уми сентябри соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардидааст. Донишгоҳ



гоҳ дар асоси шартномаи байналмилалӣ байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Фонди Оғохон сохта шуда, аз биноҳои таълимии дуошёна ва се ошёна иборат мебошад. Тибқи нақша бинои донишгоҳ, дар маҷмуъ, дар се қисмат бунёд карда мешавад. Қисмати якуми он, ки қомат афрохтаву ба фаъолият пардохтааст, бо сифати баланд ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонии таълим мебошад. Донишгоҳи мазкур дорои ду ихтисос: омӯзиши илм дар бораи замин ва муҳити зист ва иқтисодиёт буда, ба донишҷӯён устодон аз давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон бо истифода аз роҳу воситаҳои муосири таълим дарс мегӯянд. Айни замон шумораи донишҷӯёни донишгоҳ 196 нафарро ташкил дода, дар ин ҷо донишҷӯён аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистону Покистон ва ғайра, таҳсил менамоянд. Ба донишҷӯён 25 омӯзгор дарс медиҳад. Самти таълим дар донишгоҳ, асосан, ба тадқиқот нигаронида шуда, донишҷӯён бо истифода аз роҳу воситаҳои муосири донишомӯзӣ, махсусан, технологияи компютерӣ ба омӯзиш ва корҳои илмӣ ҷалб карда мешаванд.

-Ёдам намеравад, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суҳбат бо омӯзгорон ва донишҷӯён чунин таъкид карда буданд, ки “дар чунин шароити фароҳам гардида, ки ба донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳонӣ баробар аст, ба корҳои илмию тадқиқотӣ дар равияҳои барои кишвари мо муҳим, омӯзиши замин ва муҳити атроф ва иқтисодиёт бештар машғул шаванд ва донишу малакаи худро мукаммал намуда, дар оянда ҳамчун мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ба воя расанд", - иброз медорад Х. Кучакшоев.

Дарсҳо дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо забони англисӣ ба роҳ монда шуда, дар он мутахассисони рақобатпазир ба бозори ҷаҳонӣ омода карда мешавад. Тибқи низомнома донишҷӯён тариқи шартномавӣ қабул карда мешаванд ва ҳамзамон, ба ҷавонони лаёқатманд имтиёзҳо муқаррар гардидааст. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дорои синфхонаи муосири таълим, китобхона, китобхонаи электронӣ, озмоишгоҳ, ҳуҷраҳои омӯзгорон, ошхона ва ҳуҷраҳои истироҳатию фароғатӣ мебошад. Ҳамзамон, барои ба варзиш ва обу тоби бадан машғул шудани донишҷӯён маркази фитнес, тенниси рӯимизӣ ва дигар машғулиятҳои варзишӣ амал карда, инчунин, майдони варзишӣ барои бозии футбол, волейбол ва баскетбол, толори болопӯшидаи варзишӣ сохта шудааст. Дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ омӯзгорон ва донишҷӯён бо хобгоҳҳои замонавӣ пурра таъмин гардидаанд. Ин муассиса дар заминаи дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ бунёд гардида, он барои донишҷӯёни тоҷик ва дар оянда омода намудани мутахассисони соҳибихтисос дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи асосӣ фароҳам меорад.

### ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Зимни сафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” Дилафрӯз Қурбонзода бо раиси вилоят Мирзонабот Алишер Худобердӣ мулоқот намуд, ки дар раванди он оид ба масъалаи дурнамои ҳамкориҳо ба аҳли маорифи вилоят, вазъи соҳаи маориф ва ҷараёни маъракаи обуна ба маҷалла муколамаи судманд анҷом ёфт. Раиси вилоят Алишер Мирзонабот иброз дошт, ки соҳаи маориф дар сархати сиёсати дохилии мамлакат чун соҳаи афзалиятнок мавқеъ гирифтааст ва дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар нақши муҳим дорад. Ба ин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин самт тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати пешрафту равнақи он тадбирҳои хеле судманд андешида шудаанд. Аз ин рӯ, вазъи таълиму тарбия, сатҳу сифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят таҳти таваҷҷуҳи хосса қарор дошта, ба тариқи доимӣ мавриди санҷиш ва таҳлил қарор дода мешавад.

САФАР БА БАДАХШОН



Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 43 ҳазор ҷои нишаст ба маблағи беш аз 450 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Ҳоло ба маблағи 144 миллион сомонӣ сохтмони боз 26 муассисаи таълимӣ барои 9 ҳазор хонанда идома дорад. Бояд гуфт, ки бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар кору фаъолияти омӯзгорон марҳилаи нав ворид гардид. Ин қишри ҷомеа рисолати худро бо андешаҳои миллӣ мувофиқ карданд, ки ба ин васила, дар тарбияи худшиносии насли наврас имконияти бештар фароҳам оварда шуд. Маҳз иҷрои вазифаҳои бузург мақому манзалати омӯзгорро дар ҷомеаи мо боло бардошта, ӯро соҳибэҳтирому соҳибиззат гардониданд.

Сардори раёсати маорифи вилоят Аминҷон Мирзоқанд ҳангоми суҳбат иттилоъ дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ВМКБ 5320 омӯзгор ба кори таълиму тарбия машғул буда, дар баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот саҳми арзанда мегузоранд. Ҷиҳати дастгирии мутахассисони ҷавон ба 39 омӯзгор қарзи имтиёзнок дода шудааст. Дар озмуни вилоятии Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ 3 омӯзгори Литсейи давлатӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ ғолиб донистa шуда, ҷиҳати иштирок дар даври ҷумҳуриявии озмун роҳхат гирифтанд. Дар Форуми ҷумҳуриявии “Омӯзгори навовар”, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, омӯзгори биологияи мактаби №12-и ноҳияи Рошткалъа Сабзагул Хуромонова бо муаррифӣ кардани лоиҳаи худ сазовори ҷойи дуюм гардид, ки яке аз натиҷаҳои беҳтарини омӯзгорони вилоят дар соли 2024 мебошад. Дар соли таҳсили 2023-2024 барои кор дар соҳаи маорифи ВМКБ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 308 мутахассиси ҷавон фиристода шуд. Ҷиҳати таъмини хонандагон бо шароити хубу муосири таълим бо дастгирии Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ, Шарикони рушд ва шахсони эҳсонкору саховатпеша барои амалӣ намудани “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” ҷиҳати сохтмону таъсиси кудакистонҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, се бинои муассисаи томактабӣ барои 380 кӯдак сохта шуд. Айни замон сохтмони 7 бинои нави кӯдакистон ва марказҳои инкишофи кӯдак бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ барои 585 кӯдак бо маблағи умумии 13 миллиону 683 ҳазор сомонӣ идома доранд. Соли ҷорӣ гурӯҳи кории ҳукуматӣ бо ҷалби мутахассисони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаҳои сохтмон ва меъморӣ, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазъи 118 бинои муассисаи таълимии ҳудуди вилоят шинос гардиданд, ки дар натиҷаи хулосабарориҳо 70 бинои муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ ва 35 бино ба таъмири асосӣ ниёздошта арзёбӣ шуданд. Иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №192 “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025” ва раванди омодагӣ ба мавсими зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати хуб қарор дошта, то имрӯз миқдори зиёди маводи сӯхт захира карда шудааст. Боиси хушнудист, ки сол ба сол хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии вилоят дар олимпиадаҳои анъанавии фаннӣ, номӣ ва онлайнӣ шумораи бештари ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд. Дар маҷмуъ, 4224 хонандаи муассисаҳои таълимии вилоят дар олимпиадаҳои фаннии сатҳи ҷумҳуриявӣ, олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ, озмунҳои сатҳи шаҳрӣ (ноҳиявӣ)-и "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм-фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон-Ватани азизи ман" ва озмуни сатҳи вилоятии "Маърифати ҳуқуқӣ-оини худшиносӣ" ширкат варзида, 814 нафараш пирӯз гардиданд. Тибқи маълумоти Маркази миллии тестӣ аз 2191 хатмкунандаи син-

## САФАР БА БАДАХШОН

фи 11-и мактабҳо 1904 нафар барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба қайд гирифта шуданд, ки 87%-и нақшаро ташкил медиҳад. Бо мақсади ҷалби наврасон ба истироҳати тобистона дар соли равон, дар маҷмуъ, 1217 нафар хонанда, аз ҷумла, 632 наврас дар лагерҳои истироҳатии беруназшаҳрӣ ва 585 нафар дар истироҳатгоҳҳои солимгардонии назди муассисаҳои таълимӣ ба истироҳату фароғат фаро гирифта шуданд.

Сипас, дар толори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо аҳли маорифи вилоят мулоқот доир гардид, ки дар он сардори раёсати маорифи ВМКБ Аминҷон Мирзоқанд роҷеъ ба таърихи пурғановати маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” сухан ронда, муҳиммияти фаъолияти пурбор ва нақши мондагори онро дар соҳаи маориф таъкид намуд.

Собиқадори соҳаи матбуот, рӯзноманигори шинохта Ҷангибек Улфатшоев низ доир ба яке аз нашриёҳои калидию номвари Вазорати маориф ва илм будани маҷалла таъкид намуда, аз шебу фарози кор ва пурмазмуну пурмуҳтаво гаштани он сухан гуфт.

Мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хоруғ Шодигул Қонунзода зикр кард, ки имрӯзҳо маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” ҳамчун роҳнамои беминнати кулли омӯзгорони ҷумҳурӣ барои инъикоси навгониҳои соҳа, нашри мақолаҳои методию илмӣ, педагогию тарбиявӣ нақши арзанда дошта, омӯзгорон нашри навбатии ҳар як шумораи онро бесаброна интизорӣ мекашанд, зеро дар он барои ҳар як мутахассис-омӯзгорони фанҳои гуногун маводи хондании ҷолиб рӯйи чоп меояд.

Дар идома, аҳли нишаст, омӯзгорони номвари вилоят ба музокира баромада, атрофи масъалаҳои ироагардида фикру андешаҳои хешро иброз доштанд

**ХУЛОСА**

Дар маҷмуъ, натиҷаи сафари беш аз даҳрӯзаи сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” Дилафрӯз Қурбонзода ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нишон дод, ки роҳбарияти вилоят, раисони шаҳру ноҳияҳо ва аҳли маорифи вилоят бо шукргузорӣ аз таваҷҷуҳу дастгириҳои доимии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафти ин соҳаи калидию афзалиятнок пайи заҳмату пайкор буда, мекӯшанд, дар рушду нумуи бештари он саҳми арзанда гузоранд. Ҳар як нафар аҳли маорифи ВМКБ - устодону омӯзгорон бо ҳисси ҳамдилию ҳамбастагӣ содиқона ба иҷрои касби хеш камар баста, дар татбиқи барномаҳои давлатии соҳа, таълиму тарбияи волои наврасону ҷавонон ва пешбурди соҳаи муҳим худро масъул дониста, талош бар он доранд, маорифи вилоят дар оянда низ дастовардҳои назаррасу мондагор дошта бошад.



**Дилафрӯз САЙФИДДИНЗОДА,**
**нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**



# ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ҲУҚУҚБУНЁД: ҲАМКОРИИ НОТАРИАТ БО МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Маърифати ҳуқуқӣ унсури муҳимми рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо донистани меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки омодагӣ ба риояи онҳо, эҳтироми қонун, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ, инчунин, ҳуқуқи шахсони дигарро дар бар мегирад. Дар Тоҷикистон фарҳанг ва ё маърифати ҳуқуқӣ асоси бунёди ҷомеаи устувор, одилона ва қонунбунёд мебошад.

Дар ташаккули муърифату фарҳанги ҳуқуқӣ муассисаҳои давлатӣ нақши махсус доранд, ки дар байни онҳо идораи нотариалӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Мақомоти нотариалӣ, ки миёнарави байни шаҳрванд ва қонун мебошанд, амнияти ҳуқуқиро таъмин намуда, риояи манфиатҳои қонунии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқиро кафолат медиҳанд.

### Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон

Фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ омили асосии бунёди ҳамон ҷомеае боқӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванд дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дарк намояд. Мисоли одӣ, тасаввур кунед, ки нафаре тамоми шарту шароити шартномаи кирояи хонаро нахонда, онро имзо мегузорад. Ба далели надоштани дониши ҳуқуқӣ ӯ бо мушкили аз хонаи кироя берун шудан ва ё пардохти пули коммуналӣ, ки дар шартнома дақиқ зикр нашудааст, рӯбарӯ мешавад. Ин мисоли равшани он аст, ки бесаводии ҳуқуқӣ чӣ тавр боиси душвориҳои ҷиддӣ дар ҳаёти ҳаррӯза шуда метавонад.

### Нақши нотариусҳо дар баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ

Нотариат на танҳо дар тасдиқ намудани ин ё он ҳуҷҷат, балки дар додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон низ нақши бузург мебозад. Нотариусҳо ҳамарӯза бо нафароне рӯбарӯ мешаванд, ки ҳуқуқҳои худро намедонанд ва аз он ки чӣ гуна манфиатҳои худро ҳимоя кунанд, огоҳ нестанд. Масалан, оилае аз оқибатҳои андоз ё ҳуқуқи меросии хешовандони дигар бехабар аст, метавонад барои тартиб додани васиятнома ба нотариус муроҷиат кунад. Дар чунин мавридҳо нотариус ҳамчун кафили қонуният мисли муаллим ва ё омӯзгоре метавонад, ки ҷузъиёт ва нозукиҳои меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳаёти шаҳрвандон таъсиркунандаро шарҳ диҳад.

### Мушкилоти муосири маърифати ҳуқуқӣ

Имрӯзҳо масъалаҳои нигилизм (шаккокӣ)-и ҳуқуқӣ ва норасоии маърифати ҳуқуқӣ актуалӣ шудаанд. Мо аксар вақт дар бораи одамоне мешунавем, ки намехоҳанд бахри дарёфти кумаки ҳуқуқӣ ба ҷое муроҷиат кунанд, зеро онро тамоман намефаҳманд, аммо донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ба ҳар як шаҳрванд, на танҳо барои ҳифзи манфиатҳои худ, балки барои ба вуҷуд овардани тартиботи одилонаи ҳуқуқӣ дар кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ҳар як ҳолат - аз таҳияи ҳуҷҷатҳои нотариалӣ то ҳолатҳои рӯзмарра - агар мо барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ фаъолона кор кунем, метавонад як дарси саводнокии ҳуқуқӣ гардад.

## СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Нотариат ва маданияти ҳуқуқӣ**

Фаъолияти нотариус бо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқии шаҳрвандон алоқаманд аст. Нотариусҳо тавассути таҳияи ҳуҷҷатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ, аз қабили муомилоти амволи ғайриманқул, созишномаҳои пеш аз ақди никоҳ, васиятномаҳо ва ваколатномаҳо ба одамон кумак мекунанд. Вале онҳо на танҳо барои ба расмият даровардани ниятҳои аҳли ҷомеа дар соҳаи ҳуқуқ мадад мерасонанд, балки ба онҳо дар фаҳмидани аҳаммияти риояи қонун ва ҳуқуқҳояшон ёрӣ мерасонанд.

Дар Тоҷикистон нотариусҳо дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муҳим доранд. Онҳо ҳамчун коршинос баромад карда, ба шаҳрвандон ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонда медиҳанд ва бо ҳамин дар баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ саҳм мегузоранд.

**Маърифати ҳуқуқӣ ва наврасону ҷавонон**

Яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои маърифати ҳуқуқӣ кор бо ҷавонон мебошад. Муҳим он аст, ки ҷавонон дар марҳилаи аввали ҳаёт аҳаммияти қонун ва масъулияти худро дар назди ҷомеа дарк кунанд. Масалан, хонандаеро гирем, ки дар мактаб бо рафтори ношоиста дучор омада, намедонад, ки ба куҷо муроҷиат кунад ва ҳуқуқашро чӣ тавр ҳимоя созад. Маҳз барои пешгирии ана ҳамин гуна ноогоҳии ҳуқуқӣ машғулиятҳои мунтазаме лозиманд, ки дар он наврасон на танҳо дар бораи ҳуқуқҳои худ, балки дар бораи уҳдадориҳои хеш, инчунин, роҳҳои ҳаллу фасли низоъҳоро одилона ва қонунӣ омӯзанд.

**Ҳамкории нотариат бо муассисаҳои таълимӣ**

Муҳимтарин унсури таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа тарбияи ҳуқуқии наврасону ҷавонон мебошад. Дар ин ҷо алоқаи зичи мақомоти нотариалӣ ва муассисаҳои таълимӣ имконпазир аст. Нотариусҳо метавонанд дар гузарондани маърӯзаю семинарҳо барои хонандагон ва донишҷӯён, ба онҳо фаҳмонда додани аҳаммияти риояи қонун дар ҳаёти ҳаррӯза, инчунин, шиносонидани онҳо бо асосҳои танзими ҳуқуқии аҳдҳо ва мерос фаъолона иштирок кунанд.

Чунин ҳамкорӣ метавонад ба шакли зер сурат гирад:

**1. Гузаронидани барномаҳои таълимӣ.** Нотариусҳо метавонанд дар якҷоягӣ бо муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон дар доираи амалҳои нотариалӣ дарсҳои интерактивӣ ташкил намоянд.

**2. Гузаронидани озмуну сабқатҳо дар мавзуи ҳуқуқ ва қонун.**

Барои донишҷӯёни факултаҳои ҳуқуқшиносӣ дар бораи донистани асосҳои ҳуқуқи нотариатӣ озмунҳо ташкил кардан мумкин аст, ки барои амиқтар кардани дониши ҷавонон ва омода намудани онҳо ба касби ояндаашон мусоидат хоҳад кард.

**3. Экскурсияҳо ба идораҳои нотариалӣ.** Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо ҷанбаҳои амалии кори нотариусҳо ошно шаванд ва аҳаммияти ҳуҷҷатҳо ва муомилотро аз нигоҳи ҳуқуқӣ бубинанд.

**Сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ва рушди маърифати ҳуқуқӣ**

Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо масъулияти шаҳрвандони алоҳида ё нотариус барин мутахассисон, балки натиҷаи сиёсати давлат мебошад. Яке аз ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ шудааст, баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад ва ба тарбияи маданияти ҳуқуқӣ бевосита таъсир мерасонад.

Мақомоти нотариалӣ метавонад, дар татбиқи консепсияи мазкур бо иштирок дар барномаҳои таълимию иттилоотӣ, ки ба тарбияи ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, нақши асосӣ ва мондагор бибозад.

Дар фарҷом ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки рушди маърифату фарҳанги ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ҳамдастиву ҳамкориву ширкати ниҳодҳои гуногуни давлатӣ, аз ҷумла, идораи нотариалиро тақозо мекунад. Нотариусҳо бо таъмини қонунияти муомилот ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва эҳтироми қонун мусоидат мекунанд.

**Ҳамкории мутақобила бо муассисаҳои таълимӣ** як қадами дигар дар таҳкими фарҳанги ҳуқуқии наврасону ҷавонон аст, ки дар оянда кафолати боқӣ мондани ҷомеаи қонунбунёд ва устувор мебошад.

**Раҳима РОЗИҚОВА,**
**мураббии кӯдакистони №80-и**
**ноҳияи Сино**



# БАЧАҲО БО ТАБИАТ ЧӢ ГУНА ШИНОСОӢ ПАЙДО МЕКУНАНД?

Ошноӣ бо табиат зинаи ибтидоии донишҳои маърифатии инсон буда, ин донишҳо дар 5 ҳисси инсонӣ таҷассум меёбанд. Махсусан, мавзуи абрҳо, ки сарчашмаи об ва хуррамии табиат мебошад, барои наврасону кӯдакони синни томактабӣ зиёд муҳим мебошанд. Дар ин нигошта як машғулияти намунавӣ барои шиносоии кӯдакон бо табиат бо номи "Абрҳо" манзури мураббиҳо карда мешавад ва мо умедворем, ки барои боз ҳам ғанӣ шудани ҷараёни машғулиятҳояшон нақши муҳим мебозад.

**Мавзуъ:** «Абрҳо»

**Мақсад:** Шинос кардани кӯдакони гурӯҳи миёна бо намудҳои абрҳо.

**Вазифаҳо:**

**Маърифатӣ:** васеъ ва дақиқ намудани тасаввуроти бачаҳо дар бораи табиат - абрҳо. Абри сиёҳ чӣ тавр пайдо мешавад; ташаккули маҳорати ҷавоби пурра додани наврасон.

**Инкишофдиҳанда:** инкишоф додани мушоҳидаи ҳодисаҳои табиии абрҳо ва абрҳои сиёҳ, ёфтани фарқияти байни онҳо, инкишофи тасаввурот.

**Тарбиявӣ:** тарбияи маҳорати мушоҳидаи ҳодисаҳои атмосферӣ.

**Кори пешакӣ:** мушоҳидаҳо, суҳбатҳо, таҷрибаҳо бо об, машғулияти кушоди «чӣ, кай ва дар куҷо?», тамошои наворҳо доир ба мавзуи «пайдошавии абрҳо».

**Мавод ва таҷҳизот:** навори «Намудҳои абрҳо», даврачаҳои пахтагин, қайчиҳо, картони кабуд.

**Оғози машғулият**

**Мураббӣ:** - Бачаҳо! Мо дар осмон ҷамъшавии абрҳои сафедро мебинем, ки онҳо ба парҳои паранда, қасрҳои афсонавӣ ё пахтақанд монандӣ доранд. Дар ҳавои боронӣ бошад, осмонро абрҳои сиёҳ печондаанд.

**Абрҳо чӣ тавр пайдо мешаванд?**

Об аз таъсири гармӣ аз рӯйи замин ва аз дарёву кӯлҳо, баҳрҳо ва укёнусҳо буғ шуда, баланд ба сӯи осмон меравад. Буғҳо дар осмон аввал ба абрҳои хурд мубаддал мешаванд. Онҳо ба мисли парҳои парандаҳо дар осмон шино карда, ба ҳам пайваста ҷамъ мешаванд ва абрҳои калонро ташкил медиҳанд.

Буғҳо дар абрҳо батадриҷ ба қатраҳо табдил ёфта, ба замин меборанд. Агар ҳаво гарм бошад, борон ё агар хунук бошад, барф меборад.

Абрҳо дар баландиҳои гуногун ҷой мегиранд ва бо таъсири шамол дар осмон шино мекунанд. Абрҳо гуногун мешаванд.

**Рафти машғулият**

**Мураббӣ:** - Бачаҳо! Ба ин чистон ҷавоб ёбед:

**Бол надорад, мепарад,**
**Шино мекунад бедаст.**

**Бачаҳо: - Абр!**

**Мураббӣ:** - Офарин, бачаҳо! Ҷавобатон дуруст аст. Акнун мо имрӯз бо ҳодисаи табиат-абрҳо шинос мешавем. Дар хотир доред, ки абрҳо чӣ тавр пайдо мешаванд?

**Бачаи 1:** - Қатраҳои об дар натиҷаи гармӣ буғ шуда, ба осмон мераванд.

**Бачаи 2:** - Онҳо дар осмони хунук ба ҳам ҷафс шуда, абрчаҳо мешаванд.

**Бачаи 3:** - Абрчаҳо ба ҳам вохӯрда, ба абри калон табдил меёбанд ва қатраҳо вазнин шуда, ба замин дар шакли борон ё барф меборанд.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо! Намудҳои абрҳо гуногун мешаванд. Имрӯз мо бо чанд намуд ва бо ба чанд синф ҷудо шудани онҳо шинос мешавем ва чанд намуна меорам, то ки шумо боз хубтар дар ёд гиред.

## ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

**Абрҳоро вобаста аз ҳолати ҷузъии абрҳо ба се синф ҷудо мекунанд:**

Абрҳои обӣ ё қатрагӣ, ки танҳо аз қатра иборатанд. Онҳо на танҳо дар ҳарорати мусбат, балки дар ҳарорати манфӣ (- 10°С ва пасттар аз ин) ҳам мушоҳида мешаванд.

Абрҳои омехта, ки аз омехтаи қатраҳои сард ва булӯрчаҳои ях ҳосил шудаанд. Онҳо дар ҳарорати аз -10 то – 40°С мушоҳида мешаванд.

Абрҳои яхӣ, ки аз булӯрчаҳои яхӣ ҳосил шудаанд ва дар ҳарорати пасттар аз -30°С мушоҳида шуда, назар ба қатраҳои моеъ бартарӣ доранд.

Дар мавсими гармӣ абрҳои қатрагӣ дар қабатҳои поёнии тропосфера омехта, дар қабатҳои мобайнӣ ва абрҳои яхӣ бошад, дар қабатҳои болоӣ ҳосил мешаванд. Дар мавсими сард бошад, дар ҳарорати паст абрҳои омехта ва яхӣ метавонанд, дар қабатҳои назди сатҳи замин ҳосил шаванд.

Пас аз ин кӯдакон навори «Намудҳои абрҳо»-ро тамошо мекунанд.

**Мураббӣ:** - Ҳозир мо абрҳои тӯда, қабатдор, пармонанд ва борониро тамошо кардем. Мутахассисони обуҳавошинос аз рӯйи абрҳо вазъи обу ҳаворо пешгӯӣ карда метавонанд.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, биёед, тӯббозӣ мекунем. Ман тӯбро ба шумо мепартояму савол медиҳам, шумо ҷавоб дода, тӯбро баргашта ба ман мепартоед.

- Имрӯз дар осмон абр аст ё абрҳои тӯда?

-Абрҳо дар як ҷо истодаанд ё ҳаракат мекунанд?

-Агар дар осмон абрҳо бисёр бошанд, ҳаво чӣ хел мешавад? (Абрнок).

-Агар абрҳо набошанд чӣ? (Ҳавои софи офтобӣ). -Агар ҳам абр бошаду ҳам офтоб чӣ?

(Ҳавои тағйирёбанда).

-Ба шумо чӣ хел ҳаво писанд аст? (Ҳавои софи офтобӣ).

- Офарин! Шумо ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои дуруст додед. Ҳоло мову шумо аз даврачаҳои пахтагин суроби абрҳоро месозем. Мо осмони кабудро бо абрҳои зебо оро медиҳем. Метавонед аз пахта шаклҳои гуногунро буред, зеро абрҳо ба ашёҳои гуногун, ба ҳайвоноту парандаҳо низ монанд мешаванд.

Бачаҳо мустақилона аз даврачаҳои пахтагӣ шаклҳои ҳархелаи абрҳо месозанд. Дар охири машғулият суробҳои сохтаи бачаҳо ба намоиш гузошта мешаванд. Мураббӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи шогирдон бачаҳои фаъолро дар машғулият таъриф мекунад. Бо чунин усул мураббиҳо метавонанд дар дарсу машғулиятҳо аз чунин шакли бозиҳо ва пурсишу посухҳо истифода бурда, малакаи фикррониӣ, донишҳои маърифатӣ ва табиии наврасону кӯдаконро такмил диҳанд.



**Муҳаббат ҶУМЪАЕВА,**
**омӯзгори Гимназияи №1-и шаҳри Душанбе**

# ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ: АГАР ХОНАНДА ГӮШ КАРДА ТАВОНАД...

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ зинаи душвортарини таҳсилот ба шумор рафта, аз омӯзгори синфҳои ибтидоӣ малакаи баланди илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва равоншиносиро тақозо мекунад. Дар ин нигошта истифода аз усулҳои гуногуни таълим ва нақши онҳо дар раванди ташаккули малакаҳои омӯзиши хонандагон таҳлил шудааст.

Омӯзгор ҳамон вақт самараи хуб ба даст меорад, ки шогирдонро ба дарс моил гардонда тавонад. Барои ин дар педагогика усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ҷой доранд. Танҳо истифодаи мақсаднок ва ба маврид зарур аст. Барои ҷавобгӯ будани таълим ба стандарти давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд аз усулҳои наву самарабахши таълим истифода карда шавад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро лозим аст, ки роҳу усулҳои самарабахшу навини таълиму тарбияро ҷустуҷӯ намуда, шогирдонро дар руҳияи арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ тарбия намоянд.

Ҳар як омӯзгор мувофиқи дониш, малака ва ҳунари худ кӯшиш мекунад, дарси худро ҷолиб ва шавқовар гузаронад. Солҳои охир дар ин самт тадбирҳои зиёде ба кор бурда мешавад, ки баргузории дарси интерактивӣ яке аз онҳост. Мо - омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бисёртар аз усулҳои фаъоли таълим: проблемагузорӣ, суҳбат, мусоҳиба, гурӯҳбандӣ, намоишдиҳӣ, бозиҳо ва саволу ҷавоб истифода мебарем.

Ба таҳлили ман, омӯзгорон бояд донишро ба таври тайёр ба хонандагон надиҳанд, балки ба хонандагон имконияти мустақилона фикр кардан, озодона андеша рондану эҷод кардан ва ҳатто бо ҳамсинфонашон баҳсу мунозира намуданро муҳайё созанд. Шогирдон ин ё он масъалаи ба дарс вобастаро худашон бояд ҳаллу фасл намоянд, омӯзгор бошад на ин ки гӯянда, балки роҳнамо, ҳамкор ва мушовир ба хонандагон бошад. Муаллим муҳити омӯзишро ба хонандагон фароҳам меоварад. Хонандагон донишро ҷустуҷӯ кунанд ва дар якҷоягӣ муаллим-хонанда, хонанда-муаллим, муаллиму хонандагон фазои омӯзиши донишро бунёд созанд. Муаллим вақтро тақсим кунад ва онро самаранок истифода барад.

Он донишҳое, ки хонандагон бунёд мекунанд, бояд ба воқеият табдил диҳанд. Барои ин мисолҳо аз ҳаёти ҳаррӯза, ки онро ба чашм мебинанд ва дарк мекунанд, бояд оранд. Омӯзгор бояд қобилияти гӯш кардани хонандаро дошта бошад ва бо сабру таҳаммул бошад. Хонанда низ бояд чунин бошад. Агар хонанда гӯш карда тавонад, ҷавоб дода ҳам метавонад. Масалан хонанда донад, ки барои чӣ чор амали арифметикиро меомӯзад (ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим). Агар хонанда чор амалро надонад, вай дар бозор хариду фурӯш карда наметавонад.

Ба омӯзгор лозим меояд, ки ҳангоми дарс ба се омили асосӣ диққат диҳад:

**-Ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ.**
**-Ташаккули малакаҳои академикӣ.**
**-Ташаккули дарккунии хонандагон.**

Муаллим бояд дар синф ба хонандагон фазои эҷодиро ба вуҷуд орад, то ки хонанда худаш як чизи навро эҷод кунад, тадқиқот барад ва андешаи бикрро ба миён орад. Барои гузаронидани ҳар як дарс омӯзгор аввал консепсияи дарсро кор карда мебарояд. Омӯзгор мавзуъро аз назар гузаронида, адабиёти лозимӣ, аёниятҳоро ҷустуҷӯ мекунад ва дарсро, ки оғоз кард, баъд мувофиқи мазмуни мавзуъ усулҳои фаъоли таълимро интихоб мекунад. Муаллим пешакӣ бояд донад, ки бо чӣ мақсад ин ё он усулро интихоб кардааст ва ҳадафи истифодабарии ҳар як усулро бояд донад. Баъди консепсияи дарсро кор карда баромадан, муаллим дарсашро ба нақша медарорад. Дар нақша фаъолияти муал-

лим, фаъолияти хонанда, натиҷаи ба даст меомадагиро ба ҳисоб мегирад. Ҳангоми ба нақша гирифтани дарс муаллим дарсро ба се давра тақсим мекунад:

**Давраи як** - даъват оид ба мавзуъ ва ҳамаи маълумотҳоро ҷамъ кардан. Тайёр намудани маводҳои нав оид ба мавзуъ. Бо истифода аз усули нишондиҳӣ омӯзгор диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намуда, онҳоро бояд шавқманд кунонад, то ки доир ба мавзуи дарс фикр кунанд.

**Истифодаи методҳо:** Ҳангоми истифодаи усули гурӯҳбандӣ ба хонандагони хомӯш, шӯх, бемор бояд аҳаммият дод. Онҳоро худи муаллим ба гурӯҳҳо бурда мешинонад. Мақсад он аст, ки онҳо низ хомӯш нишаста, оид ба мавзуъ фикр кунанд ва фикрҳояшонро баён созанд.

**Давраи ду** - давраи фаҳмидагирӣ ё дарккунӣ ва сарфаҳмравӣ. Дар ин давра муаллим дарси навро медиҳад. Хонандагон мехонанд, донишҳои гирифтаашон, пешакӣ медонистаашон ё худ донистан мехостагиашонро аз рӯйи нишонаҳо бо қалам аз матн ҷудо мекунанд.

**V- медонам.**
**+- ахбороти нав.**
**-- ман дигар хел фикр карда будам.**
**? донистан мехоҳам.**

Ин хониш - хониши бошуурона аст.

**Давраи се** - давраи мулоҳизакунӣ, (фикру хаёл кардан) хонандагон бояд фикрҳояшонро ба ҳамдигар баён карда тавонанд. Дар ҷуфтҳо, гурӯҳҳо ва дар назди муаллим хонандагон нутқ карданро меомӯзанд. Мавзуъҳо бояд мувофиқи синну сол ва шавқовар бошанд, ки хонанда то охир мақсади мавзуъро фаҳмидан хоҳад ва дар ҷустуҷӯ бошад. Донистан хоҳанд, ки дар мавзуъ сухан дар бораи кӣ ё чӣ меравад. Ба хонандагон имконият фароҳам бояд овард, ки хаёлашонро оид ба мавзуъ дар расм тасвир кунанд, доир ба мавзуъ ҳикоя, эссе ё афсона эҷод кунанд. Дар нақши қаҳрамонҳои дӯстдоштаашон мебозанд, хислатҳои неку бадро ҷудо мекунанд ва он хислатҳое, ки ба худашон хос медонанд, ба худ қабул мекунанд.

Ҳангоми усули гурӯҳбандӣ хонандагон дар шакли инфиродӣ, ҷуфт-ҷуфт, гурӯҳӣ дар назди аҳли синф ва муаллим нутқ карданро меомӯзанд.

Хулоса, истифодаи ин усулҳои гуногун дар раванди дарс нутқи хонандагонро тараққӣ ва инкишоф медиҳад, қобилияти фикркунӣ ташаккул меёбад ва хонандагонро ба эҷодкорӣ даъват мекунад. Бинобар ин, ҳар як омӯзгорро лозим аст, ки дар раванди дарси хонандагони синфҳои ибтидоӣ усулҳои фаъоли таълимро истифода бибарад.



**Набӣ ҚОДИРОВ,**
**мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ ва корманди кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ**



# СИФАТИ ТАҲСИЛОТ – ОМИЛИ АСЛИИ РУШДИ ҶОМЕА

Сифати таҳсилот омили пешбарандаи соҳаи маориф ва асоси рушди ҷомеа мебошад. Таҳсилоти баландсифат ба насли наврас на танҳо дониш ва маълумот медиҳад, балки арзишҳои ахлоқӣ ва рафтори созандагии наслҳоро низ тарбия мекунад.

Ҳамаи омӯзишҳо, арзёбиҳо ва таҳлилҳо нисбат ба сифати таҳсилот бояд дар маркази стратегии рушди маориф қарор гирад. Барои ин, зарурати такмили методологияи таълим, стандарту барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, дарк кардан ва ба назар гирифтани талаботи бозори меҳнат ва рушди малакаҳои гуногуни иҷтимоӣ пеш меояд.

Масъалаи сифати таҳсилот ҳамеша мавриди назари Ҳукумати кишвар ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла, Президенти кишвар дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш, ки 1-уми сентябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, қайд карданд: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти таълиму тарбия маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, ин масъала зери таваҷҷуҳ ва назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот 20-уми марти соли 2024 «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2028» қабул гардид. Ҳамчунин, соли 2022 «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042» тасдиқ карда шуд. Солҳои охир дар самти рақамикунонии соҳа корҳои муайян анҷом дода шудаанд, вале ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Яъне, имрӯз соҳаи маориф ва илми кишвар аз сатҳи рушди рақамикунонии ҷаҳонӣ қафо мондааст». Вобаста ба таъкидҳои Сарвари кишвар мо - кормандони соҳаи маориф дар амалӣ намудани ҳадафҳои давлат оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот бояд бетараф набошем ва саҳми арзандаи худро гузорем.

Сифати таҳсилот аз бисёр ҷиҳат ба сифати кори омӯзгорон, сифати маводи таълимӣ (стандарту барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва роҳнамоҳои методӣ барои омӯзорон), пояи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ ва дастрасӣ ба захираҳо алоқаманд аст, ки ин ҳама дар пешрафт ва тақвияти соҳаи маориф нақши муҳим доранд.

Мазмуни сифати таҳсилот бояд дар асоси арзишҳои ҷомеа таҳия гардида, барои ноил гардидани насли оянда ба ҳадафҳои наздик ва дури рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мутобиқ бошад. Инчунин, механизми арзёбии сифати таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ бояд бо гузаришҳои ҷорӣ дар ҷаҳон ва самтҳои нави рушди илм ва техника мутобиқ карда шаванд.

Донишу малака ва маҳорати омӯзгорон дар бавуҷуд овардани муҳити мусоид барои таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот нақши муҳим дорад. Бо гузариш ба стратегияи такмили мутахассисони педагогӣ, баанқшагирии доимӣ ва омӯзиши усулҳои навини таълим аз тарафи омӯзгорон, метавонад сифати таълимро боло барад ва чараёни ислоҳоти соҳаи маорифро тезонанд. Яъне, пешрафти соҳаи маориф ва рушди тафаккури созандаи ҷомеа аз омӯзгор вобастагӣ дорад. Роҳбари давлат дар ин маврид таъкид намудаанд: «Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарониояндаи Ватанро ба камол мерасонад. Дуруст аст, ки ҳанӯз дар ҳаёти омӯзгорон мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишӣ ҷой доранд, вале агар омӯзгор бо азму иродаи қавӣ дар иҷрои рисолати касбии худ кӯшиш намояд, он гоҳ насле ба камол хоҳад расид, ки ба қадри заҳмати устоду омӯзгори худ мерасад ва ба давлату ҷомеа содиқона хизмат мекунад».

Таҳсилот танҳо воситаи интиқол додани до-

ниш набуда, балки майдони мусоиди рушд барои насли оянда мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, зарур аст, ки таълим бо дастовардҳои навини технологӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ, ҳамгиро карда шавад. Инчунин, раванди таълим бояд ба қабули дурусти истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ омода бошад ва онро ба назар гирад, то ки талаботи замон дар низоми глобалии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дарк карда шавад. Омӯзгор дар ин раванд нақши ивазнашаванда дорад. Ӯ ба хонандагон на танҳо дониши асосиро таълим медиҳад, балки муҳити инноватсионӣ, фазои дастгирӣ ва муҳаббатро барои хонандагон фароҳам меорад.

Яке аз дигар омилҳои асосии болоравии сифати таҳсилот ин пешбурди ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ, волидон, соҳибкорон ва дигар узви фаъоли ҷомеа мебошад. Ин ҳамкории амиқ, на танҳо барои дастгирии бевоситаи омӯзгорон, балки барои бунёди муҳити боэътимод дар муассисаҳои таълимӣ ва рушди соҳа мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ҷараёни таълим бояд ба ниёзҳои равшан ва такмили касбии насли наврас ҷавобгӯ бошад. Иштирокдорони раванди таълим бояд танҳо дар доираи худи таълим маҳдуд нашуда, балки якҷоя бо дигар узви ҷомеа муҳите таъсис диҳанд, ки дар он имкони қолабҳо ва инноватсияҳои воқеиро бо тамоми ҷанбаҳои иҷтимоӣ алоқаманд кардан мумкин бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти марказҳои таълимии инноватсионӣ бояд ҷоннок карда шаванд ва барои амалӣ намудани барномаҳои гибридии таълимӣ омода бошанд.

Омӯзиши гибридӣ шакли таълимест, ки унсурҳои омӯзиши анъанавии ғайрибархатии (офлайн) синфиро бо иштироки бевоситаи омӯзгор ва омӯзиши бархатро (онлайн) бо истифода аз абзорҳо ва платформаҳои рақамӣ муттаҳид мекунад. Бо усули гибридӣ, як қисми барномаи таълимӣ шахсан аз ҷониби хонанда ва қисми дигари он тариқи фосилавӣ таълим дода мешавад. Ин шаклҳои нави таълим ба хонандагон на танҳо дониш медиҳанд, балки малакаҳои таҷрибаи амалӣ ва маҳорати рақамиро низ ташаккул медиҳанд. Барои ин, муҳити таълим бояд на танҳо анъанавӣ, балки интерактивӣ, ҳавасмандкунанда ва таъсирбахш бошад, ки омӯзгорон ва хонандагонро ба самтҳои нав равона созад.

Мушкилоти сифати таҳсилот имрӯз дар тамоми дунё ба масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ марбут аст. Сифати таҳсилот на танҳо барои фарзандон, балки барои аҳли ҷомеа ва давлат низ аҳаммияти калон дорад. Яке аз мушкилоти аслӣ дар ин соҳа, нарасидани инфрасохтор ва таъминоти моддӣ мебошад. Аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳҳо дар шароити камбуди таъминоти моддӣ-техникӣ қарор доранд, ки ин ба сифати таҳсилот таъсири манфӣ мерасонад.

Мусаллам аст, ки омӯзгорон нақши асосиро дар беҳтар кардани сифати таҳсилот доранд, аммо дар бисёр ҳолатҳо, баъзе аз омӯзгорон аз салоҳиятҳои лозимии касбӣ ва лаёқатҳои ташкили самараноки ҷараёни таълим бархурдор нестанд. Ҳамчунин, методологияи таълим, роҳҳои фаъолгардонии донишомӯзӣ ва истифодаи технологияҳои муосир низ нақши муҳим дорад. Ба таври васеъ истифода бурдани методҳои анъанавӣ на танҳо ба ҷорӣ кардани методҳои инноватсионӣ монеъ мешаванд, балки боиси норозигии донишомӯзон мегардад.

Яке аз роҳҳои асосӣ барои беҳтар намудани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамкориҳо байни мактабҳо ва донишгоҳҳо мебошад. Бо таъсиси барномаҳои ҳамкории муваффақ, омӯзгорон ва хонандагон метавонанд, таҷриба ва донишҳои худро мубодила кунанд. Ин гуна ҳамкорӣ на танҳо барои рушди бевоситаи сифати таълим, балки дар пешниҳод кардани имкониятҳои бештар барои хонандагон дар самтҳои гуногуни илм ва касбу ҳунарҳои гуногун низ манфиатовар аст. Илова бар ин, бояд дар самти арзёбии сифати таҳсилот корҳои назаррас анҷом дода шавад. Муассисаҳои масъул бояд механизмҳои муосири самараноки арзёбии маводи таълимӣ (стандарту барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ) ва сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия созанд. Кори мунтазам ва барномавӣ дар ин самт метавонад раванди таҳсилотро беҳтар гардонад ва барои қадр кардани шахсоне, ки дар ин самт ба дастовардҳои арзанда ноил шудаанд, имкон фароҳам орад.

Хулоса, ҷорӣ кардани инноватсия ва технологияҳои муосир дар раванди таълим бояд маърифияти бештаре пайдо кунад. Омӯзгоронро мебояд қобилияти беҳтар кардани методологияи таълим ва истифодаи воситаҳои нави технологӣ, ба монанди платформаҳои онлайнӣ ва барномаҳои интерактивиро дошта бошанд. Ин роҳи нави таълим метавонад шавқу ҳавас ва хоҳиши хонандагонро афзоиш диҳад, муҳити таълимиро бо истифодаи дастовардҳои илмии замони муосир тибқи талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ созад ва дар умум, сифати таҳсилотро баланд бардорад.

**Бегмуҳаммад ШОДИЕВ,**
**омӯзгори математикаи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# БО КАСРИ ДАВРӢ ИФОДА ШУДАНИ АДАДҲОИ РАТСИОНАЛӢ ВА ИРРАТСИОНАЛӢ

Аз таърихи математика маълум аст, ки одамони давраи ибтидоӣ барои ҳисобҳои лозима аз ангуштҳои дасту пойи худ, бародарон, хешони наздик, ҳамсоя ва қавмҳо истифода мекарданд. Дар раванди тараққиёти ақли онҳо ҳисоб мураккабтар шудан гирифт ва ҷиҳати иҷрои масъалаҳои шумор равандҳои боло зикрро пеш гирифтанд.

Хонандагони азиз, мо аллакай бо ададҳои натуралӣ, бутун ва ратсионалӣ шинос ҳастем. Ададҳои 1, 2, 3, ...., ки ҳангоми шуморидан истифода мешаванд, маҷмуи ададҳои натуралиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми ҷамъ ва зарби ададҳои натуралӣ натиҷа ҳамеша адади натуралӣ аст $(12+45=57$ ва $23\cdot 4=92)$. Вале ҳангоми тарҳи ду адади натуралӣ на ҳамеша адади натуралӣ ҳосил мешавад. Масалан, адади $5-7=-2$ адади натуралӣ нест. Барои ҳамин ададҳои манфӣ ва $0$ ба маҷмуи ададҳо дохил карда шуданд.

Натиҷаи ҷамъ, тарҳ ва зарби ададҳои бутун, ҳамеша адади бутун буда, тақсими ададҳои бутун метавонад бутун набошад. Масалан, $\frac{2}{3}$ адади бутун нест. Аз ин сабаб мо ададҳои ратсионалиро ҳамчун нисбати ду адади бутун $\frac{m}{n}$, ки дар ин ҷо $m$ адади бутун ва $n$ – адади натуралӣ аст, дохил намуда, маҷмуе ҳосил мекунем, ки он маҷмуи ададҳои бутунро дар бар мегирад. Ин маҷмуъ ададҳои ратсионалӣ ном дорад.

Маҷмуи ададҳои натуралиро бо ҳарфи $N$, маҷмуи ададҳои бутунро бо ҳарфи $Z$ ва маҷмуи ададҳои ратсионалиро бо $Q$ ишорат мекунем.

Ишорати $\in$ барои тасдиқ кардани мутааллиқии ягон адад ба маҷмуи ададҳои дар боло зикршуда истифода мешавад.

**Масалан, навишти $2\in N$, $-4\in Z$ ва $\frac{2}{5}$ $\in Q$ нишон медиҳад, ки 2 адади натуралӣ, 4 адади бутун, $\frac{2}{5}$ адади ратсионалӣ мебошад. Баръакс, навишти $-3\notin N$, тасдиқи он аст, ки адади 3 натуралӣ нест.**

**Ҳар гуна адади ратсионалиро бо тарзҳои гуногун дар шаклҳои зерин навиштан мумкин аст:**

$$\frac{2}{3}=\frac{4}{6}=\frac{20}{30};$$

$$-0,4=-\frac{4}{10}=-\frac{16}{40}=-\frac{40}{100};$$

$$6=\frac{6}{1}=\frac{12}{2}=\frac{36}{6}.$$



Қоидаи баргардонидани касри одиро ба даҳӣ истифода карда, ҳосил мекунем: $\frac{1}{8}=0,125$; $\frac{5}{4}=1,25$; $-\frac{41}{40}=-1,025$.

Хонандагони гиромӣ, биёед, атрофи саволи «оё ҳар гуна адади ратсионалиро дар шакли касри даҳӣ ифода кардан мумкин аст?» муҳокима меронем.

Аввалан, касри $\frac{3}{11}$ – ро ба касри даҳӣ бар мегардонем.

Барои ин кор қоидаи маъмули тақсими сурати каср бо махраҷро истифода мекунем: бақияи аввали аз тақсимкунӣ ҳосилшуда ба 8 ва дуюм ба 3 баробар аст. Дар бақияи оянда бо 8, баъди он бақияи ба 3 баробарро ҳосил мекунем.

Ин амали тақсим беохир буда, тамомшаванда нест ва дар ин сурат мегӯянд, ки касри $\frac{3}{11}$ бо касри даврии беохири 0,272727 ... ифода меёбад: $\frac{3}{11}=0,272727\ldots$ .

Ин гуна касрҳои даҳии бе охирро **касрҳои даврӣ** меноманд. Гурӯҳи рақамҳои такроршавандаро **даври каср** меноманд. Ҳангоми навиштани касри даҳии даврӣ даврро як маротиба дар дохили қавс менависанд: $\frac{3}{11}=0,(27)$.

Ин навиштро ин тавр мехонанд: **сифр бутуну бисту ҳафт дар давр.** Ҳамин тавр нишон додан мумкин аст, ки $3\frac{1}{6}=3,1(6)$; $-1\frac{2}{7}=-1,(285714)$; $\frac{1}{3}=0,(3)$.

Мисолҳои овардашуда ба хулосае меоранд, ки ҳар гуна адади касриро дар шакли касри даҳии охирнок ё дар шакли касри даҳии даврии беохир ифода кардан мумкин аст, ки ин низ ҷавоби саволи гузоштаамон мебошад.

Тасдиқоти баръакс низ дуруст аст: **Ҳар як касри даҳии даврии беохир адади ратсионалӣ аст.** Масалан: $0,(3)=\frac{1}{3}$ ; $2(34)=2\frac{34}{99}$; $0,1(125)=\frac{112}{9990}$ .

Бо воситаи иҷрои амали тақсим дурустии баробариҳоро, чун гуфтаҳои боло, санҷидан осон аст.

**Эзоҳ:** Қоидаи умумии ба касри ратсионалӣ баргардонидани касри даҳии давраш беохир, ки бузургиаш аз воҳид хурд аст, чунин аст: **Аз адади то даври дуюмбуда, адади то даври якумбударо тарҳ карда, дар сурат менависем. Дар махраҷ ҳамон қадар, ки миқдори рақамҳои давр аст, 9 менависем. Ба он ҳамон миқдори сифр илова мекунем, ки он ба миқдори рақамҳои то давр буда баробар аст.**

Мисол, касри даврии беохири $0,4(72)$ – ро ба касри дурусти ратсионалӣ меорем.

✓ Аввал, аз адади то даври дуюмбуда, 472 адади то даври якумбуда 4 – ро тарҳ карда, дар сурат менависем: $472-4$;

✓ Баъд, дар махраҷ ҳамон миқдор, ки миқдори рақамҳои давр аст, 9 менависем. Дар мисоли мо ин миқдор дуто (72) мебошад. Ба он ҳамон миқдори сифр илова мекунем (дар мисоли мо якто – 4), ки он ба миқдори рақамҳои то давр буда баробар аст.

✓Натиҷаи амали якумро дар сурати каср ва амали дуюмро дар махраҷи каср навишта ҳосил мекунем. $\mathbf{0,4(72) = \frac{472-4}{990} = \frac{468}{990} = \frac{78}{165}}$.

Касри даврии беохири $\mathbf{2,12(13)}$ – ро ба касри дурусти ратсионалӣ меорем.

✓ Қисми бутунро ба сифати ҷамъшаванда қабул мекунем.

✓ Баъд, аз адади то даври дуюмбуда, адади то даври якумбударо тарҳ карда, дар сурат менависем: $1213 - 12$;

✓ Сипас, дар махраҷ ҳамон миқдор, ки миқдори рақамҳои давр аст, 9 менависем. Дар мисоли мо ин миқдор дуто (13) мебошад. Ба он ҳамон миқдори сифр илова мекунем (дар мисоли мо дуто – 12), ки он ба миқдори рақамҳои то давр буда баробар аст.

✓ Натиҷаи амали якумро дар сурати каср ва амали дуюмро дар махраҷи каср навишта, бо иловаи ҷамъкунии қисми бутуни ҷамъшаванда, ҳосил мекунем.

$$\mathbf{2,12(13) = 2 + \frac{1213-12}{9900} = 2 + \frac{1201}{9900} = 2\frac{1201}{9900}}.$$

Касри даврии беохири 0,3(124)-ро ба касри дуруст ё худ касри ратсионалӣ меорем.

✓ Аввал, аз адади то даври дуюмбуда, адади то даври якумбударо тарҳ карда, дар сурат менависем: $3124 - 3$.

✓ Баъд, дар махраҷ ҳамон миқдор, ки миқдори рақамҳои давр аст, 9 менависем, дар мисоли мо ин миқдор сето(124) мебошад. Ба он ҳамон миқдори сифр илова мекунем (дар мисоли мо якто – 3), ки он ба миқдори рақамҳои то даврбуда баробар аст.

✓ Натиҷаи амали якумро дар сурати каср ва амали дуюмро дар махраҷи каср навишта ҳосил мекунем. $\mathbf{0,3(124) = \frac{3124-3}{9990} = \frac{3121}{9990}}$.

**Мисоли 1.** Ададҳоро дар шакли касри даҳии даврии беохир ифода мекунем:

$$а)\ \frac{1}{6};\qquad б)\ 2\frac{7}{11};\qquad в)\ \frac{1}{7}.$$

Барои ҳал кардани мисолҳои додашуда аз хосияти тақсим сурати каср ба махраҷ истифода мебарем.

*а*). Бақияи аввали аз тақсимкунӣ ҳосилшуда ба 4 ва минбаъдаҳояш низ 4-анд. Аз ин сабаб, чунин навиштан зарур аст: $\mathbf{\frac{1}{6} = 0,1(6)}$



**Ҷавоб: $\mathbf{0,1(6)}$.**

б). Барои ҳал кардани мисоли мазкур метавонем, аввал онро ба касри омехта дар

намуди $2\frac{7}{11} = \frac{29}{22}$навишта, баъд тақсим кунем ё ин ки қисми бутунашро дар охир ба ҳосили тақсими мисоли $\frac{7}{11}$ ҷамъ кунем. Дар мо якумӣ татбиқ карда шудааст.



Маълум аст, ки бақияи аввали тақсим ба 7, бақияи дуюм ба 4 ва бақияи сеюм ба 7 баробар аст, ки он ҳам ҳангоми илова кардани сифр боз ба ададе баробар мешавад, ки миқдори бештари тақсимшавандаро доро мебошад. Яъне, адади аввалин ҳосил мешавад. $\mathbf{2\frac{7}{11} = \frac{29}{11} = 2,(63)}$.

**Ҷавоб: $\mathbf{2,(63)}$.**

в). Барои ҳал кардани мисоли додашуда аз хосияти тақсими сурати каср ба махраҷ истифода мебарем.

Маълум аст, ки бақияи аввали тақсим ба 3, бақияи дуюм ба 2 ва бақияи сеюм ба 6, бақияи чорум ба 4 ва бақияи панҷум ба 5 ва шашум ба 1 баробар аст, ки он ҳам ҳангоми илова кардани сифр боз ба ададе баробар мешавад, ки ҳангоми тақсим кардан бақияҳои зикршуда такрор мешаванд. Яъне, адади аввала ҳосил мешавад: $\mathbf{\frac{1}{7} = 0,(142857)}$.



**Ҷавоб: $\mathbf{0,(142857)}$.**

Хонандагони гиромӣ, дар қисми аввали дарси имрӯза нишон дода будем, ки ҳар гуна адади ратсионалиро дар шакли касри даврии беохир навиштан мумкин аст ва баръакс, ҳар гуна касри даврии беохир адади ратсионалӣ мебошад. Саволи пурсиш чунин аст, ки оё ба ҳамин тамоми ададҳои мавҷуда ба итмом мерасанд?
Бо ибораи дигар, ададе вуҷуд дорад, ки вай ратсионалӣ намебошад.

Дарозии диагонали квадрати воҳидӣ касри даҳии даврӣ набуда, касри даҳии беохири мусбат ё касри даҳии мусбати ғайридаврӣ мебошад. Агар ба ин гуна касрҳо, касрҳои ба онҳо муқобилро ҳамроҳ кунем, маҷмуеро ҳосил мекунем, ки он маҷмуи ададҳои ирратсионалӣ ном дорад. Префикси “ир”–маънои инкорро дошта, маҷмуъ бошад бо ҳарфи $J$ ишорат мешавад. Ба ин мақсад, хулоса мебароед, ки дар пеши калимаи ратсионал илова кардани префикси “ир” маънои онро дорад, ки инкоркунандаи маҷмуи ададҳои ратсионалӣ аст.

Акнун маҷмуеро меорем, ки ҳар як адади он адади ратсионалӣ ё ирратсионалӣ аст. Инро маҷмуи ададҳои ҳақиқӣ меноманд ва бо ҳарфи $R$ ишорат мекунанд.

Ададҳои ҳақиқиро ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим (ҳангоми сифр набудани тақсимкунанда) кардан мумкин аст.

**Мисоли 1.** Суммаи ададҳои $a = \frac{1}{6}$ ва $b = 2{,}2121.$ – ро бо саҳеҳии то 0,1 муоина мекунем.

**Ҳал.** $\mathbf{a + b = 0,1 + 2,2 = 2,3}$.

**Ҷавоб:** $\mathbf{2,3}$.

Агар қимати тақрибии ҷамъшавандаҳоро бо саҳеҳии то 0,01 яъне, $a = 0{,}16$ ва $b = 2{,}21$ гирем, он гоҳ $\boldsymbol{a+b=0,16+2,21=2,37}$.

**Ҷавоб:** $\mathbf{2,37}$.

**Мисоли 2.** Радиуси давраеро меёбем, ки дарозиаш тақрибан 47,1 см аст. Дарозии давра $L$ бо формулаи $L = 2\pi r$ ҳисоб карда мешавад. $\pi = 3{,}14$ гирифта, муодилаи тақрибии зеринро ҳосил мекунем:

$$\boldsymbol{47,1 = 2\cdot 3,14\cdot r}$$

Аз ин ҷо

$$\boldsymbol{r} = \frac{47{,}1}{2\cdot 3{,}14} = \frac{47{,}1}{6{,}28} = \mathbf{7,5}\ \text{см}.$$

**Ҷавоб:** $\mathbf{7,5}$ см.

**Мисоли 3.** Қимати тақрибии дарозии давраи радиусаш ба 5 метр баробарро меёбем (адади $\pi$ – ро то садякӣ яклухт мекунем).

Дарозии давра $L$ бо формулаи $L = 2\pi r$ ҳисоб карда мешавад. Қимати $\pi = 3{,}14$ гирифта, ифодаи тақрибии зеринро ҳосил мекунем:

$$\boldsymbol{L = 2\cdot 3,14\cdot 5}\ \text{м} = \mathbf{31,4}\ \text{м}.$$

**Ҷавоб:** $\mathbf{31,4}$ м.

**Мисоли 4.** Ададҳоро муқоиса мекунем:

$$2,(12)\ \text{ва}\ \ 2{,}12$$

**Ҳал.** Аввал касри даврии беохири $2,(12)$ –ро дар шакли зерин ба касри нодуруст табдил дода, онро ба 3 ихтисор мекунем.

**Ҳал.** $$\mathbf{2,(12)} = \frac{\mathbf{212-2}}{\mathbf{99}} = \frac{\mathbf{210}}{\mathbf{99}} = \frac{\mathbf{70}}{\mathbf{33}}.$$

Баъдан, касри даҳии охирноки 2,12 –ро ба касри нодуруст дар намуди зайл ифода намуда, сурату махраҷашро ба 4 ихтисор мекунем: $\mathbf{2,12} = \frac{\mathbf{212}}{\mathbf{100}} = \frac{\mathbf{53}}{\mathbf{25}}$.

Барои муқоиса кардани касрҳои сурату махраҷашон гуногун аз формулаи зерин истифода мебарем.

$$\boldsymbol{a-b} = \begin{cases} \boldsymbol{a} > b, & \text{агар}\ \ \boldsymbol{a-b} > 0\ \text{бошад;} \\ \boldsymbol{a} < b, & \text{агар}\ \boldsymbol{a-b} < 0\ \text{бошад;} \\ \boldsymbol{a = b}, & \text{агар}\ \boldsymbol{a-b=0}\ \text{бошад.} \end{cases}$$

Ба ин мақсад, фарқи ададҳои ҳосилкардаамонро муайян мекунем:

$$\frac{\mathbf{70}}{\mathbf{33}} - \frac{\mathbf{53}}{\mathbf{25}} = \frac{\mathbf{70\cdot 25 - 53\cdot 33}}{\mathbf{25\cdot 33}} = \frac{\mathbf{1750-1749}}{\mathbf{825}} = \frac{\mathbf{1}}{\mathbf{825}}.$$

Аз ин ҷавоб хулоса мебароят, ки $\frac{1}{825} > 0$ аст, пас маълум гашт, ки $\frac{\mathbf{70}}{\mathbf{33}} > \frac{\mathbf{53}}{\mathbf{25}}$.

**Ҷавоб:** $\frac{\mathbf{70}}{\mathbf{33}} > \frac{\mathbf{53}}{\mathbf{25}}$.

**Масрур САИДЗОДА,**
**устоди Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик Муҳаммад Осимии шаҳри Душанбе**

# НАНОНАЙЧАҲОИ КАРБОНИИ ЯКДЕВОРДОР ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО

Усули истифодаи нанонайчаҳои карбонии якдевора ба пиролизи газҳои дорои карбон (метан, пропан, бутан, оксиди карбон ва диоксид) асос ёфтааст. Бартарии ин усул дар он аст, ки пиролизи газҳои карбондор чунин ҳарорати баландро, ки барои бухоршавии графит зарур аст, талаб намекунад, ба харочоти баланди энергия алоқаманд нест ва метавонад бо истифода аз ашёи хоми арзони карбогидрид дар дастгоҳҳои химиявии муқаррарӣ амалӣ карда шавад. Фарқи байни ин усули синтези нанонайчаҳои карбонии якдевордор аз усулҳои мавҷуда дар интихоби параметрҳои раванд ва ҳисобҳои дақиқи равандҳои химиявӣ ва термофизикӣ мебошад. Дар синтез катализатори сахти никел истифода мешавад, ин раванд дар тамоми ҳаҷми қабати катализатори статсионарӣ дар ҳарорати наздик ба 700°С ба амал меояд. Раванди ташаккули нанонайчаҳои карбон метавонад бо истеҳсоли гидрогени пок ва махсусан, оби соф ҳамроҳ шавад. Дар асоси баҳодиҳии нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии раванди кимиёвӣ реактори лабораторӣи омезиши нанонайчаҳои карбонии якдеворӣи карбон бо назорати суръати гардиши гази ба пиролиз ва фишор дучоршуда ва бо муқаррар намудани самти ҳарорат сохта шуд. Ин усул имкон медиҳад, ки нанонайчаҳои карбон бидуни ифлосиҳои дигар шаклҳои карбон (беш аз 98%-и тозагӣ дар ҳассосияти усулҳои таҳлилӣ) ба даст оварда шаванд, ки марҳилаҳои ҷудокунӣ ва тозакуниро бартараф месозанд ва арзиши маҳсулотро хеле кам мекунад (расми 1).

***Расм. 1. Нанонайчаҳои якдевордори карбон***



Ягон усулҳои дигари маълуми ҳозира (камони барқӣ, қабати моеи CVD, CVD дар субстратҳо ва ғайра) [2–4] наметавонад, нанонайчаҳои карбонии якдевордори чунин дараҷаи тозагии баландро бидуни марҳилаи тозакунӣ (табобат бо кислота дар ҳарорати баланд, анолн ва ғайра) аз дигар шаклҳои карбон корбарӣ кунад.

Вобаста ба шароити раванд, диаметри нанонайчаҳои карбонии якдевордор 20-200 нм, дарозии он аз диаметраш чанд маротиба калонтар аст ва ба 3-7 мкм мерасад. Андозаҳои маъмулӣ: диаметри нанонайча 50-60 нм, ғафсии девор 15-20 нм, диаметри холигии дохилӣ 10-20 нм, майдони мушаххаси рӯйи намунаҳо 90-120 м²/г. Нанонайчаҳои карбонии якдевордор дар натиҷа нанозаррачаҳои никели катализатор доранд, ки ба фазои дохилӣ ворид карда шудаанд. Мувофиқи ESR ва усулҳои микроскопияи электронии интиқол, андозаи кластерҳои металлӣ ба нанонайчаҳо 10 нм аст [5]. Миқдори умумии Ni дар фазои дохили қубур мувофиқи усули аввала [6] (омезиши нанонайчаҳо пас аз обшавии об дар кислотаҳо ва муайянкунии миқдории никел дар маҳлул) муайян карда шуд. Мавҷудияти металли ферромагнитӣ дар фазои дохилии нанонайчаҳо ба хосиятҳои онҳо хеле таъсир мерасонад. Аз рӯйи хосиятҳои магнитии худ нанонайчаҳои ҳосилшуда ҳамчун маводи магнитии мулоим бо магнитизатсияи пасти боқимонда тасниф карда мешаванд. Барои хокаҳои нанонайчаҳои карбонии якдевораи омӯхташуда, магнитизатсияи мушаххаси боқимонда дар ҳудуди 0,1–1,0 SGSM/г, қувваи маҷбуркунӣ 10-35 Ое ва магнитизатсияи мушаххаси сершавӣ 0,2-2,2 воҳид аст. SGSM/г. Арзишҳои баланди маҷбуркунӣ хоси нанокластерҳои ягонаи никелӣ мебошанд. Нанокластерҳои сферикӣ бо андозаи 10 нм ва камтар аз ҳолати суперпарамагнитӣ хос мебошанд, аммо, тавре ки дар таҷриба нишон дода шудааст, монодоменҳои Ni хурдтар аз 10 нм дар нанонайчаҳои хосиятҳои ферромагнитӣ доранд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки магнитизатсияи сершавии нанокластерҳои Ni аз рӯйи андоза бо магнити сершавии никел дар макронамунаҳо мувофиқат мекунад. Қабатҳои графен, ки

деворҳои нанонайчаро ташкил медиҳанд, метавонанд аз ҳисоби системаи электронии умумӣ нанозарраҳои металлиро дар як системаи ягона муттаҳид кунанд. Хусусиятҳои магнитӣ аз магнитизми ҳам нанокластерҳои металлӣ ва деворҳои графени нанонайчаҳо ва таъсири синергистии таъсири мутақобилаи онҳо бо нанокластерҳои металлӣ дар дохили нанонайча мусоидат мекунанд. Омӯзиши хосиятҳои магнитии нанонайчаҳои карбонии якдевора, ки бо полианилин фаро гирифта шудаанд [7,8] хулосаро тасдиқ кард, ки байни нанонайчаҳои карбон ва нанокластерҳои металлии байниҳамдигарӣ таъсири мубодила вуҷуд дорад. Наноматериалҳои дорои хосиятҳои гуногуни ферро ва диамагнитиро ба даст овардан мумкин аст. Барои муқаррар намудани вижагии ферромагнетизм хосиятҳои магнитии нанонайчаҳо, ки аз металл бо усули вакууми термикӣ тоза карда шудаанд, омӯхта шуданд. Маълумот дар расми 2 нишон дода шудааст.

***Расми 2. Хатҳои магнитизатсияи намунаҳои нанонайчаҳои карбон, ки бо никел пас аз коркарди вакууми гармӣ пайваст карда шудаанд.***




Хатҳои магнитизатсияи намунаҳои нанонайчаҳои карбон, ки бо никел пас аз коркарди вакууми гармӣ пайваст карда шудаанд.

Нанонайчаҳои карбон, ки пас аз коркарди вакууми термикӣ сард мешаванд, хосиятҳои диомагнитӣ доранд. Ин барои нанонайчаҳое хос аст, ки металл надоранд [3]. Бузургии магнитизатсияи нанонайчаҳо аз шароити коркард вобаста аст: пас аз дучор шудан ба ҳарорати баланд, диомагнетизм зиёд мешавад. Фарқи ҳассосияти магнитии намунаҳои нанонайчаҳои карбонро вобаста ба шароити коркарди гармии вакуумӣ бо мавҷудияти ҷузъи парамагнитӣ дар заминаи диамагнетизми хоси карбон шарҳ додан мумкин аст. Дар ин сурат, аз афташ, нанонайчаҳо аз металл пурра тоза карда нашудаанд. Усули спектрометрияи атомии абсорбсионӣ дар нанонайчаҳо баъди коркарди вакууми термикӣ дар ҳарорати 1500°С миқдори муайяни металлро нишон дод; дар сурати дар 1900 °С коркард кардан миқдори микроэлементҳо ошкор карда мешавад. Аз афташ, пас аз чангкашаккунии термикӣ дар ҳарорати 1500°С ва баъдан ба ҳарорати хона хунук шудан, ҳолати магнитии нанокластерҳои никел бо тағйирёбии ҳарорат муайян карда мешавад ва энергияи тағйирёбии ҳароратӣ аз энергияи анизотропии хосиятҳои магнитӣ зиёдтар аст. Бо афзоиши минбаъдаи ҳарорат, ҳангоми коркарди гармӣ дар вакуум ҷузъи металлӣ сублиматсия мешавад, нанонайчаҳои аз металл тоза мегарданд ва намунаҳо диамагнитӣ мешаванд.

1-6 -вобастагӣ барои шеваҳои гуногуни коркард, мисол: 1500-60f - коркард дар 1500 °С барои 60 дақиқа дар форевакуум. 1 - 1900-120f, 2 - 1900-120f, 3 - 1800-60f, 4 - 1800-60f, 5 - 1500-120f, 1- 1500-60f.

Бояд қайд кард, ки нанокластерҳои инертии карбон муҳофизати табиии нанокластерҳои магнитӣ аз оксидшавӣ ва дигар таъсироти беруна буда, барои нигоҳ доштани сохтори беназири нанокластерҳо, мустаҳкам кардани он ҳангоми коркарди гармӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, имкон дорад, ки сохтор, ҳолати магнитӣ ва дигар параметрҳои магнитии нанонайчаҳои карбонро бо металҳои байниҳамдигарӣ бо роҳи коркарди вакууми термикӣ, инчунин, бо роҳи тағйир додани диаметри нанонайчаҳо дар ҷараёни синтез. Бо дарназардошти хусусияти якдомении нанокластерҳо ва устувории ҳолати магнитии металл, найчаҳои карбонӣ бо металлҳои байниҳамдигарӣ ҳамчун як синфи махсуси маводи магнитӣ тасниф карда мешаванд, ки ҳамчун расонаҳои магнитӣ самаранок мебошанд ва зичии баланди сабти иттилоотро таъмин мекунанд. Аз сабаби хурд будани нанокластерҳо, тағйирёбии босуръати магнитизатсияи онҳо дар майдони беруна аз ҳисоби гардиши вектори моменти магнитии нанокластери инфиродӣ имконпазир аст ва ба ин васила, талафоти баръакси магнитизатсия дар мавод дар диапазони басомадҳои баланд ва ултрабаланд кам мешавад.

Нанонайчаҳои карбонӣ бо металлҳои гуногуни байниҳамдигарӣ ҳамчун ҷузъи магнитӣ дар эҷоди маводи композитӣ барои маҳсулоти радиотехника (антеннаҳо, трансформаторҳо, филтрҳо, схемаҳои резонансӣ ва ғайра) умедбахшанд. Хусусиятҳои магнитӣ, инчунин, метавонанд барои идоракунии раванди истеҳсоли нанонайчаҳои якдевордор бо хосиятҳои дилхоҳ истифода шаванд. σ гузаронии барқи нанонайчаҳои карбон бо истифода аз усуле омӯхта шуд, ки дар он арзиши σ аз талафоти диэлектрикии матҳои прессшудаи нанонайчаҳо дар басомадҳои 3-30 ГГц муайян карда мешавад. Қобилияти электрикии тахтачаҳои нанонайча, ки бо усули чор электроди стандартӣ чен карда мешавад, нисбат ба арзише, ки аз талафоти диэлектрик ба

даст омадааст, 2-10 маротиба камтар аст [7, 9]. Ин аз он сабаб аст, ки муқовимати тамос байни нанонайчаҳои алоҳида, аз сабаби диаметри хурд ва сахтии онҳо, метавонад назаррас бошад, аз муқовимати электрикии худи нанонайча чанд маротиба зиёдтар бошад. Ногузаронии барқ ва хосиятҳои магнитии нанонайчаҳои карбон аз шароити истеҳсоли онҳо вобаста аст. Бо тағйир додани шароити синтез имкон дорад, ки гузарonии электрро аз 8 то 1300 С/см бештар аз ду маротиба тағйир дод.

Хусусиятҳои магнитӣ ва барқии нанонайчаҳои карбон имкон медиҳанд, ки ҷудокунии магнитӣ ва электромагнитии онҳо амалӣ карда, гароиши нанонайчаҳо дар матритсаи полимерӣ назорат карда шавад ва ин имкон медиҳад, то мувофиқи вазифаи дарпешистода як моводи мушаххас эҷод карда шавад. Барои таъмини мутобиқат бо матритсаи нанонайчаҳои карбони якдеворdор онҳо аз ҷиҳати кимиёвӣ тағйир дода мешаванд. Нанонайчаҳои карбонии якдеворdор бо сахтии хеле баланд ва муқовимат ба зангзанӣ хос мебошанд (ҳалнашаванда дар обҳои обӣ ё маҳлулҳои консентратсияи силтӣ). Онҳоро барои сохтани ҳалқаҳои муҳри механикӣ барои компрессорҳо истифода бурдан мумкин аст, ки моеъҳо ва газҳои хашмгинро ба худ мекашанд.

Масоҳати калони рӯйи нанонайчаҳо қобилияти баланди адсорбатсияи онҳоро таъмин мекунад. Онҳо сулфиди гидроген, дуоксиди сулфур, меркаптанҳо, дисулфидҳо, диоксинҳо, хлор, фтор, аммиакро ба таври самарабахш азхуд мекунанд. Ҳамин тавр, қобилияти адсорбатсионии аммиак 10-16 $см^3/г$ мебошад. Нанонайчаҳои карбонии якдеворро барои эҷоди мавод ва дастгоҳҳои баландсифати композитӣ, барои мақсадҳои гуногун истифода мебаранд. Суспензияҳои устувори консентратсияи додашудаи найчаҳои карбонии якдеворdор ба даст оварда шудаанд, ки онҳо ҳамчун моеъҳои магнитӣ, барои электродҳои рӯпӯш, ҳамчун пуркунанда дар навъҳои гуногуни матритсаҳо хидмат карда метавонанд. Усули бо нанонайчаҳои карбон мустаҳкам намудани риштаҳои нахи синтетикӣ кор карда баромада шудааст. Тавассути дигаргунсозии нахи синтетикии «Русар-С» (ООО АЭС «Термотекс») бо нанонайчаҳои карбонии як девораш ултрамустаҳкам (тоби кашиш $\sigma = 620$ $кг/мм^2$) материали композитие ба даст омад, ки хусусиятҳои мустаҳкамӣ дорад. Бо сабаби тағйир додани нанонайчаҳо, модули нахи Янг нисбат ба моводи аслӣ 20% зиёд шуд [10, 11]. Ба полимерҳо ҷорӣ намудани нанонайчаҳои карбони якдеворdор имкон медиҳад, ки хосиятҳои мустаҳкамии онҳо беҳтар карда шавад.

Ҳамин тариқ, вақте ки танҳо 1%-и найҳои якдевори карбон ба полиэтилени зичии баланд ворид карда мешаванд, модули чандирии моводи таркибии ҳосилшуда ду баробар меафзояд. Бо ба кор андохтани нанонайчаҳои карбони якдеворdор хосиятҳои трибологии масолеҳ ва маҳсулоти фрикционии аз онҳо сохташуда, хеле тағйир меёбанд. Ҳамин тариқ, коэффисиенти соиш, ҳангоми тамоси плитаҳои полиэтилени зичии баланд бо нанонайчаҳои карбонӣ бо муқобили гардиши ғайримуқаррарӣ бо суръати баланд (0,87 ва 1,74 м/с) нисбат ба коэффисиенти соиш барои полимери аслӣ 80% кам мешавад. [11]. Тағйир додани мавод бо нанонайчаҳои карбони якдеворdор соҳаҳои нави татбиқи онҳоро мекушояд. Масалан, мавод, аз ҷумла, нанонайчаҳоии карбон, ки нигаронида шудаанд, метавонанд, ҳамчун агрегатҳои муҳри ниҳоӣ ва радиалӣ истифода шаванд, ки дар шароити шадид кор мекунанд (фриксияи хушк, суръати баланд (тақрибан 1,8 м/с) ва ҳарорат) [12]. Қабати антистатикии аз ҷиҳати оптикӣ шаффоф ба даст оварда шудааст, ки дар асоси бастаи эпоксидӣ ва нанонайчаҳои карбонии якдеворdор асос ёфтааст. Кори дастгоҳ ба сабти ҳамзамон чаҳор параметри электрофизикӣ асос ёфтааст [13]. Наносенсор имкон медиҳад, ки консентратсияи ҳадди ақалли чор газ дар омехта муайян карда шавад, аз ҷумла: гидроген (0,001-1%), оксиди карбон (0,0001-1%), оксиди карбон (0,0001-1%), метан (0,001- 1%). Вақти вокуниши сенсор камтар аз 1 с, вақти барқароршавӣ камтар аз 60 с, хатогии андозагирӣ камтар аз 50% (аз маҳдудияти поёнии андозагирӣ). Барои истеҳсоли сенсорҳои зондӣ барои сканкунии нақб, қувваи атомӣ ва микроскопияи магнитӣ, ки элементи кории он нанонайчаи якдеворdори карбонӣ бо нӯги кунҷдор, ки бо зонди кантилверӣ коаксиалӣ ҷойгир шудааст, усул ва дастгоҳи таҷрибавӣ таҳия карда шудааст [14, 15]. Дар муқоиса бо усулҳои мавҷудаи эҷоди зондҳо бо истифода аз нанонайчаҳои карбон, он имкон медиҳад, ки зонд бо як нанонайча бидуни хароҷоти зиёд тавлид шавад. Хусусияти он усули аслии ҷойгиркунии нанонайча дар нӯги зонд мебошад [14]. Маслиҳатҳои натиҷавӣ барои микроскопи нақби сканерӣ ҳалли баланди фазоиро таъмин мекунанд: 2–6 нм дар ҳамвории сатҳи намуна ва то 2 Å дар баробари меҳвари амудӣ ба сатҳи намуна. Технологияи истеҳсоли сӯзан бо такрорпазирии хуб хос аст: камтар аз 10%-и сӯзанҳо нуқсонҳо доранд, ба монанди асимметрияи нуқта ва нуқтаи дукарата. Сӯзанҳое, ки бо нанонайчаҳои карбон тағйир дода шудаанд, ба қувва тобоваранд. Сканку-

нии дарозмуддат сифати тасвирро беҳтар мекунад. Сенсорҳои зондӣ барои микроскопи қувваи атомӣ [16], ки бо нанонайчаҳои карбонии якдевордор тағйир дода шудаанд, низ сохта шудаанд. Иқтидори онҳо қад-қади меҳвари перпендикуляр ба сатҳи ашё ~3 Å аст; Кунҷи конвергенсия, ки аз тасмаҳои санҷишӣ ҳисоб карда шудааст, 20° аст. Барои истеҳсоли сӯзанҳое, ки бо нанонайчаҳои карбонӣ барои микроскопи сканерии нақбсозӣ тағйир дода шудаанд ва тағйир додани кантилверҳо барои микроскопи қувваи атомӣ таҷҳизоти мураккаб ва гаронбаҳо лозим нест, раванди истеҳсоли зондҳои тағйирёфтаро ба осонӣ механиконидан ва автоматӣ кардан мумкин аст. Барои сохтани якчанд ҳазор зонд тақрибан 1г нанонайчаи карбонии якдевордор истифода мешавад. Дар асоси техникаи таҳияшуда нановизерҳо ва нанопипетаҳоро сохтан мумкин аст.

Дар айни замон, эҳтиёҷ ба истеҳсоли саноатии нанонайчаҳои карбонии якдевордор бо талабот ва мавҷуд набудани бозори пешрафтаи истеъмоли онҳо дар ҷаҳон маҳдуд аст. Дар ҳамин ҳол, татбиқи эҳтимолии онҳо баргирифта аз электроника, саноати кайҳонӣ, тиб ва саноати сохтмон васеъ мешавад. Ин далел шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои охир дар таҳқиқи хусусиятҳои бунёдии рафтори чунин объектҳои экзотикӣ ва ояндадор дар шароитҳои гуногун авҷи ҳақиқии инкишоф ба вуҷуд омад [17-28].

**Адабиёт:**

1. Томишко М.М., Алексеев А.М. и друг... Нанотехника, 2004, № 1, с. 10 - 15.

2. Харрис П. Углеродные нанотрубы и родственные структуры. Новые материалы XXI века. М.: Техносфера, 2003, 336 с.

3. Пул Ч., Оуэнс Ф. Нанотехнологии. М.: Техносфера, 2004, с.328.

4. Киселев Н.А., Жигалина О.М. и друг… Нанотехнологии и наноматериалы, 2005, № 1, с. 37.

5. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Матер. четвертой Междунар. конф. «Углерод: фундаментальные проблемы науки, материаловедение, технология», 26 – 28 октября 2005 г., Москва, МГУ им. М.В.Ломоносова, с. 199.

6. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Нанотехника, 2005, № 1, с. 4 – 8.

7. Kazantseva N.E., Stejskal J., Sapurina I., Vilčáková J., Tomishko M.M., Demicheva O.V., Sáha P. The International Conference on Science and Material Mechanics at the Nanoscale, (NANOMEC-06), November 19—23, 2006, Bari, Italy, 155—156.

8. Konyushenko E.N., Kazantseva N.E., Stejskal J., Trchová M., Kovářová J., Sapurina I., Tomishko M. M., Demicheva O.V., Prokeš J. GMMM, 2008, v. 320, № 3+4, p. 231—240.

9. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Матер. 7-ой Всерос. конф. «Физико-химия ультрадисперсных (нано-) систем», Ершово, Московская обл., 22—24 ноября 2005 г., с. 89.

10. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Тез. докл. конференции «Нанотехнологии — производству-2006», 29 – 30 ноября 2006 г., Фрязино, с. 183 – 184.

11. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Научная сессия МИФИ-2007. Сб. науч. тр., 2007, т. 9, с. 195 – 197.

12. Томишко М.М., Демичева О.В. и друг… Матер. XIII Менделеевского съезда по общей и прикладной химии, 23 – 28 сентября 2007, Москва.

13. Жукова С.А., Обижаев Д.Ю. и другии Нано-и микросистемная техника, 2007, № 4, с. 60 – 64.
14. Заявка на патент № 2006133011, 2006.

15. Томишко М.М., Алексеев А.М., Клинова Л.Л., Томишко А.Г., Демичева О.В., Чмутин И.А. Нанотехника, 2006, № 1, с. 15—17.

16. Демичева О.В., Мешков Г.Б. и друг… Российские нанотехнологии, 2008 (в печати).

17. Iijima S. Nature, 1991, № 354(7), p. 56—58.

18. Thostenson Erik T., C.L., Tsu-Wei Chou Composites Science and Technology, 2005, № 65, p. 491 – 516.

19. Wong S.S., Joselevich E., Woolley A.T., Cheung C.L., Lieber C.M. Nature, 1998, v. 394, p. 52.

20. Киселев Н.А., Жигалина О.М., Артемов В.В., Григорьев Ю.В. Нанотехнологии и наноматериалы, 2005, № 1, с. 37.

21. Золотухин И.В., Калинин Ю.Е. Природа, 2004, № 5, с. 26—34.

22. Дьячков П.Н. Углеродные нанотрубки. Строение, свойства, применение. М.: Бином. Лаборатория знаний, 2006, 293 с.

23 Kin-Tak Lau, D.H. Composites Part B: engineering, 2002, № 33, p. 263—277. 24. Ami Eitan, K.J., Doug Dukes, Rodney Andrews, Linda S. Chem. Mater., 2003, № 15, p. 3198—3201.

25. Мэтьюз Ф., Ролингс Р. Композитные материалы. Механика и технология. М.: Техносфера, 2004, 408 с.

26. Миронов В. Основы сканирующей зондовой микроскопии. М.: Техносфера, 2004, 144 с.

27. Неволин В.К. Зондовые нанотехнологии в электронике. М.: Техносфера, 2005, 340 с.

**Хайрулло РАҲИМОВ,**
**омӯзгори собиқадор,**
**Аълочии маорифи Тоҷикистон**

# ТАЪЛИМИ ШЕЪРҲОИ ҲАБИБ ЮСУФӢ ДАР СИНФИ VII



Омӯзиши шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ баъди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфи 7 оғоз мешавад. Дар ин синф омӯзиши се шеъри ӯ – «Ба Ватан», «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар», «Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд» тавсия гардидааст. Ин шеърҳо дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ дар мавзуи Ватан аз навиштаҳои беҳтарини ӯ ба шумор рафта, омӯзиши онҳо ба хонандагон дорои аҳаммияти бузурги таълимию тарбиявианд. Муҳассилин зимни омӯхтани ин шеърҳо дар худ ҳисси муҳаббат ба Ватан, вафодорӣ ба он ва дар тиннати худ хислатҳои қаҳрамонӣ мепарваранд.

Аз ин рӯ, дар барномаи забон ва адабиёти тоҷикӣ ба таълими ин мавзуъҳо 2 соат вақт ҷудо гардидааст. Муаллим метавонад ба таълими шеърҳои «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар» ва шеъри «Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд» як соатӣ ҷудо кунад ва ҳангоми омӯхтан ва таҳлили ин шеърҳо метавонад, тарз ва усулҳои гуногуни хониш, фаҳмондадиҳиро истифода барад.

**Дарси 1.**

**Мавзуъ:** Таҳлили шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар».

Ҳангоми таълими ин шеър ба шогирдон дар ҳаҷми зерин маълумот дода мешавад: а) баёноти муқаддимавӣ; б) шарҳи ҳоли шоир; в) хондан ва хонондани шеър; г) шарҳи луғат; д) таҳлили мазмун ва мундариҷаи шеър; е) маълумоти назариявӣ дар бораи тазмин.

Чунон ки маълум гардид, ин дарс мураккабу сервазифа аст. Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, омӯзгор баъди пурсиши вазифаи хонагӣ дар бораи ҳаёти шоир, сол, ҷои таваллуд, таҳсил, зиндагии ӯ дар Самарқанду Сталинобод ва ба сафи артиши Шуравӣ рафтанаш мухтасар маълумот медиҳад. Сипас, дар бораи шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар» маълумоти муқаддимавӣ дода, қайд мекунад, ки Ҳабиб Юсуфӣ дар мавзуъҳои гуногун шеърҳои зиёде навиштааст. Шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар» яке аз охирин шеърҳои ӯст, ки дар мавзуи Ватан буда, онро дар аввалин рӯзҳои саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷод намудааст. Ин шеър аз ҳамон рӯзҳо то имрӯз дар рӯзномаю маҷаллаҳо даҳҳо маротиба чоп гардида, ба воситаи радиову телевизион бо садои ровии маҳбуб – Маҳмудҷон Воҳидов шунавонида, вирди забонҳо гардид ва ҳар дафъа ба ҳисси ватандӯстонаи ҳар як фард таъсири амиқ ва нав ба нав мегузошт.

Хониши намунавии шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстар». Муаллим шеърро пурра ва ифоданок хонда, мазмунашро ба шогирдон нақл намуда, илова мекунад, ки шеъри мазкур дорои вазни муайян буда, он дар асоси мазмун, мундариҷа ва вазни байти ҳаштум, ки аз они Саъдии Шерозист, бо услуб ва тарзи баёни нав навишта шудааст.

**Хониши хонандагон.** Муаллим шеърро ба чор қисм ҷудо мекунад ва чор хонанда бо навбат

онро хонда, мазмуни матни хондагиашонро нақл менамоянд.

**Хониши хотимавӣ.** Ҳангоми хониши хотимавӣ омӯзгор хонандаҳои дар давоми дарс нофаъолро ба хондани шеър ҷалб менамояд ва дарсро ба воситаи саволҳои зерин мустаҳкам мекунад:

1. Ҳабиб Юсуфӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Ӯ дар куҷоҳо ва чӣ гуна таҳсил намудааст?
3. Ҳаёти минбаъдаи ӯ дар куҷо ва чӣ тавр гузаштааст?
4. Ин шеърро кай, ба кадом муносибат навиштааст?
5. Ин шеър дар кадом навъи адабӣ иншо гардидааст ва чаро онро тазмин мегӯянд?
6. Шоир қудрати қаламу суханро ба чӣ ташбеҳ додааст?
7. Зери мафҳуми «манҳус –анчар» чӣ ва кӣ дар назар аст?

**Супориш:** Дар хона ифоданок хондани шеърро машқ ва онро аз ёд кунед.

**Дарси 2.**

**Мавзуъ:** Таҳлили шеъри «Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд».

Ин дарсро низ мисли дарси гузашта аз пурсиши вазифаи хонагӣ шуруъ намуда, аз саволҳое, ки барои мустаҳкамкунии дарс ба кор бурда шуда буд, бо каме тағйирот истифода бурда, омӯзгор онро бо дарси нав алоқаманд менамояд. Баъди ҷамъбасту баҳогузорӣ омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки китоби адабиёт, саҳифаи 213-ро кушода, ба шеъри мазкур нигаранд. Сипас, худ онро ифоданок хонда, мазмунашро нақл менамояд ва қайд мекунад, ки шоир ин шеърро соли 1938 эҷод намудааст. Он солҳо дар Германияи фашистӣ Гитлер - душмани башарият ба сари ҳокимият омада буд. Ин вазъият шоири ватандӯстро ба ташвиш наоварда наметавонист ва ӯ дар шеъри номбурда муносибати хешро ба воқеаҳои замон бо чунин суханон: **«Қалам бигзор, бигир теғу ба фарқи аду бизан»** ифода намудааст. Баъдан, муаллим барои муайян кардани шакли шеър аз талабаҳо мепурсад:

- Дар ин шеър кадом калимаҳо қофия ва кадомаш радиф аст? Онҳо ба китобҳои худ нигариста, чунин ҷавоб хоҳанд дод:

- Мисраъҳои аввали байтҳо аз қофия озод ва дар мисраъҳои дуюм дар калимаҳои Ватан, хештан, чаман, ман, сухан, тан, куҳан, бизан ҳиссаи «ан» қофия ва калимаи «гӯяд» радиф аст.

Барои он ки мазмуни шеърро хонандагон дуруст дарк намоянд, муаллим аввал мазмуни мафҳуми Ватанро дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ мефаҳмонад ва мегӯяд:

- Бачаҳо, Ватан дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ тамоми сарзамини собиқ Иттиҳоди Шуравиро ифода мекунад, - ва аз харитаи ҷаҳон сарзамини паҳновари Русия ва 15 ҷумҳурии иттифоқиро нишон медиҳад. Баъди ин матлабро фаҳмонидан як хонанда байти аввали шеърро ифоданок қироат ва мазмуни онро чунин шарҳ медиҳад:

- Шоир мегӯяд, ки ҳар гоҳ қалам ба даст гирифта шеър навиштанӣ мешавам, забони ман аз ҳама пештар Ватан мегӯяд.

Шогирди дигар байти дуюмро хонда, чунин мегӯяд:

- Дили шоир аз ишқи Ватан саршор буд. Бинобар ин, ӯ онро хазинаи илҳоми худ номидааст.

Байти сеюмро духтаре хонда, ба тариқи зайл шарҳ медиҳад:

- Дар ин байт дар мисраи аввал калимаи «таронаву» дар китоб ғалат чоп шудааст, онро агар «таровату» менавиштанд, чунин маъноро ифода мекард:

- Ватан, ту аз он ки чунон зебо ҳастӣ ва дорои рангу бӯй хосӣ, тамоми гӯшаю канори туро боғу бӯстон номидан месазад.

Байти чорумро хонандаи дигаре ифоданок хонда, чунин маънидод менамояд:

- Дар оғӯши Ватанам ҳазорон диёру шаҳр ҳаст. Ман ба ҳар гӯшаи он равам, он ҷойро Ватани худ мешуморам.

Бо ҳамин усулу равиш байтҳои 5-9-ро ҳам хонандагон бо ёрии омӯзгор таҳлил мекунанд. Дар фарҷом аз рӯи саволҳои дар зер додашуда дарсро мустаҳкам ва ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Ин шеър дар кадом навъи адабӣ эҷод гардидааст?
2. Қофияи он дар кадом калимаҳо чӣ гуна аст?
3. Калимаи баъди қофия омада чӣ ном дорад?
4. Ишқи Ватанро шоир ба кадом маъшуқаи таърихӣ ва худро ба кадом ошиқи ӯ нисбат додааст?
5. Шеъри «Ба Ватан»-ро хонда, ба наср гардонед.

**Супориши хонагӣ:** Аз китоби «Роҳи нотамом» чанд шеъри шоирро интихобан мутолиа намоед.

**Фирӯза НАЗРИЕВА,**
**корманди шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ,**
**Ситора ҚУРБОНОВА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии Литсейи №4-и ноҳияи Шоҳмансур**

# РОҲҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАДРИС ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Замони муосир, ки "асри технологияҳои иттилоотӣ" гуфта мешавад, аз ҳар омӯзгор тақозо менамояд, ки дар раванди таълим технологияи иттилоотию коммуникатсиониро истифода бурда тавонад, зеро ҷомеаи муосирро бе истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотии коммуникатсионӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар вохӯрӣ ва суханронияшон бо аҳли илму маориф, ки 23 декабри соли 2009 баргузор гардида буд, оид ба Соли маориф ва фарҳангӣ техникӣ эълон гардидани соли 2010 масъалагузорӣ намуда, қайд карда буданд: «Имрӯз дар ҷаҳон рушди илму технология ва ҷараёни корҳои инноватсионӣ суръати рӯзафзун пайдо карда истодааст ва табиист, ки мо низ аз ин раванди пешрафтаву тараққиёти ҷаҳони мутамаддин дар канор буда наметавонем».

Воқеан ҳам, дар раванди татбиқи барномаҳои таълимӣ нақши технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар зиёд намудани ҳавасмандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим буда, махсусан, дар мавриди омӯзиши фанҳои дақиқ, техникӣ ва ҷамъиятӣ дар шароити татбиқи низоми нави рейтинги сифати дониши хонандагон нақши асосӣ дорад.

Дар ҷаҳони муосир техникаву технология асоси пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, аҳли маорифро лозим аст, ки шогирдонро аз донишҳои технологияи навин бархурдор намуда, насли наврасу ҷавонро ба донишандӯзӣ ва аз худ кардани ҳунарҳои инноватсионӣ сафарбар намоем. Бояд кӯшиш кард, ки дарсҳо ба ҳаёти имрӯза ва кашфиёти навини илму техника марбут бошанд ва хонандагонро ба ҳаёт омода созанд.

Тамоми бурду бохти муассисаи таълимӣ, аз қабили ҷорӣ намудани низом барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор бо истифода аз техника ва технологияи муосир, натиҷабардорӣ аз раванди низоми инноватсионии таълим, дастовардҳои хонандагон ва муваффақиятҳои омӯзгорон, назорати муассисаи таълимӣ, ташкили шароити самараноки санҷиши педагогӣ, усул ва методи назорат ба раванди таълим, истифодаи методҳои назорати корҳои беруназсинфӣ бо истифодаи технологияи инноватсионӣ вобастагии барзиёд дорад.

Омӯзгори асил бо истифодаи шароити муосир, дар ҷамъоварии маводи нав дар самти фаъолияти таълими худ, баланд бардоштани такмили маҳорати касбӣ, иштирок дар семинару машваратҳо ё худ иштирок ба дарсҳои омӯзгорони таҷрибадор, истифода аз маводи марказҳои методӣ дар шакли электронӣ аз техника ва технологияи инноватсионӣ истифодаи самаранок менамояд.

Омӯзгори фидокор аз имконоти инноватсионӣ истифода бурда, метавонад бойгонии озмоишгоҳи таълимию тарбиявии худро ғанӣ ва бо истифодаи имкониятҳои технологияи иттилоотию комуникатсионӣ муҷаҳҳаз гардонад. Инчунин, чорабиниҳои методиро дар

муассиса тибқи мундариҷа ва мухлати гузаронидани онҳо ба нақша гирифта, ҳамеша кӯшиш намояд, то ҳар лаҳзаи дарси ӯ пурсамар, таъсирбахш ва хотирмон гузаронида шавад.

Дар замони муосир татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ ва технологияи навин ба омӯзиши ҳамаҷонибаи донишҳои нав ва илму техника будан вобастагӣ дорад. Компютеркунонии таълим низ як рукни донишҳои муосир буда, яке аз масъалаҳои муҳимми дидактика ба шумор меравад ва дарккунии хонандаро баланд мебардорад.

Собит гардидааст, ки пешравии ҷаҳон бо ду ҷанбаи асосӣ: техникаву технология ва ахлоқу маънавиёт вобаста аст. Рушди техника ва технология бе маънавиёт амалӣ нахоҳад шуд. Бинобар ин, мо бояд дар баробари ташаккули тафаккури техникӣ маънавиёти насли наврасро баланд бардошта, аз анъанаҳои неки миллии худ онҳоро бархурдор намоем, то ба арзишҳои волои инсонӣ арҷ гузоранд.

Ташаккули тафаккури фарҳанги техникии насли наврас ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ аз айёми кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне, аз муассисаҳои томактабӣ, мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ рушд меёбад. Ин амал тақозо менамояд, ки шогирдон бояд дар мактаб аз фанҳои дақиқ дониши хуб гиранд, ки он ба ихтироъкорӣ ҳамчун таҳкурсӣ хизмат мекунад. Шароити мусоиди кор ва мавҷуд будани кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳои таълимӣ дар мактабҳои миёна ба раванди касбомӯзӣ тақвият мебахшад. Зеро онҳо омили муҳимми интихоби бошууронаи касбу ҳунар ва равияҳои касбӣ ба шумор меравaнд. Аз ин лиҳоз, ба мо омӯзгорон лозим аст, ки шогирдонамонро бо донишҳои нав ба нав мусаллаҳ намуда, онҳоро ба интихоби бошууронаи касб ҷалб намоем.

Яке аз корҳои самарабахши таълимию методӣ ин бо технологияи ҳозиразамон, яъне, компютерҳо, воситаҳои сабти овоз, аудио, видео, телевизорҳо ва дастгоҳҳои аккосию барномасозӣ муҷаҳҳаз гардонидани раванди таълим мебошад. Ин роҳ имконият медиҳад, ки аз тамоми нозукиҳои технологияи навин огоҳ гашта, ҳамчун сарчашмаи таълим аз он ғизои маънавӣ гиранд ва фарҳанги истифодаи технологияи муосирро дуруст дарк намоянд.

Таълими техника ва технология дар шароити кунунӣ талаб мекунад, ки хонандагон бо қонунҳои табиат, ҷамъият ва бо дигар илмҳои муосир ошно бошанд, афкори илмию техникӣ, донишу маҳорати эҷодкорӣ ва малакаҳои истифодаи донишҳои амалии онҳо рушд дода шаванд, зеро толибилмон дар мактаб ҳангоми таълими фанҳои дақиқ оид ба қонуниятҳои табиат, ҷамъият, истеҳсолот, сарватҳои табиат, ашёи хом, манбаъҳои энергетикӣ ва дигар сарватҳои табиӣ дониш мегиранд.

Хонандагон дар рафти таълим бо донишҳои техникӣ ва технологияи муосир ҳамаҷониба шинос шуда, дар интихоби бошууронаи касб малакаю маҳорат пайдо мекунанд. Муҳим ва мураккаб будани тарбияи насли ҷавон дар шароити ҳозира дар назди омӯзгорон талаботи калон мегузорад, ки дар баробари дониши назариявӣ, маҳорату малакаи техникӣ ва технологияи муосирро дарстрас намудан, бояд дар амал татбиқ намудани онро низ омӯзанд ва қобилияти озодандешию эҷодкории наврасону ҷавононро такмил диҳанд. Бинобар он, ҳаминро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки ҷомеаи мо, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи наврасону ҷавонон диққати ҷиддӣ медиҳад ва аз ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки нисбат ба таълиму тарбияи шогирдон аҳаммияти бештар зоҳир намоянд, ки онҳо дар пешрафт ва тараққиёти ҷомеаи навин саҳмгузор бошанд.

Хулоса, истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар такмили маҳорати касбии омӯзгор ва зиёд намудани ҳавасмандии хонандагони муассисаҳои таҳсилот бо дарназардошти баланд бардоштани сифати дониш хеле таъсирбахш аст. Бояд қайд кард, ки вазифаи технологияи коммуникатсионӣ аз тарзҳои ҷамъоварӣ, тасвир, коркард, мушоҳидакорӣ ва ирсоли иттилоот иборат мебошад. Илова бар ин, тамоюлоти зиёди инноватсионӣ гувоҳи он аст, ки асри XXI асри таҳаввулоти бузурги инноватсия ва коммуникатсия хоҳад буд.

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ РӮДАКӢ

**Ф. М. АБДУЛХОНОВ,**
**дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ**

# СУННАТҲОИ ДАВЛАТДОРӢ ВА АФКОРИ АХЛОҚӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ОСОРИ ОДАМУШШУАРО

Барои мо-тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ифтихори бузург аст, ки бо қарори ЮНЕСКО соли 2008 ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон 1150-солагии фарзанди арҷманди халқи тоҷик, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро таҷлил намуданд.

Аз ин ҷост, ки бо ибтикори Сарвари давлати тоҷикон ҳар сол 22-юми сентябр Рӯзи Рӯдакӣ эълон гардидааст, ки он метавонад, барои ҳарчи бештар машғул шудан ба таҳқиқу омӯзиши осори гаронбаҳои ин марди баруманди миллат сабаб гардад. То ба имрӯз аз ҷониби олимону муҳаққиқони соҳоти гуногуни илм, ҳаёту фаъолият ва осори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаву аҳаммияти осори ӯ дар такомули фарҳангу маънавиёт ва тамаддуни башарӣ муайян гардидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки осори устод танҳо ба санъати бадеъ ва шеъру шоирӣ маҳдуд нагардида, инчунин, масъалаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсиро низ фаро мегирад.

Шеъри устод Рӯдакӣ бо мазмуну муҳтавои олӣ ва арзишҳои башардӯстонаи худ аҳли башарро ба сулҳу рафоқат, дӯстиву адолат, рӯзгори босаодат, озодандешӣ ва ҳамгирой даъват сохта, ҳамчун рамзи ваҳдати фарҳангӣ ба мардуми олам то кунун хизмат мерасонад.

Аз ин рӯ, мо мавзуи афкори ахлоқию ҳуқуқӣ ва раванди давлатдорӣ, умуман, инъикоси суннати давлатдориро дар ашъори устод Рӯдакӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, муайян менамоем, ки осори шоир дар баёни як ё ду мавзуъ маҳдуд нагардида, балки ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро низ дар бар гирифтаанд.

Омӯзиши ашъори устод Рӯдакӣ ифодагари он аст, ки ӯ натанҳо ҳамчун як шоир, балки ба ҳайси як мушовири давлатӣ бо воситаи андарзҳои пурмуҳтавои худ шоҳонро барои бурдани роҳу равиши дуруст дар самти давлату давлатдорӣ панд медодааст:

**Дил танг мадор, эй малик, дар кори худойӣ,**
**Орому тарабро мадеҳ аз табъ ҷудой.**
**Сад бор афтодаасту чунин ҳар маликеро,**
**Охир бирасиданд ба ҳар комравой.**
**Он кас туро диду туро бинад дар ҷанг,**
**Донад, ки ту бо шер бо шамшер дарой.**

Дар ин абёт устод Рӯдакӣ насиҳатомез ба шоҳ панд медиҳад, ки шоҳ ҳеҷ гоҳ аз нобаробариҳои рӯзгор ва рӯзҳои сахт руҳафтода нашавад, чунки ҳама рӯзҳои наҳс гузаранда буда, аз паси он айёми шодию фараҳ фаро расида, корҳои мулк ба сомон хоҳанд расид ва шоҳро зарур аст, ки дар муқобили ҳар гуна душворӣ ва душманони беруна бо матонат, шуҷоатмандона ва далерона истодагарӣ намояд. Инчунин, ҷои дигар мефармоянд:

**Хаёли размиту гар дар дили аду гузарад,**
**Зи биму ту баданаш ҷудо шавад аз банд.**
**Зи адли туст ба ҳам, бозу саъваро парвоз,**
**Зи ҳукми туст шабу рӯзро ба ҳам пайванд.**

Аз мазмуни абёти боло бармеояд, ки устод кӯшиш намудаанд, ба шоҳ фаҳмонанд, ки дар раванди давлатдорӣ сарвар бояд сиёсати дурустро амалӣ намояд, то ин ки душманони давлат, ҳатто, андешаи муқобилият намудан бо ҳукумати вақтро дар сар напарваранд. Инчунин, устод Рӯдакӣ бо таъкиди **"Зи ҳукми туст шабу рӯзро ба ҳам пайванд"** ба шоҳони вақт гӯшзад мекунад, ки кафили сарнавишт, сиёҳию сафедии рӯзгори миллату ҷомеа аз ҳукми дурусти шахси аввал вобаста аст.

Устод Рӯдакӣ асоси идоракунию сарвариро

## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ РӮДАКӢ

дар раҳму шафқат ва адлу адолат донияста, ранҷонидани ашхоси бегуноҳро мавриди сарзаниш қарор дода, талқин менамояд, ки шахси ситамкор ва он касе, ки ба ранҷу азоби дигарон машғул аст, хоҳу нохоҳ мисоли чунин шиканҷаҳоро аз ҷониби афроди дигар дар шахси худ хоҳад дид.

Анъанаҳо ва суннатҳои давлатдорие, ки аз ақвоми ориёитабор ба ёдгор монда, дар муносибатҳои байналмилаливу дипломатӣ низ қабул гардидааст, ин бо эҳтироми хосса қабул ва гусел намудани меҳмон мебошад, ки дар таҷрибаи давлатдории муосир амалӣ мегардад. Дар фарҳанги давлатдории мо ба хотири меҳмони олиқадр оростани маҷлиси мутантан одатест, ки таърихи бостонӣ дорад ва ин одату анъанот дар ҳар давру замон аз ҷониби шоҳону фармонравоёни вақт риоят мегардидааст.

Фармонравоёни давлати бузурги Сомониён, ки давомдиҳандаи давлатдории ориёӣ ба шумор мерафт, ин расму суннатҳоро дар сатҳи давлатдории худ амалӣ мегардонидаанд.

Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рудакӣ, ки яке аз шоҳидони воқеии раванди давлатдории Сомониён буд, тарзи оростани маҷлисҳои шоҳона барои қабул ва гусели меҳмонони олиқадрро, ки расми муҳимми давлатдории миллӣ маҳсуб меравад, дар ашъори пурғановати худ инъикос намудааст. Дар ин қасида Одамушшуаро ғайр аз тарзи оростани маҷлиси шоҳона, инчунин, мавқеъ ва ҷойгиршавии ходимони дарбор, мансабдорони давлат ва афроди иштироккунандаро дар рафти чараёни маҷлиси қабул тасвир намудааст:

**Хусрав бар тахти пешгоҳ нишаста,**
**Шаҳи мулуки ҷаҳон-амири Хуросон.**
**Турк ҳазорон ба пой пеши саф андар,**
**Ҳар як чун моҳе бар ду ҳафта дурахшон.**

Дар абёти зикргардида ғайр аз раванд, шакл ва тарзи амалигардии маҷлиси қабули меҳмонони олиқадр, ки аз ҷониби амирон дар дарбор сурат мегирифт, инчунин, рафти ҷойгиршавии ходимони давлатӣ, амалдорон ва умуман, иштирокдорони ин маҷлисҳои сатҳи олии давлатиро низ таҳқиқ намудан мумкин аст. Ба ибораи байналмилалӣ ин чараёни кори идориро "протокол" ва дар забони дипломатӣ "корҳои ташрифотӣ" низ мегӯянд, ки устод ин ҳамаро дар назм моҳирона қаламдод намудааст.

Аз байтҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки ходимони давлатӣ, меҳмонон ва хизматгорони дарбор дар маҷлиси қабул мавқеъ ва ҷойгоҳи хоси худро доштаанд. Ҳамчунин, аз маълумотҳои устод Рӯдакӣ бармеояд, ки барои боз ҳам пуршукӯҳ сурат гирифтани маҷлиси қабул дар ҷамъомад, инчунин, навозандагону хизматгорон ва соқиён барои хизматрасонии шахсони муътабари замон муввазаф гардонида мешуданд. Дар ин қасидаи А. Рӯдакӣ аз як ҷониб расмиёти ташрифот дар давлатдории Сомониён инъикос гардида бошад, аз ҷониби дигар шукӯҳу шаҳомати шоҳиро нишон дода, адлу доддиҳии ӯро мавриди васф қарор медиҳад.

Тавре дар сарчашмаҳои адабию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таъкид мешавад, адл пояи давлат аст, бинобар ин, устод бо алфози мадҳомез ба шоҳ таъкид менамояд, ки пойдории адлро дар ҳудуди давлати хеш бояд мустаҳкам гардонид:

**Он малики адлу офтоби замона,**
**Зинда бад-ӯ доду рӯшноии Кайҳон.**
**Дод биёбад заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,**
**Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.**

Аз абёти мазкур хулоса мекунем, ки устод Рӯдакӣ барои давлатдории Сомониён ҷорӣ намудани адолатро ҳам аз ҷанбаи сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва категорияи ахлоқӣ пиндоштааст.

Умуман, ашъори устод Рӯдакӣ баҳри маънавиеро мемонад, ки шино намудан ва расидан ба соҳилҳои он расидан ба ахлоқи воло, таҳаммулпазирӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи қонунгузории давлат, эҳтироми сарвару раҳбар ва умуман, расидан ба боргоҳи инсони комил мебошад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи осори геронбаҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бори дигар исбот менамояд, ки дар ҳақиқат, шоири мумтоз шахсияти барҷаста дар таърихи тамаддуни башарӣ ба шумор рафта, ашъори ӯ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дар маҷмуъ, фалсафаи зиндагиро дар бар мегирад.

### Адабиёт:

1. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Девони ашъор/ Рӯдакӣ Абуабдуллоҳ. Матни илмӣ ва интиқодӣ бо кӯшиш ва эҳтимоми Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. -Душанбе: Пайванд, 2008. – 614 с. (Ба ҳуруфи форсӣ).

2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими таҷлили 1150-солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. 10.09.2008, шаҳри Панҷакент.

3. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. -Душанбе: «ЭР-граф», 2016. - 364 с.

**Дороб МАҲМАДОВ,**
**омӯзгори география ва биологияи мактаби №3-и ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**



# ХОНАНДАГОН БА САЙРИ ИЛМӢ РАФТАН МЕХОҲАНД?



Дар баланд бардоштани сатҳи дониши илмии хонандагон, маҳорату малакаҳои онҳо ва аз бар намудани барномаҳои таълимии география ташкил ва гузаронидани сайри илмӣ (экскурсия) муҳим мебошад. Дар рафти сайри илмӣ донишҳои назариявии хонандагон мустаҳкам ва дар амал татбиқ мешаванду салоҳиятҳои онҳо афзун мегарданд.

Ҳангоми таълими география дар синфи 6 мо метавонем, сайри илмӣ ташкил намуда, бо унсурҳои табиат, ба монанди дарё, кӯл, чашма, чинсҳои кӯҳӣ ва ғайраҳо, шинос шуда, мушоҳидаҳои метеорологӣ гузаронем. Ба ғайр аз ин, мо метавонем, сайри илмии маҷмуӣ ташкил намуда, бо якчанд унсури табиӣ хонандагонро шинос намоем ва алоқамандию ба ҳам таъсиррасонии онҳоро омӯзем. Инчунин, дар рафти сайри илмӣ метавонем, ки таъсири антропогениро ба муҳити зист омӯхта, мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ман дар давоми фаъолияти омӯзгорӣ ҳамасола барои шогирдон сайри илмӣ ташкил мекунам. Хонандагон барои гузаронидани сайри илмӣ хеле шавқманд буда, дар раванди он фаъолона иштирок мекунанд. Одатан, сайри илмиро дар фаслҳои тирамоҳу баҳор ташкил мекунам.

Маҳсулнокии сайри илмӣ аз тарзи дуруст ташкил намудани он вобастагии калон дорад. Рӯзи баргузории сайри илмӣ донистани вазъи боду ҳаво дар шароити кӯҳсор низ хеле муҳим аст. Дар сурати мусоид будани боду ҳаво як ё ду рӯз пеш аз сайри илмӣ ба хонандагон хабар дода мешавад. Ҳангоми интихоби мавзеи гузаронидани сайри илмӣ, пеш аз ҳама, бехатарии мавзеъро ба назар гирифтан зарур аст, зеро дар минтақаҳои кӯҳӣ ҳамеша хавфи боридани боронҳои зиёд, омадани сел ва дигар офатҳои табиӣ вуҷуд дорад.

Барои хонандагони синфи 6 ин аввалин сайри илмии географӣ мебошад. Пеш аз баргузории сайри илмӣ бо шогирдон ҳамсуҳбат шуда, дар бораи тарзи одобу рафтор дар рафти ин чорабинии илмӣ маълумот медиҳем. Сипас, дар бораи дуруст интихоб намудани либос ва бо худ гирифтани асбобу анҷоми зарурӣ, ба монанди метр, ресмон, қутбнамо, ҳароратсанҷ, қаровулак барои чен кардани суръати дарё, зарфи шишагин барои муайян намудани шаффофияти оби дарё, дафтару қалам ва дигар ашёи зарурӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронам. Хонандагон бо нақшаи маҳали сайри илмӣ шинос карда мешаванд. Барои маълумоти амиқ пайдо кардани бачаҳо дар бораи сайри илмии дарпешистода аз маводҳои ҷамъоварда ва корҳои баиҷрорасондаи солҳои пештар, ки дар кабинети география маҳфуз мебошанд, истифода мебарем. Бо мақсади бонизому самаранок гузаронидани сайри илмӣ аз таҷрибаву таассуроти як ё ду хонандаи синфҳои болоӣ, ки солҳои пештар дар сайри илмӣ иштирок намудаанд ва узви маҳфили «Географони ҷавон» мебошанд, истифода мебарам.

Мактаби рақами 3 дар деҳаи Сангевни Ҷамоати деҳоти Нулванди ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир аст ва объекти асосие, ки мо мавриди омӯзиш қарор медиҳем, дарёчаи Пунишори ҳамин минтақа мебошад. Рӯзи баргузории сайри илмӣ дар наздикии дарёча ҷамъ мешавем. Ба хонандагон маълумоти мухтасар дода

шуда, вазифаҳо дар байнашон тақсим карда мешавад. Сипас, онҳо ба фаъолияти илмӣ шуруъ мекунанд.

Ҳангоми гузаронидани корҳои омӯзишӣ-тадқиқотӣ ба чунин самтҳои омӯзишӣ аҳамият дода мешавад:

**Релефи маҳал:** Дар мавқеи кулай истода, тавассути қутбнамо самти ҷоришавии дарёро дақиқ мекунем. Муайян карда мешавад, ки ҷинсҳои кӯҳӣ ба самти ҷоришавии дарёча чӣ гуна таъсир мерасонанд. Оё дарёча ба кӯҳҳо мерезад?

**Сарчашмаи дарёча:** Муайян карда мешавад, ки дарёча аз чӣ сарчашма мегирад ва манбаи ғизогириаш чист?

**Ҳарорати об:** Ҳарорати обро ба воситаи гузоштани ҳароратсанҷ дар оби дарёча, то лаҳзаи ист кардани ҳаракати симоби ҳароратсанҷ, дар якчанд мавзеи дарё ва бо ёфтани ҳисоби миёна аниқ мекунем.

**Паҳноӣ ва чуқурии дарё:** Паҳноии дарёчаро ба воситаи ресмон дар якчанд мавзеи мачрои дарёча чен мекунем. Чуқурии дарёчаро аз болои купрук истода, ба воситаи тахтачаи дарози бо ченакҳои метри нишонкардашуда муайян мекунем.

**Суръати ҳаракати оби дарёча:** Мо суръати ҳаракати оби дарёчаро дар мавзеи ростҷараёни мачрои дарё, ба воситаи партофтани қаровулак ва чен кардани масофаи тайнамудаи он дар давоми як дақиқа ёфта метавонем. Агар масофаи тайнамудаи қаровулакро ба 60 тақсим намоем, суръати обро бо метр сония ё сантиметр сония меёбем.

**Остонаҳо ва шаршараҳо дар дарёча:** Остонаҳо ва шаршараҳо дар дарёча мушоҳида ва ба қайд гирифта шуда, омилҳои ба вуҷудорандаи онҳо ва баландии шаршараҳо муайян карда мешаванд.

**Муайян намудани шаффофии оби дарёча:** Бо мақсади муайян намудани шаффофии оби дарёча дар зарфи шишагин оби онро гирифта, ба сӯи равшанӣ равона намуда, мушоҳида менамоем. Сипас, зарфи обдорро ба мактаб оварда, таваҷҷуҳ мекунем, ки дар қаъри зарфи шишагин ягон ҷинси кӯҳӣ таҳшин шудааст ё не. Инчунин, ба воситаи дар об партофтани ягон ҷисми оҳанине, ки ранги сафед дораду ба ресмони ченаки метрӣ дошта пайваст аст, то лаҳзаи нопадид шуданаш, шаффофияти обро муайян мекунем.

**Истифодаи оби дарёча:** Дар ин замина ба ин масъалаҳо диққат дода мешавад:

A) Аз оби дарёча чанд деҳа истифода мебарад?

B) Чанд ҷӯйбор аз дарёча сарчашма мегирад?

C) Масоҳати заминҳое, ки аз ҳисоби оби дарёча обёрӣ карда мешаванд, чӣ қадар аст? (Ҷавоби ин суолро аз роҳбари Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ меёбем).

**Иваз шудани мачрои дарёча ва омадани сел:** Дар бораи иваз шудани мачрои дарёча ва омадани сел ба воситаи ҳамсуҳбат шудан бо мардуми куҳансоли деҳа мо маълумот пайдо карда метавонем.

**Таъсири антропогенӣ ба дарёча:** Фаъолиятҳои хоҷагидориро дар дарёча мавриди омӯзиш қарор дода, таъсири мусбату манфии одамонро ба он муайян менамоем.

Баъди ба охир расидани сайри илмӣ ҳамаи маълумотро ҷамъ намуда, таҳлил ва бо солҳои гузашта муқоиса мекунем.

Сайри илмии маҷмуӣ дар фасли баҳор ташкил карда мешавад. Мақсади ташкили сайри илмии маҷмуӣ, чӣ тавре ки дар боло қайд намудам, шиносоии хонандагон бо унсурҳои табиӣ, алоқамандӣ ва ба ҳам таъсиррасонии онҳо мебошад. Барои ташкил ва гузаронидани чунин сайри илмӣ доманакӯҳ, водии дарёча, талу теппаи атроф ва мавзеъҳое, ки таъсири антропогенӣ дар онҳо кам аст, интихоб карда мешаванд. Барои гузаронидани чунин чорабинии илмӣ ба донишҳои пештар андӯхтаи хонандагон, на танҳо аз география, инчунин, аз биология низ бояд такя намуд.

Дар рафти гузаронидани сайри илмии маҷмуӣ ба ин самтҳои корӣ диққат дода мешавад: Пеш аз ҳама, мавқеи маҳали омӯхташаванда нисбат ба мактаб муайян карда мешавад. Агар шумораи хонандагон зиёд бошад, мо метавонем, ки онҳоро ба ду ё се гурӯҳ тақсим намуда, майдонҳои 20х20-ро барои омӯзиш интихоб намоем. Дар рафти омӯзиш номи маҳал ба қайд гирифта шуда, шаклҳои релеф, намудҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, пӯшиши хок ва олами набототу ҳайвоноташ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Сипас, таъсири инсон ба маҷмуи табиӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта муайян карда мешавад, ки ин минтақа барои муҳофизат чӣ гуна заруриятҳо дорад. Дар поёни кор маълумоти ҳамаи гурӯҳҳоро ҷамъ намуда, муқоиса мекунем. Сипас, ҳамаи корҳо ҷамъбаст шуда, хонандагон баромад мекунанд.

Хулоса, сайри илмӣ дар вусъат бахшидани ҷаҳонбинии илмии хонандагон аҳаммияти калон дорад. Гузаронидани корҳои омӯзишию тадқиқотӣ дар рафти сайри илмӣ барои баланд бардоштани маҳорату малакаҳои хонандагон ёрӣ мерасонад. Бинобар ин, ташкили сайри илмӣ ба манфиати кор дар раванди таълиму тарбия мебошад.

**Рафоат ШАРИФЗОДА,**
**директори мактаби 54-и ба номи Лоиқ Шералии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,**
**Шамшод ДИЛШОДЗОДА,**
**омӯзгор**





# БОЗТОБИ МУНОСИБАТИ ПАДАРУ МОДАР БО ФАРЗАНД ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Дар адабиётшиносии ватанӣ ва ҷаҳонӣ доир ба рӯзгори Абулқосими Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ пажуҳишу таҳқиқоти комили зиёде анҷом шудаанд, аз ҷумла, донишмандону номвароне чун С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, Х. Шарифзода ва дигарон мақолаҳои илмӣ ва китобҳои судманде навишта, он ҳамосаи миллии моро аз ҷиҳатҳои мухталиф тадқиқ кардаанд. Аммо ҳадафи мо дар нигориши ин сатрҳо муайяну мушаххас кардани муносибатҳои модару падар ва фарзанд дар достонҳои мухталифи «Шоҳнома» мебошад. Барои ин ки мавзуъ дақиқтар равшан шавад, ибтидо назари куллӣ ба муносиботи зану мард дар «Шоҳнома» меандозем.

Парастиши илоҳа-модар куҳантарин ва нодиртарин иттифоқи даврони асотирии мардуми тоҷик шумурда мешавад. Эҷод гардидани «Шоҳнома» дар мавриди эътиқод ба зан ва қудрати ӯ ба унвони боарзиштарин ва комилтарин асар роҳи худро дар байни осори боқимонда аз он даврон ҳамвор сохт. Гузашта аз ин, "Шоҳнома" собит намуд, ки дар хонаводаҳои аҷдодони мо зан ва модар дорои ҷойгоҳи басо воло ва шоистае будааст.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чеҳраи зан мақому мартабаи хосса дорад. Дар ин ҳамосаи бузург тасвири бузургиву шаҳомат, корнамоию шуҷоат, одобу фазилат, тавоноиву зебоии ҷисмониву руҳии зан аз масоили асосӣ маҳсуб меёбад. Фирдавсӣ беҳтарин хислати занонро дар мардонагиву вафодорӣ, хушбаёниву суханварӣ, хирадмандиву накукорӣ ва ахлоқи пок, шармгинию покдоманӣ дарёфт намудааст. Эътиқод аз ибтидо бар ин буд, ки шукӯҳи хона бо кадбону ва кадхудо ҳарду пайвандӣ дорад ва бо он ки аз қадим низ солор ё калони хонавода падар ба шумор мерафт ва пас аз вай ба писараш мерасид, фарзандон муваззаф буданд, ки ҳам аз падар фармонбардорӣ кунанд ва ҳам аз модар.

Дар «Шоҳнома» ҷилваҳои тавоно ва сазовори зан дар нақши модар зоҳир мешавад, ки онҳо дар тасвири Фирдавсӣ хирадманд, дилсӯз, роздор ва шахси боэътимоди фарзандон ҳастанд ва бо меҳр ва шафқати модарона фарзандонашонро дар пасту баландиҳои рӯзгор муҳофизат ва пуштибонӣ мекунанд. Фаронак, Синдухт, Катоюн, Рӯдоба, Гулшаҳр ва ғайра аз қабили ҳамин гуна модарон ҳастанд. Пайванди модар ва фарзанд, махсусан, модару писар саршор аз ишқи модарона ва дилбастагии дуҷониба аст. Фарзандон дар сафар ва ҷангу набард дуои хайри модарро роҳкушо ва сабаби муваффақияти худ медонанд. Ба ҳамин сабаб, доимо дар талаби дуои неки модар ҳастанд. Паҳлавонон ҳангоми раҷазхонӣ ва чакомахонӣ, асолат ва бузургии модарро дар канори бузургии падар бармешумурданд. Майли отифии модару фарзанд бештар аз падар ва фарзанд аст.

Модарон дар издивоҷ ва хонадоршавии фарзандон нақши асосӣ ва таъйинкунанда доранд. Ҳамчунин, қадр ва манзалати модар қобили қиёс бо нақши ҳамсар нест ва дар ҳақиқат, арҷ ва азамати ҷойгоҳи модар ҳама нақшро тахти партави худ қарор медиҳад.

Аммо дар баъзе аз достонҳои «Шоҳнома» мушоҳида мешавад, ки модар дар тарбияи фарзанд нақш надорад. Масалан, дар тарбияи Сом ва писари ӯ Зол модар иштирок надорад. Мушоҳида мешавад, ки Фирдавсӣ тамоми мушкилот ва тарбияи фарзандро бар дӯши падар гузоштааст ва падар ҳам нақши худ ва ҳам нақши модарро дар тарбияи фарзанд мебозад. Ин нозукии масъаларо профессор Х. Шарифзода мушоҳида карда, чунин нигоштааст: «Дар тасвири падару

писар - Сому Зол модар иштирок надорад. Фирдавсӣ ҳама кори писарро бар дӯши накши падар гузоштааст». Падар дар «Шоҳнома» ва матнҳои куҳан ва махсусан, дар фарҳанги мардуми тоҷик ҷойгоҳи хосса ва баланде дорад. Накше, ки падар дар тарбияи фарзандон дорад, низ аслу асоси зиндагии баъдии онҳо қарор мегирад. Аммо накши падар дар тарбия ва муносибат ба духтар нисбат ба модар камтар аст. Дар достони «Золу Рӯдоба» мушоҳида мешавад, ки Сом ба писари худ-Зол ҳунарҳои зиёде меомӯзад ва расму оини мамлакатдорӣ ва подшоҳиро ба ӯ талқин мекунад:

**Пас он гоҳ Сом аз пайи пури хеш,**
**Ҳунарҳои шоҳон биёвард пеш.**
**Ҷаҳондидагонро зи кишвар бихонд,**
**Суханҳои боиста чанде биронд.**

Дар оғози достон Сом ба сабаби таънаю маломати дӯстону бузургон нисбат ба писари бо мӯйи сари сафед таваллудшуда ҷабру ноадолатие карда, ӯро ба Албурзкӯҳ мепартояд: «Падар меҳри пайванди худро афганд ва ба кӯдаки ширхор ҷафо кард”. Дар давоми ҳамин достон омада аст, ки Сом аз амале, ки дар хурдсолияш бо Зол карда буд, пушаймон шуда, узр мехоҳад ва ба Симурғ ҷиҳати тарбияи Зол таҳсин мехонад:

**Ба гоҳи ҷавониву кундоварӣ,**
**Яке беҳуда сохтам доварӣ,**
**Писар дод Яздон, бияндохтам,**
**Зи бедонишӣ арҷ нашнохтам.**
**Гаронмоя Симурғ бардошташ,**
**Ҷаҳонофарин хор нагзошташ.**
**Маро хор буд, мурғро арҷманд,**
**Бипарвард, то шуд чу сарви баланд.**

Писарон ҳам ба ору номус, асл ва аҷододи падари худ таваккуи хос доранд ва аз дудмону муносибати падари худ ба хеш менозанд.

Дар достони «Рустаму Суҳроб» мебинем, ки Суҳроб баъд аз ба синни муайяне расидан аз модар аз дудмону падари худ мепурсад, ки ӯ чи касест ва ба кадом коре машғул мебошад:

**Чу даҳсола шуд, з-он замин кас набуд,**
**Ки ёраст бо ӯ набард озмуд.**
**Бари модар омад, бипурсид аз ӯй,**
**Бад-ӯ гуфт густох: «Бо ман бигӯй,**
**Ки ман чун зи ҳамширагон бартарам?**
**Ҳаме б-осмон андарояд сарам.**
**Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?**
**Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?**

Ҳангоме ки Суҳроб аслу насаби худ ва фарзанди Рустами паҳлавон буданашро аз модар мефаҳмад, бо падари худ мефахрад ва мегӯяд:

**Чу Рустам падар бошаду ман писар,**
**Намонад ба гетӣ яке тоҷвар.**

Дар чаҳорчӯби низоми авлодӣ, инсонҳо дар дудмонҳо шакл мегиранд. Ҳар инсон ҷузъест аз аҷдоду дудмони хеш ва ба номи аҷдодаш номида мешавад ва дар моликияти аҷдод шарик аст, аз пуштибонии моддию маънавии узви дудмонии хеш бархурдор буда, бидуни ин ки тафовуте миёни вазоиф ва ҳуқуқи хеш қоил бошад, ба навбати хеш аз ҳамаи ҳамқавмон ҳимоят мекунад. «Ман»-е, ки ӯ мегӯяд, доиман маънои «мо»-ро дорад. Ӯ мудом ба фазоили падарон ва ба аҷдодонаш фахр мекунад, на барои ин ки дигаронро хор кунад ва ҳақир шуморад, балки барои ин ки мақому манзалати худро бозшиносад ва ба баҳои ҷони хеш аз «мо», аз дудмоне, ки ба он вобаста аст, дифоъ кунад ва бар ифтихороташ бияфзояд.

Мушоҳида мешавад, имрӯз дар кушоиши мушкилоти духтарон нисбат ба падарон модарон наздиктар мебошанд. Ин ҳолатро дар «Шоҳнома» бештар дар достони «Зол ва Рӯдоба» мушоҳида мекунем: «Аз кори духтар, тибқи муносибати оммаи мардуми эронӣ ва дар урфи дигар мардумони олам ҳам, бештар ва пештар модар огоҳӣ меёбад». Аз тафаҳҳус дар «Шоҳнома» маълум мешавад, ки миёни Зол ва Рӯдоба зане иттилоърасонӣ мекард. Синдухти модари Рӯдоба бошад, аз он зан чӣ сирри пинҳон доштани духтарашро мепурсад ва аз рози Рӯдоба огоҳ мешавад, бинобар ин, ба наздаш рафта мепурсад:

**Ба Рӯдоба гуфт: Эй гаронмоя моҳ,**
**Чаро баргузидӣ ту бар гоҳ чоҳ,**
**Чӣ монд аз наку доштан дар ҷаҳон,**
**Ки нанмудамат ошкору ниҳон?**
**Ситамгар чаро гаштӣ, эй моҳрӯй?!**
**Ҳама розҳо пеши модар бигӯй!**

Рӯдоба, ки то ин дам сухан аз ишқу ошиқӣ назада буд, модарро ҳамрозу ҳамдами хеш дида,

сирри ниҳонро аз дили фигор чунин иброз кард:

**Маро модарам гар назодӣ зи бун,**
**Нарафтӣ зи ман нек ё бад сухун.**
**Сипаҳдори Зобул ба Кобул бимонд,**
**Чунин меҳри ӯям бар оташ нишонд.**
**Чунон танг шуд бар дилам-бар ҷаҳон.**
**Ки гирён шудам ошкору ниҳон.**
**Нахоҳам будан зинда бе рӯи ӯй,**
**Ҷаҳонам наярзад ба як мӯйи ӯй.**

Аз таваҷҷуҳ ба ин достон чунин маълум мешавад, ки аз ҷилваҳои муҳимми дигари зан ба тартиби ошиқӣ, паҳлавонӣ ва подшоҳӣ аст. Дар «Шоҳнома» Зол бузургтарин ишқи ҳамосиро ба намоиш мегузорад ва ҳамосаи ин ишқро барои таваллуди паҳлавоне чун Рустам тадорук дидааст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳама чиз ранги ҳамосӣ дорад, ҳатто ишқ. Ба назари мо, меъёри интихоби достонҳои ишқӣ ва мантиқӣ, ки онҳоро бо «Шоҳнома» пайванд медиҳад, биниши сиёсии Фирдавсист. Муносиботи зану мард дар «Шоҳнома», ҷудо аз маҷмуаи ҳодисаҳо ва мушкилот нест, балки он оинаест, ки ҷонибҳои ношинохта ва ё камшинохтае аз симои қаҳрамононро инъикос карда, моро ба дарки комилтари онҳо ҳидоят мекунад.

Гузашта аз ин, занҳо дар зиндагии рӯзмарра, тибқи суннати маъмул воситаи сулҳҷӯӣ миёни духтару падар мебошанд. Аксари духтарҳо сирри худро мустақиман бо падар иброз карда наметавонанд ва модар миёни онҳо восита мешавад. Дар муносибати модару падар дар «Шоҳнома» мавзуъҳое ҳамчун мақому пуштибонии кишвар, ҳимояи номуси духтарон ва нигоҳ доштани иззату ҳурмати падар матраҳ мебошанд.

Ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ, бар хилофи баъзе андешаҳои имрӯз, ки рисолати занро дар тавлид ва парвариши кӯдак медонад, дар тасвири занҳо бисёр шуҷоъ аст ва онҳоро дар корҳои идорӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъол тасвир кардаст.

Аз таҳқиқи иҷмолии мавзуи мавриди пажуҳиш, ҳамчунин, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки тамоми маврид дар «Шоҳнома»-ро, ки марбут ба ин мавзуъ мебошанд, дар як мақолаи кӯчак таҳқиқ кардан аз доираи имкон берун мебошад. Таҳқиқи ин мавзуъ сароҳатан нишон медиҳад, ки гарчанде аз қадим то ин ҷониб сарвари оила дар хонаводаҳо мард аст, аммо нақши занон низ дар таълиму тарбияти фарзанд ва дигар умури ҷамъиятӣ кам нест ва муносибати модару падар ва духтару писар, ки дар «Шоҳнома» тасвир шудаанд, пайванд ба имрӯз доранд ва ҳамаи он хасоилу одатҳое, ки дар бархурд бо падару модар ва фарзандҳо дар ин асар тасвир шудаанд, дар замони муосир низ дар оилаҳои тоҷик ҷой доранд.

**Адабиёт:**

1. Абдулов, Н. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Назарбек Абдулов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 саҳ.
2. Андарзномаи Фирдавсӣ. (Таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ ва Камол Айнӣ) – Душанбе: Ирфон, 1992. – 272
4. Ёдкарди Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ (маҷмуаи мақолаҳо). Хуҷанд, 1993. – саҳ. 104.
5. Ибодиён М. Фирдавсӣ ва суннату нави варӣ дар ҳамосасароӣ / Маҳмуди Ибодиён – Теҳрон: Интишороти Гуҳар. Бидуни соли нашр. – 353 саҳ.
6. Ранҷбар, Аҳмад. Ҷозибаҳои фикрии Фирдавсӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1379. – 464 саҳ.
7. Сафо, З. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, Амири Кабир, 1384.
8. Фараҷуллоҳ, М. Ҳамосаи дод / Мизонӣ, Фараҷуллоҳ. – Теҳрон, 1367. – 280 саҳ.
9. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома Ҷ. 1. / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 479 саҳ.
10. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома Ҷ. 2. / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 саҳ.
11. Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон / Бадеъуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1380.
12. Хотамӣ, Аҳмад. Баррасии одоби пайванди заношӯӣ дар умури хонавода дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. / Фаслномаи «Адаб», шумораи 150. – Теҳрон, 1387. – 22 саҳ.
13. Шарифзода Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Худоӣ Шарифзода. – Душанбе, 2014. – 400 саҳ.
14. Яздонӣ Зайнаб. Зан дар шеъри форсӣ (Дирӯз-имрӯз). – Теҳрон: Фирдавс, 1378. – 522 саҳ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**"Маърифати омӯзгор"**



# МСТИСЛАВ КЕЛДИШ - МУҲАҚҚИҚИ ПРОБЛЕМАҲОИ МУДОФИАВӢ, АВИАТСИЯ ВА ПАРВОЗҲОИ КАЙҲОНӢ



Мстислав Всеволодович Келдиш ҳамчун олими соҳаи авиатсия, кайҳон ва барномаҳои ҳастаӣ шинохта шуда, таҳқиқоту коркардҳои ӯ ҳамеша дар доираҳои илмӣ мавриди муҳокима мебошанд. Барои ошноӣ бо фаъолияти ӯ дар ин нигошта маълумоти мухтасаре манзури хонандагон мекунем. Умедворем, ки барои омӯзгорон ҳамчун маводи ёрирасон ба кор меояд.

Мстислав Келдиш 10-уми феврали соли 1911 дар шаҳри Рига таваллуд шудааст. Падари ӯ Всеволод Келдиш: донишманди ҳирфаӣ, профессор, муҳандис – сохтмончии Институти политехникии Рига буд. Ӯ ҳаёти худро ба ҳисоби сохторҳои сохтмонӣ бахшида буд, ки ҳамкоронаш ба ӯ лақаби "падари оҳану бетони рус"-ро дода буданд. Модари ӯ, Мария Александровна, ба тарбияи ҳафт фарзанд машғул буд. Аҷдодони олими оянда ашрофзода буданд ва волидонаш маълумоти олидараҷа доштанд: забонҳои хориҷиро медонистанд ва ба санъат низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекарданд.

Ҳангоми ҳамлаи олмониҳо ба Рига дар соли 1915 оилаи келдишҳо ночор ба Москва интиқол дода шуданд. Оилаи донишманд дар макони нав равандҳои инқилобро шоҳид шуданд ва муваққатан дар шаҳри Ивановои назди Москва истиқомат мекарданд. Пас аз бозгашт ба пойтахт дар соли 1923 Мстислав ба мактабе дохил шуд, ки дар он мутахассисони соҳаи сохтмонро тайёр мекарданд. Дар давоми таътили тобистона, ҷавон ҳамроҳи падараш ба объектҳои гуногун мерафт ва дар он ҷойҳо бо коргарони одӣ бисёр муошират мекард. Маҳз дар ҳамин давра дар шуури ҷавон шавқ ба илмҳои техникӣ ва омӯзиши технологияҳои нави сохтмонӣ пайдо шуд. Соли 1930 Келдиш ба шуъбаи математикаи факултаи сохтмонии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дохил шуда, онро соли 1931 хатм кард. Дар аввали солҳои 30-ум мутахассиси ҷавонро дар Институти марказии аэродинамикии ба номи А. Жуковский ба кор қабул мекунанд. Дар ин ҷо Мстислав зиёда аз 15 сол кор карда, аз муҳандиси одӣ то роҳбари шуъбаи устувории динамикӣ мерасад. Дар баробари кори пажуҳишгоҳ ӯ кори омӯзгориро низ дар донишгоҳ идома медиҳад.

Фаъолияти меҳнатии Келдиш дар Институти давлатии аэродинамикии марказӣ (ЦАГИ) бо таҳқиқоти соҳаи ҳавопаймосозӣ алоқаманд буда, бо гурӯҳи корие, ки ба он Мстислав Всеволодович роҳбарӣ мекард, як қатор кашфиёти бузургро дар соҳаи аэрогидродинамика ба даст оварданд. Соли 1935 пас аз ҳимояи бомуваффақияти рисолаи илмӣ, ӯ номзади илмҳои физикаю математика гардид ва пас аз ду сол ба ӯ дараҷаи илмии профессор дар соҳаи аэродинамика дода шуд. Соли 1938 профессор

## ЯКЕ АЗ КОШИФОНИ АЭРОГИДРОДИНАМИКА

Келдиш узви Шурои илмӣ-техникии Институти давлатии аэродинамикаи марказӣ интихоб гардид.

Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаъолияти илмии Келдиш ба омӯзиши масъалаҳои устувории динамикӣ ва ларзиш дар ҳавопаймосозии ватанӣ равона карда шуд. Дар оғози ҷанг, проблемаи "флаттер" яке аз мушкилоти шадиди авиатсия ба шумор мерафт. Ларзиши худсаронаи бол ҳангоми суръати баланди парвоз аксар вақт барои амалӣ кардани амалиёт монеа мешуд. Дар якҷоягӣ бо ҳамкорон профессор тавонист, ҳалли ин муамморо пайдо кунад ва ба ҳавопаймоҳо имкон диҳад, то суръати баландро бидуни таъсири манфӣ соҳиб гарданд. Барои таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомдодааш Мстислав Всеволодович бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва Ҷоизаи Сталинии дараҷаи II сазовор гардонида шуд.

Кори омӯзгории ӯ дар донишгоҳ идома ёфта, соли 1943 Келдиш унвони узви-вобастаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравиро соҳиб гардида, баъдтар муовини президенти ин академия таъйин шуд ва дар соли 1961 ба вазифаи президенти ин ниҳоди илмӣ интихоб гардид. Аҳаммияти тадқиқоти ӯ дар соҳаи математика аз кашфиёташ дар аэродинамика камтар нест. Корҳои анҷомдодаи ӯ оид ба таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ дар байни олимон ҳайрату ҳавасмандӣ ба бор овард. Мстислав Всеволодович дар математика дониши амиқ дошт ва қодир буд, ки ин ё он кашфиётро ба таври ғайричашмдошт истифода барад. Тадқиқоти олим дар соҳаи механика ва математика ӯро дар байни ҳамватанон муътабар гардонида, дар илми ҷаҳонӣ шахси боэътибор муаррифӣ намуд.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ муҳаққиқ ба таҳияи мушакҳо ва силоҳҳои атомӣ машғул шуд. Дар соли 1946 Келдиш ба вазифаи роҳбари Институти илмӣ-таҳқиқотии якум (НИИ-1)-и Вазорати саноати авиатсия таъйин шуд ва дар истифодаи усулҳои амалӣ дар соҳаи ракетасозӣ фаъолияти пурсамар нишон дод. Соли 1951 бо иштироки ӯ - ҳамчун мутахассиси барҷаста Институти физикию техникии Москва (МФТИ) таъсис дода шуд.

Мстислав В.К. узви гурӯҳи созандагони бомбаи термоядроӣ низ буд. Махсусан, барои амалӣ сохтани ин лоиҳа Бюрои ҳисоббарорӣ таъсис дода шуд. Дар миёнаи солҳои 1950-ум ин кор ба таҳиягари он унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистиро овард.

Ӯ бо конструктори машҳури собиқ Шуравӣ Сергей Павлович Королев ҳамкории зич дошт. Дар солҳои панҷоҳум Келдиш як қатор тадқиқоти назаррасро оид ба баровардани ҷисмҳои сунъӣ ба мадори Замин анҷом дод, сипас, бо масъалаҳои парвоз ба Моҳ ва дигар сайёраҳои системаи офтобӣ машғул шуд.

Солҳои 60-ум Келдиш барномаи "Моҳ"-ро, ки парвозҳоро дар истгоҳҳои худкор дар бар мегирифт, роҳбарӣ мекард. Ғайр аз ин, дар лоиҳаи омӯзиши сайёраи Зуҳра бо ёрии истгоҳҳои худкори кайҳонӣ иштирок кард. Барои саҳмгузорӣ дар омӯзиши кайҳон дар соли 1960 ӯ раиси Шурои илмӣ-техникии байнисоҳавӣ оид ба тадқиқоти кайҳонӣ дар назди Академияи илмҳои СССР таъйин шуд. Дар ин мақом ӯ дар рушди илмҳои биологияи молекулярӣ, кибернетика, электроникаи квантӣ ва генетика саҳми бузург гузошт. Дар баробари кори асосӣ ӯ дар ҳайати комиссияҳои гуногун ба масъалаҳои таҳқиқи кайҳон машғул шуданро идома дод. Ҳамин тавр, пас аз марги кайҳоннавардони "Союз-11" ӯ гурӯҳи садамавиро барои муайян кардани сабабҳои садама роҳбарӣ кард. Ҳамчун корманди илмӣ бевосита дар татбиқи барномаи "Союз-Аполлон", инчунин, дар рушди Лоиҳаи байналмилалии "Интеркосмос" иштирок кард. Дар солҳои баъдӣ ин олими заковатманд ба сохтани неругоҳҳои офтобии кайҳонӣ барои гирифтани манбаъҳои алтернативии неруи барқ машғул шуд.

Келдиш аз гузаштагони худ фахр мекард, агарчи онро пинҳон медошт. Дар варақаи хидматии расмӣ пайдоиши иҷтимоии худро "асилзода" сабт мекард, аз ин рӯ, соли 1927 ба ӯ барои дохил шудан ба Институти муҳандисони шаҳрвандӣ иҷозат надоданд.

Келдиш бо Станислава Валеряновна издивоҷ карда, соҳиби ду фарзанд шуд: Светлана ва Пётр. Писараш факултаи механика ва математикаро хатм кард ва духтараш, баъдтар дар

осорхонаи Келдиш ҳамчун олими соҳаи математика кор кард. Математики боистеъдод Келдиш таҳқиқоти худро идома дод ва аксар вақт бо муаллими собиқи худ математики машҳури Шуравӣ Михаил Лаврентев ҳамкорӣ мекард. Яке аз мавзуъҳое, ки ӯ таваҷҷуҳ дошт, “Масъалаи Дирихле” буд.

Ӯ дар назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ низ лаёқати баланд дошт. Дар соҳаҳои амалии аэродинамика саҳми босазо гузошт. Солҳои 1940-60 мушовири асосии назариявии ҳукумат ва ташкилкунандаи корҳои марбут ба муҳаррикҳои реактивӣ ва кайҳон буд. Мушкилоти ларзиши ҳавопаймоҳо танҳо яке аз аввалин вазифаҳое буд, кор мекард. Мушкилоти дуюм дар чархи пеши ҳавопаймо ҳангоми фуруд омадан ба вуҷуд меомад. Таҷрибаи ҳалли мушкилоти ларзиш ва ҳалли мушкилоти чархаҳо дар якҷоягӣ бо дастурҳои муфассал барои муҳандисон соли 1945 чоп шуд. Дар Институти давлатии аэродинамикии марказӣ (ЦАГИ)-и ба номи Жуковский кор карда, ҳамзамон, ӯ Институти математикаро тарк накард ва аз замони таъсиси он дар моҳи апрели соли 1944 то соли 1953 мудири кафедраи механика буд. Намунаҳои корҳои ин давра, ки ӯ дар Институти ба номи В.А. Стеклов анҷом дод, инҳоянд: "Дар бораи баҳои миёнаи квадратии полиномҳои функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ" (1945), "Дар бораи интерполятсияи функсияҳои умумишуда" (1947). Гарчанде ин асарҳо ба математикаи абстрактӣ тааллуқ доранд, таваҷҷуҳи Келдиш ба ин мушкилот бо ғояҳое, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии амалӣ пайдо шудаанд, ба вуҷуд омадаанд.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Мстислав Келдиш бо лоиҳаҳои асосии илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ мешуданд, машғул буд. Соли 1946 роҳбари Пажуҳишгоҳи таҳқиқотӣ-илмии реактивӣ шуд ва 9 сол ин вазифаро иҷро кард. Солҳои 1961-1962 муовини президенти Академияи илмҳои ИҶШС ва солҳои 1962-75 президенти он буд. Соли 1971 дар ҷашни 60-солагияш эътироф кард, ки аз қатъи таҳқиқот ва тамаркуз ба идоракунӣ пушаймон аст. Бо вуҷуди ин, дар рушди силоҳи ҳастаӣ, инчунин, барномаи тадқиқоти кайҳонӣ нақши муҳим бозид. Масалан, ӯ яке аз се олиме буд, ки соли 1954 барномаи моҳвораи кайҳонии Шуравиро пешниҳод кард ва соли 1955 раиси комиссия барои назорати барномаи таъсисёфта таъйин шуд. Аввалин парвози бомуваффақияти моҳвора дар соли 1957 ба барномаи тадқиқоти кайҳонӣ оғоз бахшид ва ӯ тавассути бахши математикаи амалӣ ба ин кор ҷалб шуд. Соли 1959 Шурои илмӣ-техникии байнисоҳавӣ таъсис ёфт ва раиси он Мстислав Келдиш таъйин шуд. Соли 1975 Мстислав Келдиш бо сабаби вазъи саломатӣ аз вазифаи президенти академия истеъфо дод. Гуфта мешавад, ки ин тасмим аз сабаби хастагӣ ва ё ташаннуҷ, ки илм ҳамчун воситаи асосии муборизаи сиёсӣ истифода мешуд, ба вуҷуд омадааст.

Меҳнату заҳмати олим ҷоизаҳои зиёдеро сазовор шудаанд. Дар маҷмуъ, хидматҳои ин олим се маротиба бо Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, ҳафт маротиба ордени Ленин, се ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, орденҳо ва медалҳои сершумор, аз ҷумла, аз давлатҳои хориҷӣ қадрдонӣ гардидааст. Ӯ узви 16 академияи илмҳои ҷаҳонӣ интихоб гардида, доктори фахрии 6 донишгоҳи ҷаҳон буд.

Мстислав Келдиш 24-уми июни соли 1978 вафот кард ва ҳамчун нишонаи эҳтиром ба заҳмати ин олими бузург турбати ӯ дар Некропол, дар назди девори Кремл дафн карда шуд. Тибқи тафсири расмӣ олим аз сактаи дил вафот кардааст. Ҳамзамон, тафсири дигаре низ ҳаст, ки ӯ худкушӣ намудааст. Новобаста аз сабабҳои марг, даргузашти ӯ барои илми ҷаҳонӣ талафоти вазнин буд. Хотираи Мстислав Всеволодович Келдиш аз ҷониби наслҳои минбаъда қадршиносӣ шудааст. Кӯчаҳо ва майдонҳо, сайёраи хурди Системаи офтобӣ, танӯри Моҳ бо номи ӯ гузошта шудаанд. Академияи илмҳои Русия барои корҳои илмии барҷаста дар соҳаи математикаи амалӣ ва механика, инчунин, тадқиқоти назариявӣ дар соҳаи азхудкунии фазои кайҳон медалҳои тиллоии ба номи Мстислав Келдишро тақдим мекунад.

**Зебунисо ҚОСИМОВА,**
**директори мактаби №33-и**
**ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ**

# ВАССОФИ ҲАЁТИ НАВРАСОН



**Зариф ҒУЛОМ,**
**нависанда**

**ХОНАНДАЕ, КИ НАВИСАНДА ШУД**

Муаллим Ҳасанов дар даст дафтари синф ва китоби дарсии «Адабиёти Ватан» ба синфи нуҳум даромад. Хонандагон баробар қомат бардоштанд. Ӯ бо чеҳраи шукуфон салом дода, пушти миз рост шуд. Талабаҳо бо садоҳои гуногун ҷавоби салом баргардонданд.

- Шинед! - амр кард омӯзгор ва ба Зокир рӯй оварда гуфт: - Ту ҳоло дар ҷоят рост исто, - ва суханашро давом дод: - Бачаҳо! Суханони маро аз ёд набаоред. Ана, ҳамин шарикдарсатон дар оянда нависанда мешавад.

Ба ин таъкид ва пешгӯйии муаллим танҳо Файзулло эрод гирифт. Хусумати ӯ нисбат ба чапа пӯшид. Бо саъю кӯшиши киноёмези ӯ тахаллуси «нависанда» ба Зокир часпид. Агар Зокир ба давраи бачаҳо наздик мешуд, Файзулло бо лаҳни таҳқиромез ба ҳамсолонаш муроҷиат мекард:

- Ба шумо нависандаи маъруфи мактаб мепайвандад. Ӯро бо ҳурмату эҳтиром истиқбол гиред.

Ва чун дар гурӯҳи ҳамсинфон Зокир сухане ба забон орад, рақиб ҳамчун ровии оташингуфтор дарҳол бо ҷумлаи истеҳзоомез ҳамроҳ мешуд:

- Ҳоло бо шумо, шунавандагони муҳтарам, нависандаи боистеъдоди синфи нуҳум аз эҷодиёти оламшумули худ қиссаҳо меҳонад.

Дар ин гуна ҳолатҳо дӯстону ҳамсинфон хандаи осмонкафи худро ба ҳаво сар медоданд. Кирдори ношоями Файзулло ба он оварда расонд, ки Зокир мардумгурез шуд ва хонанишиниро ихтиёр кард.

Дар таътили тобистона директори мактаб Абдулазизов супориш дод, ки бачаҳои синфҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳум барои сохтмони синфхонаҳои иловагӣ хишт резанд. Навбат ба Зокир, Азиз, Сайфулло ва Ҳақназар расид. Онҳо акнун ба кор оғоз намуда буданд, ки ба

Ҳикояи «Хонандае, ки нависанда шуд»-и адиби хушбаён Зариф Ғуломро дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» мутолиа намуда, дарёфтам, ки муаллиф чандин сол ба касби омӯзгорӣ машғул буда, бо сабаби ба ҳаёти наврасон аз наздик ошно будан онро бо як маҳорати баланди бадеӣ ба қалам додааст. Худи адиб, ки бевосита ба нозукиҳои касби омӯзгорӣ, муносибати некбинонаи муаллимон нисбат ба шогирдон, боварӣ ба дӯстию рафоқати ҳамсолон, рақобату хислатҳои шӯрангези шарикдарсон сару кор доштааст, ин рӯйдодҳои таъсирбахши мактабиро дар таълими насли наврас воситаи беҳтарини тарбия дониста, ҳаёти наврас-қаҳрамони асосии асарро хеле ҷолиб ва шавқовару мароқангез дар ҳикоя тасвир намудааст.

Ба ин муроҷиати меҳрубононаи муаллим диққат диҳед, ки дар он роҳи ояндаи наврас пешгӯйӣ карда мешавад:

**- Бачаҳо! Суханони маро аз ёд набароред! Ана, ҳамин шарикдарсатон дар оянда нависанда мешавад.(саҳ. 60).**

Худи адиб, ки солҳои зиёд аз касби омӯзгорӣ бархурдор будааст, муносибату муноқишаи наврасонро ҳунармандона ба қалам додааст:

**Агар Зокир ба давраи бачаҳо наздик мешуд, Файзулло бо лаҳни таҳқиромез ба ҳамсолонаш мегуфт:**

**- Ба шумо нависандаи маъруфи мактаб мепайвандад. Ӯро бо ҳурмату эҳтиром истиқбол намоед. (саҳ. 60).**

Бояд зикр намуд, ки дар маркази ҳикоя ташрифи адиби маъруф Пӯлод Толис ба мактаб ва муколамаи қаҳрамони асосии асар Зокир бо сардабири маҷаллаи «Шарқи сурх» ҷой гирифтааст, ки онро муаллифи ҳикоя басо шавқовар ва хотирмон пешкаши хонандагон гардондааст:

**- Ъэ, шумо адиб Пӯлод Толис мебошед?**

**Зокир хурсандиашро пинҳон карда натавонист.**

**- Ҳа, ман Пӯлод Толис мебошам, - бо лабханди мафтункунанда ҷавоб гардонд ҳамсуҳбат. – Шумо маро аз куҷо ва чӣ тавр медонед?**

**- Охир, ман китобатон «Ҳикояҳои даҳ сол», қиссаи «Тобистон» ва ҳикояи «Лолачинӣ»-атонро хондаам, - саросема посух гардонд Зокир, ки гӯё касе пеши суханашро мегирифта бошад. (саҳ.61).**

Шоёни таҳсин аст, ки адиб дар баробари баён намудани орзуи асосӣ, яъне, майл доштани Зокирро ба касби пурмашаққату боифтихори нависандагӣ дар як вақт диққати хонандаро ба масъалаи тасвири ҳаёти наврасони водии Вахш ҷалб менамояд:

**- Иҷозат медиҳед, ки ман ба шумо савол диҳам,-писарбача ҷуръат пайдо кард… -Чаро адибон дар бораи ҳаёти наврасони водии Вахш асаре намеофаранд? Аз соати шаши пагоҳӣ то соати даҳи шаб ба ғунучини пахта овораем. Қариб ду чоряк пахта мечинем. Боз ташвишҳои дигар. (саҳ.61).**

Маврид ба қайд мебошад, ки муаллиф марҳалаи ба мақсад расидани наврасро аз забони омӯзгор самимӣ ва ҳонданбоб ба қалам додааст, ки хонанда аз мутолиаи он як ҷаҳон ҳаловат мебарад ва ҳамин лаҳза дар тарбияи ҷаҳонбинии насли наврас нақши бориз мебозад:

**- Порсол ман ба шумо гуфта будам, ки Зо-**

**кирҷон нависанда мешавад. Баъзеатон, - дар ин ҷойи сухан муаллим чашм ба сӯи Файзулло давонд, - бо шубҳа пешгӯйии маро қабул карда будед. Ва, инак, дар тасдиқи таъкиди ман маҷаллаи «Шарқи сурх» ҳикояи ҳамсинфатонро бо номи «Задухӯрд» дар таҳрири нависандаи маъруф Пӯлод Толис аз чоп баровардааст, - ва Ҳасанов маҷалларо кушода, саҳифаи чопшудаи ҳикояро ба хонандагон нишон дод. (саҳ. 61).**

Чун адиб аз шаклу усулҳои тарбияи педагогӣ бархӯрдор будааст, анҷоми ҳикоя, яъне, мунокишаю зиддияти ҳар ду қаҳрамонони асарро бо сулҳу салоҳ, бо дӯстию бародарӣ ва ҳамдигарфаҳмию рафоқат ба охир расондааст, ки ба ақидаи ман бурди асосии асар дар ҳамин аст:

**Файзулло ба Зокир, ки машғули хондани ҳикоя буд, наздик шуда, бо овози паст гуфт:**

**- Маро бубахш, Зокирҷон! Ман бовар надоштам. Акнун бовар кардам, ки ту дар ҳақиқат қобилияту истеъдод доштаӣ! Аз гуноҳам гузар.**

**- Ба гузашта салавот, - Зокир дасти Файзуллоро бо меҳр фишурд ва онҳо дастобадаст хандакунон ба берун, ба назди ҳамсинфонашон давида рафтанд. (саҳ. 61).**

Хотиррасон карданием, ки ҳикоя басо равон, оммафаҳм, бо ҷумлаҳои сода ва шинам навишта шуда, адиб кӯшиш намудааст, ки ҳаёти наврасонро шавқангезу таъсирбахш тасвир намояд.

Мусаллам аст, ки адабиёти бадеӣ ҳамчун омили асосии тарбияи наврасон ва сарчашмаи ташаккули насли наврас дар рушди нутқ, зеҳн, хотира ва ҳисси донишандӯзии хонандагон нақши муҳим дорад. Зеро ки бо омӯзиши асарҳои бадеӣ ба хонандагон нозукиҳои адабӣ, табиӣ ва фарҳангию иҷтимоиро фаҳмонда, бо ин васила, назокати нигорандагӣ ва тасвирсозии адиб шиносонда мешавад. Хеле бамаврид мебуд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таълими дарсҳо ва машғулиятҳои беруназзинфӣ аз ин асари пурмуҳтавои нависанда мақсаднок истифода баранд, чунки ин тарзи кор шавқу завқи хонандагонро ба адабиёти бадеӣ зиёд менамояд.

Дар охир умед дорем, ки адиби ширингуфтор, собиқ омӯзгори мактаб Зариф Ғулом боз асарҳои ҷолиб ва мароқангез аз ҳаёти наврасон меофарад.

## МО ТОҶИКЕМ!

**Мо тоҷикем, ворисӣ он қавми пурғурур,**
**Бар дӯши мост панҷаи партавфишони нур.**
**Як сарзамини меҳру саховат вуҷуди мост,**
**Аз мо саломи меҳр расон то ба дури дур!**

**Пок аст аз сафои Ватан рӯи зиндагӣ.**
**Осуда меравем ҳама сӯи зиндагӣ.**
**Амвоҷи бӯйи хуш бирасад бар машоми мо**
**Аз навбаҳори тозаву дилҷӯи зиндагӣ.**

**Дар рӯ ба рӯи мост агарчи адӯи мо,**
**Хоҳад ба дасти макр бигирад гулӯи мо.**
**Аммо нигоҳи кинавараш хира мешавад**
**Аз шуълаҳои фазл, ки резад зи рӯи мо.**

**Моем он ҳақе, ки ба ҳақдор мерасем,**
**Бо табъи офтобии саршор мерасем.**
**Чун партави сафои хирад раҳнамои мост,**
**Бо ҷони нурбор пуранвор мерасем.**

**Моро равони ҷисм бувад худ равони шеър,**
**Пайванди ҷони мост абад бо ҷаҳони шеър.**
**Арзу умеду нусрати армони хешро**
**Гӯем аз азал ба ҳама бо забони шеър.**

**Мо тоҷикем, халқи сахопеша, дилкушод,**
**Муҳри вафо ба лавҳи дили мо Худо ниҳод.**
**Дар тиннати мунаввари мо шед ханда кард,**
**Бар рӯи бахти мо рухи моҳи фалак фитод.**

**Донӣ, вуҷуди мост чу як хиттаи виқор,**
**Он хиттае, ки ҳаст панаҳгоҳи эътибор.**
**Моем чун уқобу тафохур чу боли мост,**
**Пар мезанем бар шафати кӯҳи нангу ор.**

**Сад шукри ин Ватан, ки ба мо аз Худо расид,**
**Ин тоҷи шаън бар сари мо аз ниё расид.**
**Эҳёи рӯзгори навини диёри мост,**
**Эҳёи халқи мост, ки бо Пешво расид.**

**Боле бизан, кабутару пайки саҳар расон,**
**Бар гӯши халқи даҳр зи мо хушхабар расон!**
**К-имрӯз офтоби зафар ёри мо бувад,**
**Аз мо паёми сулҳ ба аҳли башар расон!**

**Мо тоҷикем, миллати дар даҳр беназир,**
**Бо мост фазли ҳикмату бо мост дасти пир.**
**Дарҳои бози мо дари сулҳ асту ишқу меҳр,**
**Эй Офаридагор, саноӣ дилам пазир!**

**Рӯдобаи МУКАРРАМ**

## САЙҚАЛӢ ЗЕҲН

**Мураттиб: М. ШАРИФЗОДА**

### ЧАЙНВОРДИ 33-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шартҳо:**
**1**. Муаллифи оҳанги Суруди миллии Тоҷикистон.
2. Нахустин стансияҳои барқи обии ҷумҳурӣ.
3. Номи сарояндаи номдори Тоҷикистон.
4. Шоираи номдори тоҷик.
5. Асбоби миллии мусиқӣ.
6. Барномаи телевизионӣ.
7. Сохтмони бузурги аср.
8. Номи яке аз қаҳрамонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Яке аз бурҷҳои осмон.
10. Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
11. Шаҳри энергетикҳои тоҷик.
12. Манбаи илму дониш.
13. Шарқшиноси чех -муҳаққиқи адабиёти тоҷик.
14. Олими машҳури илми физикаи тоҷик.
15. Категорияи фалсафӣ.
16. Асари машҳури аллома Бобоҷон Ғафуров.
17. Узви бадани инсон.
18. Қаҳвахона дар пойтахти ҷумҳурӣ.
19. Ҳомии Ватан.
20. Номи сароянда хушовоз, устоди санъати Тоҷикистон.
21. Ноҳия дар шарқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
22. Бузи кӯҳӣ.
23. Чойхонаи машҳури пойтахти ҷумҳурӣ.
24. Яке аз шаҳрҳои Тоҷикистон.
25. Меваи хуштамъ.
26. Озмоишгоҳи астрофизикаи тоҷик.
27. Ҳаммаънои калимаи “фикр”.
28. Деҳа дар шимоли Тоҷикистон.
29. Қисми тақсимоти маъмурӣ-территориявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
30. Яке аз маҳаллаҳои куҳантарини шаҳри Душанбе.
31. Шоири халқии Тоҷикистон.
32. Шахси баландмақоми низомӣ.
33. Чоркунҷае, ки тарафҳои баробар дорад.
34. Як шакли санъати театрӣ.
35. Парандаи зебо.
36. Қаҳрамони миллии мардуми Тоҷикистон.
37. Иди байналмилалии мардумӣ.
38. Ордени давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
39. Нашрияи Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
40. Футболбози машҳури дастаи “Помир”-и шаҳри Душанбе.
41. Хоки муқаддас.
42. Жанри адабӣ.
43. Яке аз вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
44. Сабқати телевизионии ҳунарҳои мардумӣ.
45. Яке аз шаҳрҳои Тоҷикистон.
46. Ноҳияи кӯҳистони ҷумҳурӣ.



### ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ “ДОНИШ”

1. «Адиб». 2. Бухоро. 3. Осмон. 4. Нигина. 5. Адл. 6. Лоиқ. 7. Қоф. 8. Физика. 9. Ангубин. 10. Нон. 11. Нидо. 12. Офтоб. 13. Бист. 14. Тин. 15. Нок. 16. Коф. 17. Фано. 18. Осимӣ. 19. Икс. 20. Сом. 21. Мактаб. 22. Бахром. 23. Мим. 24. Мадҳ. 25. Ҳол. 26. Лола.

**Дар давра:**
1. Амали хайр, саховатмандӣ. 2. Муродифи калимаи инсон. 3. Ҷонишини якуми шахси танҳо. 4. Романи Юсуф Акобиров. 5. Махзани дониш. 6. Вилоят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 7. Навъи санъат. 8. Исми хати арабӣ. 9. Аспбонро гӯянд.

**Ҷавоби саволҳои давра:**
1. Сахо. 2. Одам. 3. Ман. 4. «Норак». 5.Китоб. 6. Бохтар. 7. Ракс. 8. Сулс. 9. Саис.

# МУНДАРИҶА


СУХАНИ ПЕШВО

Мо бояд ба хотири фардои ободи давлат ва ҷомеа сидқан ба илму маориф рӯ оварем......1

ТАМАННИЁТ

Дониш чароғи раҳнамои зиндагист.......................................................................13

САФАР БА БАДАХШОН

“Маърифати омӯзгор”. ВМКБ: Ҳамдилию ҳамбастагӣ мароми аҳли маорифи вилоят аст..15

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Д. САЙФИДДИНЗОДА. Ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд: ҳамкории нотариат бо муассисаҳои таълимӣ.......................................................................................................29

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Р. РОЗИҚОВА. Бачаҳо бо табиат чӣ гуна шиносоӣ пайдо мекунанд?.............................31

УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ

М. ҶУМЪАЕВА. Таҳсилоти ибтидоӣ: Агар хонанда гӯш карда тавонад.........................33

НАБЗИ МАОРИФ

Н. ҚОДИРОВ. Сифати таҳсилот – омили аслии рушди ҷомеа........................................35

МАТЕМАТИКА

Б. ШОДИЕВ. Бо касри даврӣ ифода шудани ададҳои ратсионалӣ ва иррационалӣ..........37

ХИМИЯ

М. САИДЗОДА. Нанонайчаҳои карбонии якдевордор ва истифодабарии онҳо.............42

РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

Х. РАҲИМОВ. Таълими шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ дар синфи VII....................................46

ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Ф. НАЗРИЕВА. Роҳҳои инноватсионии тадрис ва истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбия.......................................................................................................................48

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ РӮДАКӢ

Ф. М. АБДУЛХОНОВ. Суннатҳои давлатдорӣ ва афкори ахлоқӣ - ҳуқуқӣ дар осори Одамушшуаро.............................................................................................................50

ГЕОГРАФИЯ

Д. МАҲМАДОВ. Хонандагон ба сайри илмӣ рафтан мехоҳанд?....................................52

ТАРБИЯ

Р. ШАРИФЗОДА, Ш. ДИЛШОДЗОДА. Бозтоби муносибати падару модар бо фарзанд дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ......................................................................54

ЯКЕ АЗ КОШИФОНИ АЭРОГИДРОДИНАМИКА

А. ШАРИФЗОДА. Мстислав Келдиш - муҳаққиқи проблемаҳои мудофиавӣ, авиатсия ва парвозҳои кайҳонӣ......................................................................................................57

БА МО МЕНАВИСАНД

З. ҚОСИМОВА. Вассофи ҳаёти наврасон.......................................................................60

САЙҚАЛӢ ЗЕҲН

М. ШАРИФЗОДА. Чайнворди 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон...62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.
**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60х841/8.**
**Адади нашр 6410 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**